ISSN 2412-141X

МАЪРИФАТ
АДОЛАТ
САДОҚАТ
ҚОНУНИЯТ

ПРОСВЕЩЕНИЕ
СПРАВЕДЛИВОСТЬ
ПРЕДАННОСТЬ
ЗАКОННОСТЬ

# ОСОРИ АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## (МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)

# ТРУДЫ АКАДЕМИИ МВД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## (НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ)

№2(62)
2024

ТДУ 351.74:001 (575.3)
ТКБ 67.99(2) 166.31+72(27034)
О-77

**ОСОРИ АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 2 (62). 2024**

**Муассис** – Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатнома оид ба қайд гирифтан таҳти № 335/МҶ-97 аз 1-уми марти соли 2024.

Маҷаллаи илмӣ аз соли 1998 нашр мегардад.

Маҷаллаи илмӣ соли 2015 ба Шохиси иқтибосоварии илмии Россия (РИНЦ) ворид карда шуд.

Маҷаллаи илмӣ ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризии Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо бояд натиҷаҳои асосии илмӣ оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илмҳо ва доктори илмҳо нашр гарданд, ворид аст. Дар маҷалла мақолаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.

**РАИСИ ШУРОИ ТАҲРИРӢ:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.** – Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
**АЪЗОЁНИ ШУРОИ ТАҲРИРӢ:**
**Маҳмудзода М.А.** – аъзои пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон; **Раҳимзода М.З.** – аъзои вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Ятимов С.С.** – аъзои вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент; **Гаврилов Б.Я.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Мулукаев Р.С.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Салников В.П.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Михайлов В.А.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Омелин В.Н.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Хабибуллин А.Г.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Ализода З.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Алимов С.Ю.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Буризода Э.Б.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Зоир Ҷ.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Иброҳимов С.И.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Искандаров З.Ҳ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Муртазозода Ҷ.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Назарзода Н.Ҷ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Пулатов Ю.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Раҷабзода Р.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Холиқзода А.Ғ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Шарипов Т.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Шарофзода Р.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Солиев К.Ҳ.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Федоров А.В.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**РАИСИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРӢ:**
**Насуриён П.А.** – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
**МУОВИНИ РАИСИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРӢ:**
**Раҳмадҷонзода Р.Р.** – муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
**АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРӢ:**
**Баранов В.М. –** Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Матскевич И.М.** – Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Ҷоробекова А.М.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Қирғизистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Азиззода У.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Раҳмон Д.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Диноршоҳ А.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Сафарзода А.И.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Золотухин А.В.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Назаров А.Қ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Захартсев С.И.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Гармаев Ю.П.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Аубакирова А.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Нематов А.Р.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Абдухамитов В.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Россинский С.Б.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Коомбаев А.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Шарифзода Ф.Р.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Абдурашидзода А.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Мансурзода А.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;
**Самиев Н.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Сафарзода Ҳ.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; **Арипов А.Л.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; **Ватизода Н.Д.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

| | |
|---|---|
| **Котиби масъул**: | **Заробидинзода С.З.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. |
| **Муҳаррирони масъул:** | **Хайруллоев Ф.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; |
| | **Саидолим К.С.** – номзади илмҳои филологӣ. |
| **Масъули нашр:** | **Каримова Л.М.** |

**© Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024**

УДК 351.74:001 (575.3)
ББК 67.99(2) 166.31+72(27034)
О-77

# Труды Академии МВД Республики Таджикистан
## № 2 (62). 2024

**Учредитель** – Академия Министерства внутренних дел Республики Таджикистан. Научный журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации № 335/ЖР-97 от 1 марта 2024 года. Научный журнал издается с 1998 года.

Научный журнал в 2015 году включен в систему Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Научный журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии Министерства науки и высшего образования Российской Федерации и Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан в которых должны быть опубликованы основные научные результаты на соискание ученых степеней кандидата наук и доктора наук.

В журнале печатаются статьи на таджикском, русском и английском языках.

**Председатель редакционного совета:**
**Рахимзода Р.Х.** – Министр внутренних дел Республики Таджикистан, Заслуженный юрист Таджикистана, доктор юридических наук, доцент,
**Члены Редакционного совета:**
**Махмудзода М.А.** – действительный член Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор, Заслуженный юрист Таджикистана; **Рахимзода М.З.** – член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор; **Ятимов С.С.** – член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор политических наук; доцент; **Гаврилов Б.Я.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, Заслуженный юрист России, доктор юридических наук, профессор; **Мулукаев Р.С.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Сальников В.П.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Михайлов В.А.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Омелин В.Н.** – Заслуженный юрист России, доктор юридических наук, профессор; **Хабибуллин А.Г.** – Заслуженный юрист России, доктор юридических наук, профессор; **Ализода З.** – доктор юридических наук, профессор; **Алимов С.Ю.** – доктор юридических наук, профессор; **Буризода Э.Б.** – доктор юридических наук, профессор; **Зоир Д.М.** – доктор юридических наук, профессор; **Ибрагимов С.И.** – доктор юридических наук, профессор; **Искандаров З.Х.** – доктор юридических наук, профессор; **Муртазозода Д.С.** – доктор юридических наук, профессор; **Назарзода Н.Д.** – доктор юридических наук, профессор; **Пулатов Ю.С.** – доктор юридических наук, профессор; **Раджабзода Р.М. –** доктор юридических наук, доцент; **Холикзода А.Г.** – доктор юридических наук, профессор; **Шарипов Т.Ш.** – доктор юридических наук, профессор; **Шарофзода Р.Ш.** – доктор юридических наук, профессор; **Солиев К.Х.** – Заслуженный юрист Таджикистана, кандидат юридических наук, доцент; **Федоров А.В.** – кандидат юридических наук, профессор.

**Председатель редакционной коллегии:**
**Насуриён П.А.** – начальник Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук.
**Заместитель Председателя Редакционной коллегии:**
**Рахмаджонзода Р.Р.** – заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по науке, доктор юридических наук, доцент.
**Члены Редакционной коллегии:**
**Баранов В.М.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Мацкевич И.М.** – Заслуженный деятель науки Российской Федерации, доктор юридических наук, профессор; **Джоробекова А.М.** – Заслуженный юрист Кыргызстана, доктор юридических наук, профессор; **Азиззода У.А.** – доктор юридических наук, профессор; **Рахмон Д.С.** – доктор юридических наук, профессор; **Диноршох А.М.** – доктор юридических наук, профессор; **Сафарзода А.И.** – доктор юридических наук, профессор;
**Золотухин А.В.** – доктор юридических наук, профессор; **Назаров А.К .** – доктор юридических наук, профессор; **Захарцев С.И.** – доктор юридических наук, профессор; **Гармаев Ю.П.** – доктор юридических наук, профессор; **Аубакирова А.А.** – доктор юридических наук, профессор; **Нематов А.Р.** – доктор юридических наук, доцент; **Абдухамитов В.А.** – доктор юридических наук, доцент; **Россинский С.Б.** – доктор юридических наук, профессор; **Коомбаев А.А.** – доктор юридических наук, доцент; **Шарифзода Ф.Р.** – доктор юридических наук, доцент; **Абдурашидзода А.А.** – кандидат юридических наук, доцент; **Мансурзода А.М.** – кандидат юридических наук, доцент; **Самиев Н.М.** – кандидат юридических наук, доцент; **Сафарзода Х.С.** – кандидат юридических наук, доцент; **Арипов А.Л.** – кандидат юридических наук; **Вализода Н.Д.** – кандидат юридических наук.

| | |
|---|---|
| **Ответственный секретарь**: | **Заробидинзода С.З.** – кандидат юридических наук, доцент. |
| **Ответственные редакторы**: | **Хайруллоев Ф.С.** – кандидат юридических наук; |
| | **Саидолим К.С.** – кандидат филологических наук. |
| **Ответственный за выпуск**: | **Каримова Л.М.** |

**© Академия МВД Республики Таджикистан, 2024**

UDC 351.74:001 (575.3)
BBK 67.99(2) 166.31+72(27034)
0-77

**PROCEEDINGS OF THE ACADEMY OF MIA OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**№ 2 (62). 2024**

**The founder** is the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. The scientific journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate of Registration No. 335 / MF–97 dated March 1, 2024. The scientific journal has been published since 1998.

The scientific journal in 2015 is included in the system of the Russian Scientific Citation Index (RINC).

The scientific journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Science and Higher Education of the Russian Federation and the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan in which the main scientific results for the academic degrees of Candidate of Sciences and Doctor of Sciences should be published. The journal publishes articles in Tajik, Russian and English.

**CHAIRMAN OF THE EDITORIAL COUNCIL:**
**Rahimzoda R.H. –** Minister of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Honored Lawyer of Tajikistan, Doctor of Legal Sciences, Associate Professor.
**MEMBERS OF THE EDITORIAL COUNCIL:**
**Mahmudzoda m.A. –** Full member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Legal Sciences, Professor, Honored Lawyer of Tajikistan; **Rakhimzoda M.Z. –** Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Yatimov S.S. –** Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Political Sciences; assistant professor; **Gavrilov B.Ya. –** Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Honored Lawyer of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Mulukaev R.S. –** Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Salnikov V.P. –** Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Mikhailov V.A. –** Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Omelin V.N. –** Honored lawyer of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Khabibullin A.G. –** Honored lawyer of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Alizoda Z. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Alimov S.Yu.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Burizoda E.B.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Zoir D.M.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Ibragimov S.I.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Iskandarov Z.Kh.** – Doctor of Legal Sciences, Professor;
**Murtazozoda D.S.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Nazarzoda N.D.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Pulatov Yu.S.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Rajabzoda R.M. –** Doctor of Legal Sciences, Associate Professor; **Kholikzoda A.G.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Sharipov T.Sh.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Sharofzoda R.Sh.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Soliev K.Kh.** – Honored Lawyer of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor; **Fedorov A.V.** – Candidate of legal sciences, professor

**CHAIRMAN OF THE EDITORIAL BOARD:**
**Nasuriyon P.A.** – Head of the Academy of the Ministry of the Interior of the Republic of Tajikistan, Candidate of legal sciences.
**DEPUTY CHAIRMAN OF THE EDITORIAL BOARD:**
**Rahmadjonzoda R.R. –** Deputy Head of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for Science, Doctor of Legal Sciences, Associate Professor.
**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**
**Baranov V.M.** – Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Matskevich I.M. –** Honored lawyer of Science of the Russian Federation, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Dzhorobekova A.M.** – Honored Lawyer of the Kyrgyz Republic, Doctor of Legal Sciences, Professor; **Azizzoda U.A.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Rahmon D.S. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Dinorshokh A.M.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Safarzoda A.I. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Zolotukhin A.V.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Nazarov A.K. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Zakhartsev S.I.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **Garmaev Yu.P. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Aubakirova A.A. –** Doctor of Legal Sciences, Professor; **Nematov A.R.** – Doctor of Legal Sciences, Associate Professor;
**Abdukhamitov V.A.** – Doctor of Legal Sciences, Associate Professor; **Rossinsky S.B.** – Doctor of Legal Sciences, Professor; **A. A. Koombaev** – Doctor of Legal Sciences, Associate Professor; **Sharifzoda F.R. –** Doctor of Legal Sciences, Associate Professor: **Abdurashidzoda A.A.** – Candidate of legal sciences, associate professor; **Mansurzoda A.M.** – Candidate of legal sciences, associate professor; **Samiev N.M.** – Candidate of legal sciences, associate professor; **Safarzoda H.S.** – Candidate of legal sciences, associate professor; **Aripov A.L.** – Candidate of legal sciences; **Valizoda N.D.** – Candidate of legal sciences.

| | |
|---|---|
| **Executive Secretary**: | **Zarobidinzoda S.Z.** – Candidate of Legal Sciences, associate professor. |
| **Responsible editors**: | **Khairulloev F. S.** – Candidate of Legal Sciences; |
| | **Saidolim K.S.** – Candidate of Philology. |
| **Responsible for publication**: | **Karimova L.M.** |

**© Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan, 2024**

## Мундариҷа Содержание

### МАСОИЛИ НАЗАРИЯ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯ
### ПРОБЛЕМЫ ТЕОРИИ, ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА И ПРАКТИКИ


Абдулло, А.Р. Таснифи қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ дар бораи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти амаликунандаи он ........ 6-13

Азиззода, У.А., Собирзода, А.Ҷ. Баъзе масъалаҳо оид ба роҳҳои самараноки такмили ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар рафти ислоҳоти давлатӣ ........ 14-21

Имомов, А. Бавуҷудоӣ ва рушди илми конститутсияшиносӣ дар Тоҷикистон ........ 22-33

Кальченко, Н.В. К вопросу о концепциях прав человека с позиции цивилизационного подхода ........ 34-40

Қодирзода, Д.С., Каримов, Р.И. Баъзе аз хусусиятҳои оғози парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор ........ 41-47

Қодирзода, М.А. Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи муҳимми сиёсати ҳуқуқии давлат: назария ва қонунгузорӣ ........ 48-56

Сафарзода, Ҳ.С., Самиъзода, Б.С. Андешаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар муқовимат ба экстремизм ........ 57-67

Солиев, К.Ҳ. Мансур Муллоев - асосгузори илми ватании ҳуқуқи ҷиноятӣ ........ 68-74

Шарифзода, Ф.Р., Одиназода, А.Ш. Фаъолияти МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти миллии давлат: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ........ 75-84

Яловенко, Т.В., Поляков, В.А. Юридическая ответственность в правовой системе России ........ 85-91


### МИНБАРИ МУҚАРРИЗОН
### ТРИБУНА РЕЦЕНЗЕНТОВ


Каримзода, У.К. Тақризи муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Ш.М. дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ........ 92-97

Михайлов, В.А. Отзыв научного консультанта на диссертацию Рахмаджонзода Р.Р. «Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан» ........ 98-103

Раҳмадҷонзода, Р.Р. Тақризи муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Абдуллоева М.К. “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят” ........ 104-110


### МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН
### ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ


Аҳадзода, А.А. Ҷарима ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низомҳои таърихии ҳуқуқи Тоҷикистон ........ 111-121

Каримова, М.М. Таҳлили аломатҳои субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм ........ 122-129

Мирзозода, Ш.Б. К вопросу о формировании организационно-правового механизма противодействия незаконному обороту наркотиков в Республике Таджикистан ........ 130-134

Савзаализод, Ф.С. Ташаккулёбии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои маблағгузории терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 135-143

Хасанов, Р.Д. Основные факторы, детерминирующие терроризм в Таджикистане ........ 144-151

## CONTENT

### PROBLEMS OF THE THEORY, LEGISLATION AND PRACTICE


Abdullo, A.R. Classification of laws and by-laws on law enforcement activities and the bodies implementing them ........ 6-13

Azizzoda, U.A., Sobirzoda, A.J. Some problems of effective ways to improve social protection of employees of the Internal Affairs Directorate in the course of state reforms ... 14-21

Imomov, A. The emergence and development of constitutional science in Tajikistan .......... 22-33

Kalchenko, N.V. To the question of human rights concepts from the position of a civilizational approach ........ 34-40

Qodirzoda, D.S., Karimov, R.I. Some features of initiation of criminal cases related to illegal drug trafficking ........ 41-47

Qodirzoda, M.A. Legal education as an important phenomenon of the legal policy of the state: theory and legislation ........ 48-56

Safarzoda, H.S., Sami'zoda, B.S. Reflections of the Leader of the Nation, the respected Emomali Rahman, on increasing the legal education of citizens in countering extremism ........ 57-67

Soliev, K.Kh. Mansur Mulloev - The founder of the domestic science of criminal law ........ 68-74

Sharifzoda, F.R., Odinazoda, A.Sh. Activities of internal affairs bodies of the Republic of Tajikistan to ensure state security: theoretical and legal foundations ........ 75-84

Yalovenko, T.V., Polyakov, V.A. Legal responsibility in the Russian legal system ........ 85-91


### TRIBUNE REVIEWERS


Karimzoda, U.K. Review official opponent of Mirzozoda Sh.M. dissertation on the topic: “Constitutional and legal regulation and implementation of the human right to work in the Republic of Tajikistan” ........ 92-97

Mikhailov V.A. Review of a scientific consultant on the dissertation of Rahmadjonzoda R.R. “The doctrine of criminal prosecution in criminal proceedings of the Republic of Tajikistan” ... 98-103

Rahmadjonzoda, R.R. Review of the official opponent of the dissertation of Abdulloeva M.K. “Detention of a person on suspicion of committing a crime” ........ 104-110


### TRIBUNE OF YOUNG SCIENTISTS


Ahadzoda, A.A. Fine as a type of legal liability in the historical legal systems of Tajikistan ........ 111-121

Karimova, M.M. Analysis of subjective signs of a public call to carry out extremist activities and public justification of an extremist ........ 122-129

Mirzozoda, Sh.B. On the question of forming an organizational and legal mechanism to counter illegal drug trafficking in the Republic of Tajikistan ........ 130-134

Savzaalizod, F.S. Formation of criminal liability for financing terrorism in the Republic of Tajikistan ........ 135-143

Khasanov, R.D. The main factors determining terrorism in Tajikistan ........ 144-151

# МАСОИЛИ НАЗАРИЯ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯ

## ПРОБЛЕМЫ ТЕОРИИ, ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА И ПРАКТИКИ
## PROBLEMS OF THE THEORY, LEGISLATION AND PRACTICE

**ТДУ 340.116**

# ТАСНИФИ ҚОНУНҲО ВА САНАДҲОИ ЗЕРҚОНУНӢ ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА МАҚОМОТИ АМАЛИКУНАНДАИ ОН

# КЛАССИФИКАЦИЯ ЗАКОНОВ И ПОДЗАКОННЫХ АКТОВ О ПРАВООХРАНИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ОРГАНАХ, ЕЕ ОСУЩЕСТВЛЯЮЩИХ

# CLASSIFICATION OF LAWS AND BY-LAWS ON LAW ENFORCEMENT ACTIVITIES AND THE BODIES IMPLEMENTING THEM

Абдулло А.Р.
Abdullo A.R.
*Сардори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия*
*Начальник кафедры организации тактики оперативно-розыскной деятельности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции*
*Head of the Department of Organization of tactics of operational-search activities Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, major of militia*



E-mail: abdulloev-a@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).
*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки).
*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* Давлатов М. Н. - дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
*Рецензент*: Давлатов М.Н. - доцент кафедры права факультета истории и права Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, кандидат юридических наук.
*Reviwer*: Davlatov M.N. - Associate Professor of the Department of Law, Faculty of History and Law, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Candidate of Legal Sciences.

*Аннотатсия:* Дар мақола масъалаҳои марбут ба заминаи қонунгузории фаъолияти системаи ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Муаллиф номгуйи васеи са-

надҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳуриро танзим мекунанд, пешниҳод кардааст. Ба ҳуҷҷатҳое, ки тартиби амалу фаъолияти субъектҳои алоҳидаи системаи ҳифзи ҳуқукро, ки ба ҳайати мақомоти ҳокимияти иҷроия шомил мегарданд, диққати махсус дода мешавад.

*Вожаҳои калидӣ:* давлат, системаи ҳифзи ҳуқуқ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунҳо, фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат.

*Аннотация:* В статье рассматриваются вопросы, связанные с законодательными основами функционирования правоохранительной системы Республики Таджикистан. Автор представил обширный перечень нормативных правовых актов, регулирующих деятельность правоохранительных органов республики. Особое внимание уделяется документам, которые определяют порядок функционирования отдельных субъектов правоохранительной системы, входящих в состав исполнительных органов власти.

*Ключевые слова:* государство, правоохранительная система, нормативные правовые акты, международные правовые акты, законы, указы Президента, постановления Правительства.

*Annotation:* The article examines issues related to the legislative foundations of the functioning of the law enforcement system of the Republic of Tajikistan. The author presented an extensive list of regulatory legal acts governing the activities of law enforcement agencies of the republic. Particular attention is paid to documents that determine the functioning of individual entities of the law enforcement system that are part of the executive authorities.

*Key words:* state, law enforcement system, regulatory legal acts, international legal acts, laws, presidential decrees, government regulations.

Имрӯз дар давлатҳои муосир, дар шароити вусъат ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани иртибот байни онҳо ва иттиҳоди давлатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ, масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ, муайян намудани моҳияти таҳдиду хатарҳои глобалӣ аҳаммияти калон пайдо менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018 таъкид доштанд, ки «таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, сулҳу субот дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ муҳимтарин вазифаҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад» [12].

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳама давру замон, хусусан дар раванди бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд дар таъмини адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва таҳкими рушди устувори давлату давлатдории ҳар миллат нақши муҳим доранд.

Алҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи ҳаёти ҷамъиятиеро ёфтан мушкил аст, ки оид ба вазъи ҳуқуқии он санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул нашуда бошад. Мавҷуд будани заминаи мустаҳками қонунгузорӣ рушди мунтазами соҳаҳои гуногуни мамлакатро таъмин карда, яке аз омилҳои муҳимми ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба ҳисоб меравад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ зери мафҳуми “асосҳои ҳуқуқӣ ё низоми қонунгузорӣ” одатан «низом (система) ё маҷмуи санади меъёрии ҳуқуқии амалкунандае фаҳмида мешавад, ки ин ё он намуди фаъолиятро ба танзим медарорад» [14, с. 254]. Умуман, дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳти мафҳуми “танзими ҳуқуқӣ” фаъолияти махсуси давлат, мақомот ва шахсони мансабдори он оид ба муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ қабул намудани қарорҳои ҷудогонаи танзимкунанда доир ба масъалаҳои муҳимми хусусияти ҳуқуқидошта, ки дар доираи чунин муносибатҳо ба миён меоянд, фаҳмида мешавад [13, с. 114].

Зери мафҳуми “қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар бораи системаи ҳифзи ҳуқуқ маҷмуи санадҳои

меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои дар ин самти фаъолият ба миён меомадаро танзим менамоянд [11, с. 10-19]. Чунин муносибатҳо, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шудаанд, устувор ва доимоамалкунанда буда, аз ҷониби субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ пурра бо риояи меъёрҳои дар чунин санадҳо ифодаёфта ба роҳ монда мешаванд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи системаи ҳифзи ҳуқуқ як қисми муҳимми батанзимдарории ҳуқуқии чунин намуди фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯи таркиб мураккаб мебошад ва системаи меъёрҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад.

Танзимдарории ҳуқуқии системаи ҳифзи ҳуқуқ хусусияти функсионалӣ ва хизматӣ дорад. Чунин танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ байни давлат (намояндагони он) ва шаҳрванд бинобар пайдо шудани зарурият оид ба ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқии системаи ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқӣ сарчашмаи муҳимми ҳуқуқ мебошад.

Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2017, таҳти № 1414 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» чунин аст: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида; санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст; конунҳои конститутсионӣ; кодексҳо, қонунҳо; қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; фармоишҳои вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, қарорҳои кумитаҳои давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе; қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе; қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо; қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо; қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот [10].

*Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 22-юми майи соли 2016 дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқ мавқеи баландтарин дорад [1]. Вобаста ба ин, мутобиқи муқаррароти моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, он эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дарҷ шудааст. Принсипи мазкур аз моддаи 5 Конститутсия бармеояд. Тибқи он, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз мекунад. Суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ин ҳадафи волоро дар фаъолияти хеш амалӣ мекунанд. Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти арзиши олӣ будани инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, чудонопазир, дахлнопазир будани озодии инсон ва ҳуқуқҳояш қабул мешаванд. Тибқи моддаи 14 Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мазмуни фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла, суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташкил медиҳанд.

Дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин мавқеи ҳуқуқии суд, прокуратура, адвокатура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян гардидааст.

Бобҳои ҳаштум ва нуҳуми Конститутсия мутобиқан «Суд» ва «Прокуратура» ном доранд.

Боби ҳаштум – «Суд» (моддаҳои 84-92) унвон дорад. Моддаҳои 84-91 Конститутсия ба ҳокимияти судӣ, низом ва принсипҳои фаъолияти он бахшида шудааст. Моддаи 92 Конститутсия ба ёрии ҳуқуқӣ (адвокатура) бахшида шудаанд.

Боби нуҳум – «Прокуратура» (моддаҳои 93-97) дар бар мегирад, ки дар онҳо принсипҳои асосии ташкил ва фаъолияти прокуратура нишон дода шудаанд.

Дар ин ду боб сабт шудааст, ки тарзи ташкил ва фаъолияти суд, доираи фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро қонунҳои конститутсионӣ муайян мекунанд. Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро бошад, қонун муайян мекунад.

*Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст*. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи системаи ҳифзи ҳуқуқро, ҳамчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро этироф кардааст, ташкил медиҳанд. Зеро, тибқи қ. 3 м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, онҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои як қатор шартномаҳо, созишномаҳо, конвенсияҳо ва дигар санадҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ мебошад, ки бевосита муносибатҳоро дар самти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд.

Шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаҳои байнидавлатӣ), аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаҳои байниҳукуматӣ) ва ё аз номи вазорат, кумитаи давлатӣ ё мақомоти дигари идоракунии давлатӣ (шартномаҳои байниидоравӣ) бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ ё созмонҳои байналмилалӣ дар шакли хаттӣ баста шаванд, сарфи назар аз он ки, чунин шартнома дар як ҳуҷҷат ва ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд зикр ёфтааст.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байнидавлатӣ конвенсияҳо, шартнома, созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасидаи байни давлатҳо дохил мешаванд. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии баимзорасонидаи Созмони Милали Муттаҳид, ба мисли: Конвенсияи СММ дар бораи мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз 20-уми декабри соли 1988; Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ аз 15-уми ноябри соли 2000; Шартнома дар бораи ҳамкории давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи мубориза бар зидди терроризм аз 4-уми июни соли 1999 ва ғайра.

Дар ин санадҳо масъалаҳои гуногун дар самти фаъолияти суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ гардидаанд.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байниҳукуматӣ созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасидаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо дохил мешаванд, ба мисли: Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсуси ноҳияҳои наздисарҳадӣ аз 6-уми майи соли 1998; Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизми сиёсӣ, динӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз 26-уми майи соли 1999 ва ғайра.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байниидоравӣ созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасида байни вазоратҳои дахлдори давлатҳо дохил мешаванд, ба мисли: Созишномаи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии давлатҳо-аъзоёни ИДМ дар соҳаи ҳамроҳӣ намудани (гуселонидани) фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз 18-уми декабри соли 1998;

Дастурамал оид ба тартиби ягонаи амалӣ намудани ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсон аз соли 2002; Ёддошти тафоҳуми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД Федератсияи Россия дар мубориза бар зидди терроризм, дигар зуҳуроти экстремизм ва гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз 15-уми ноябри соли 2002 ва ғайра.

Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки номбар гардидаанд, системаи ягонаи муносибатҳоро дар самти ҳифзи ҳуқуқ таъмин менамоянд.

*Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон* доир ба масъалаҳое қабул машаванд, ки дар Конститутсия пешбинӣ шудаанд. Масалан, моддаҳои 7, 15, 47, 48, 59 ва дигари Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули қонунҳои конститутсиониро пешбинӣ мекунанд. Дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қонунҳо масоили муҳимтарини дорои аҳаммияти конститутсионӣ доштаро танзим мекунанд. Масалан, Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2] - принсипҳои асосии ташкил ва фаъолияти прокуратураро ба танзим медарорад; «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3] - асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳо, тартиби интихоб, таъин, бозхонд ва озод намудани судяҳоро муқаррар намуда, инчунин, дигар муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти ташкилию ҳуққии мақомоти судӣ ва судяҳо ба танзим медарорад.

*Кодексҳо, қонунҳо.* Солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нави қабули кодексҳо ва қонунҳо оғоз гардид. Дар ин давра дар баробари қабул гардидани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав кодификатсияи қонунгузорӣ гузаронида шуд. Кодекс - қонуни ягона ва мураттабгаштаи дорои сатҳи баланди мантиқӣ ва фаъолияти кодификатсионӣ аст, ки тавассути он як гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ пурра, ҳаматарафа ва низомнок танзим мешавад. Дар Тоҷикистон қариб ҳамаи соҳаҳои асосии ҳуқуқ ҳоло кодексҳои худро доранд. Дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ кодекс ба сифати қонуни танзимкунанда баромад намуда, муносибатҳои дар ин самт бамиёномадаро танзим мекунад. Чунончи, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4]; Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] ва ғ.

Ғайр аз ин, як қатор қонунҳои ҷорӣ, аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» [6], «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7], «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [8], «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» [9] ва ғайра фаъолияти субъектони ҳифзи ҳуқуқро ба танзим медароранд.

Доир ба масъалаҳои вобаста ба фаъолияти суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мақомоти қонунгузор қарор қабул карда метавонанд, ки он пас аз қонунҳои конститутсионӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи поёнтарро ишғол мекунад. Ба ин гуна Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар кардани дараҷаҳои тахассус барои судяҳо, рутбаҳо барои коркунони дастгоҳи судҳо ва изофапулӣ барои хизмати дарозмуддати судяҳо ва коркунони дастгоҳи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомнома дар бораи рутбаҳои дараҷавии коркунони мақомоти адлия ва нотариати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.

*Санадҳои зерқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон* (фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои дар ин самт танзимшавандаро муайян мекунанд). Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ танзимкунандаи ин соҳа маҳсуб мешаванд. Масалан, Низомнома «Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишҳо ва дигар коркунони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои рутбаҳои дараҷавӣ мебошанд», «Низомнома дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони

мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳамчунин, «Низомнома дар бораи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомнома дар бораи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва монанди онҳо.

*Санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ва байниидоравӣ* (фармоишҳои вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, қарорҳои кумитаҳои давлатӣ ва ғайра). Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ва байниидоравӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқии алоҳидаро ин самт ба танзим медароранд, санадҳои меъёрии Прокуратураи генералӣ, ки назорати прокурориро аз болои фаъолияти субъектҳои системаи ҳифзи ҳуқуқ амалӣ мегардонад, инчунин, санадҳои меъёрии Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии назорати маводди нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ доранд. Санадҳои мазкур мумкин аст аз ҷониби мақомоти номбаршуда дар алоҳидагӣ ва ё дар якҷоягӣ, ки самтҳои гуногуни фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро ба танзим медароранд, қабул карда шаванд. Мисол, Фармони ВКД Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал оид ба ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи дастгоҳи тафтишотӣ бо воҳидҳои оперативӣ, экспертӣ - криминалистӣ ва дигар воҳидҳои мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо» аз 28-уми феврали соли 2006; Фармони Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Дастурамал оид ба пешбурди коргузорӣ дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми июни соли 2007, таҳти № 86; Фармони муштараки Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (айни замон яке аз воҳиди сохтории КДАМ мебошад), Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводди нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал дар бораи эълон намудани ҷустуҷӯи байналмилалӣ, иҷроиш ва ирсоли дархосту супоришҳо тариқи Интерпол аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин баамалбарории онҳо аз ҷониби Бюрои Марказии Миллии Интерпол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28-уми октябри соли 2005 ва ғайра.

Ҳамин тариқ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаклҳои фаъолияти суд, сохтори он, вазифаҳо, асосҳои ташкилӣ, самтҳои фаъолияти Прокуратура, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқро танзим менамоянд, якҷоя бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ як ҳадаф доранд, ки он аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс, манфиати давлат, созмону муассисаҳо, қонуният ва адолат иборат аст.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 22-юми майи соли 2016. – Душанбе: «Маориф», 2017. – 86 с.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25-уми июли с. 2005, № 107 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2005. № 7. мод. 398.

3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26-уми июли с. 2014, № 1084 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2014, № 7, қ. 1. мод. 380.

4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 9. мод. 68-69.

5. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. № 12. мод. 815.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17-уми майи с. 2004, № 41 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. № 5. мод. 352.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15-уми июли с. 2004, № 50 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. № 7. мод. 457.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти с. 2008, № 374 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. № 3. мод. 193.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29-уми декабри с. 2010, № 644 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2010. № 12. мод. 806.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи с. 2017, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. № 5. қ. 1. мод. 271.

11. Абдуллоев, А.Р. Нормативные основания становления и эволюции правоохранительной системы Республики Таджикистан / А.Р. Абдуллоев // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2019. – № 2 (82). – С. 10-19.

12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 // [Маенбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 25.01.2024).

13. Раҳимзода, Р. Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 740 с.

14. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Маҳмудов М. А. – Душанбе: ЭР-Граф, 2008. – 954 с.

**References**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 (with amendments dated May 22, 2016. - Dushanbe: «Maarif», 2017. - 86 p.

2. The constitutional law of the Republic of Tajikistan “On the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan” dated July 25, p. 2005, No. 107 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 2005. No. 7. Art. 398.

3. The Constitutional Law of the Republic of Tajikistan “On the Courts of the Republic of Tajikistan” dated July 26, p. 2014, No. 1084 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 2014, No. 7, p. 1. Art. 380.

4. The Criminal Code of the Republic of Tajikistan from May 21, p. 1998, No. 574 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 1998. No. 9. Art. 68-69.

5. The Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan dated December 3. 2009, No. 564 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 2009. No. 12. Art. 815.

6. The Law of the Republic of Tajikistan “On the of militia” dated May 17, p. 2004, No. 41 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 2004. No. 5. Art. 352.

7. Law of the Republic of Tajikistan “On the National Guard of the Republic of Tajikistan” dated July 15, p. 2004, No. 50 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 2004. No. 7. Art. 457.

8. Law of the Republic of Tajikistan “On the Agency of State Financial Control and Combating Corruption of the Republic of Tajikistan” dated March 20, p. 2008, No. 374 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 2008. No. 3. Art. 193.

9. Law of the Republic of Tajikistan “On state protection of participants in criminal court proceedings” dated December 29, p. 2010, No. 644 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 2010. No. 12. Art. 806.

10. The Law of the Republic of Tajikistan “On Regulatory Legal Acts” dated May 30, p. 2017, No. 1414 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 2017. No. 5. q. 1. Art. 27
11. Abdulloev, A.R. Regulatory foundations for the formation and evolution of the law enforcement system of the Republic of Tajikistan / A.R. Abdulloev // Bulletin of the St. Petersburg University of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2019. –No. 2 (82). – Pp. 10-19.
12. Message of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Honorable Emomali Rahmon to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan dated December 26, 2018. Dushanbe // President of the Republic of Tajikistan: official website - http://www.president.tj (access date: 25.01.2024).
13. Rahimzoda, R. H. Operative-search activity. General part: textbook. 5th edition. – Dushanbe: “ER-graph”, 2019. – 740 p.
14. The culture of legal terms / Under the editorship of D.I.H., Professor Mahmudov M. A. – Dushanbe: ER-Graf, 2008. – 954 p.

ТДУ 349.3:364.01

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА РОҲҲОИ САМАРАНОКИ ТАКМИЛИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНИ МКД ДАР РАФТИ ИСЛОҲОТИ ДАВЛАТӢ

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПУТЕЙ ПОВЫШЕНИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ СОТРУДНИКОВ ОВД В ХОДЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ РЕФОРМ

# SOME PROBLEMS OF EFFECTIVE WAYS TO IMPROVE SOCIAL PROTECTION OF EMPLOYEES OF THE INTERNAL AFFAIRS DIRECTORATE IN THE COURSE OF STATE REFORMS

Азиззода У.А.
Azizzoda U.A.
*Мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*Заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор*
*Head of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University, Doctor of Law, Professor*



e-mail: sobirzoda76@bk.ru

Собирзода А.Ҷ.
Sobirzoda A.J.
*Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қисми низомӣ, полковники милитсия*
*Заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по строевой части, полковник милиции*
*Deputy Head of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for combat units, colonel of militia*



e-mail: sobirzoda76@bk.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).

*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки)

*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* Назарзода Н.Ҷ. – профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия.

*Рецензент*: Назарзода Н.Д. – профессор кафедры организации управления деятельности правоохранительных органов факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, доктор юридических наук, полковник милиции.

*Reviewer*: NAZARZODA N.D.– Professor of the Department of Organization of Management of Law Enforcement Activities of Faculty No. 1 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law, Colonel. of militia.

*Аннотатсия:* Дар мақола ақидаҳои муаллифон оид ба он, ки новобаста аз мушкилоту проблемаҳои мавҷуда, дар МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳо дар доираи таъминоти ҳуқуқҳо ва имтиёзҳои дар қонунгузориҳо пешбинишуда барои сатҳи гуногуни кормандоне, ки ба кумакҳо, дастгириҳо ва ҳифзи иҷтимоӣ ниёз доранд, қатъ нагардидааст, пешниҳод карда шудаанд. Инчунин, барои татбиқи роҳҳои самараноки такмил додани ҳифзи иҷтимоии кормандони мкд дар рафти ислоҳоти давлатӣ пешниҳодҳои асоснок ироа карда шудаанд.
*Вожаҳои калидӣ:* давлат, қонунгузорӣ, ислоҳот, ҳифз, корманд, мақомоти корҳои дохилӣ, кафолатҳои иҷтимоӣ, некӯаҳволии кормандони милитсия, шароитҳои мусоид, самаранокии фаъолият, сиёсати иҷтимоӣ, эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавӣ, низоми ҳифзи иҷтимоӣ.

*Аннотация:* В статье представлены взгляды авторов относительно того, что несмотря на имеющиеся трудности и проблемы, в МВД Республики Таджикистан не прекращается работа в рамках обеспечения прав и льгот, предусмотренных законодательством для сотрудников различных уровней, нуждающихся в помощи, поддержке и социальной защите. Также, представлены обоснованные предложения по более эффективной деятельности на пути повышения социальной защищенности сотрудников ОВД в ходе государственных реформ.
*Ключевые слова:* государство, законодательство, реформа, защита, сотрудник, органы внутренних дел, социальные гарантии, благополучие сотрудников милиции, благоприятные условия, эффективность деятельности, социальная политика, материальные и моральные потребности, система социальной защиты.

*Annotation:* The article presents the authors' views on the fact that despite the existing difficulties and problems, the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan does not stop working to ensure the rights and benefits provided by law for employees of various levels who need assistance, support and social protection. Also, substantiated proposals are presented for more effective activities to improve the social security of employees of the Ministry of Internal Affairs in the course of state reforms.
*Key words:* State, legislation, reform, protection, employee, internal affairs agencies, social guarantees, welfare of police officers, favorable conditions, work efficiency, social policy, material and moral needs, social protection system.

Дар раванди таҷдиди сохтори мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд - МКД), ворид кардан ба ислоҳоти низоми кафолатҳои иҷтимоӣ ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, зеро барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии кормандони он аҳаммияти муҳим дорад. Таъмин кардани шароитҳои мусоид барои фаъолияти хизматии кормандони милитсия дар маҷмуъ, яке аз заминаҳои самаранокии фаъолияти МКД ба шумор меравад.

Ислоҳоти давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД баҳри беҳтар намудани шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии кормандон нигаронида шуда, самаранокии фаъолияти кормандон маҳз аз таъминоти иҷтимоии онҳо вобастагӣ дорад. Ба андешаи С.М. Круппо, самаранокии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи кормандони МКД аз сатҳи ҳимояи иҷтимоии онҳо вобаста аст [7, с. 4]. Тавре дигар муҳаққиқон қайд мекунанд, самаранокии фаъолияти МКД аз сатҳи ҳифзи иҷтимоии кормандони онҳо вобаста аст. Аҳаммияти нақши такмили низоми кафолатҳои иҷтимоӣ ба кормандони МКД мутаносибан ба миқёси таҳдидҳои муосир меафзояд. Яъне, даромади пасти кормандони милитсия,

нафақаи таъиншуда ва бо манзил таъмин набудани онҳо, боиси афзоиши ташаннуҷи иҷтимоӣ мегардид [6, с. 50].

Ба андешаи Ю.В. Биковская, татбиқ намудани самтҳои дигаргунсозӣ бевосита ба ҳалли вазифаи муҳимтарини ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоии меҳнаткашон, аз ҷумла дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ, тиббӣ, нафақа ва манзил алоқаманд аст. Дар баробари ин, дар раванди бозсозии сохтори милитсия бояд ба такмили низоми таъминоти пулӣ, фароҳам овардани механизмҳои муосири қадрдонӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти хизматии касбӣ нақши махсус дода шавад. Имрӯз маълум аст, ки нисбат ба МКД ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии пешгирифтаи давлат, ба корҳои кадрӣ ва тарбиявии дохили шуъба муносибати нав лозим аст [3, с. 116].

Дар давлати иҷтимоӣ меъёрҳои ҳифзи иҷтимоӣ ба сифати муайянкунандаи ҳатмие зуҳур меёбанд, ки барои ҳуқуқу озодиҳои худро татбиқ намудани инсон мусоидат менамоянд. Ин талабот ҳамчунин ба кормандони МКД, ки аъзои комилҳуқуқи ҳамин давлат ба шумор рафта, дар байни субъектҳои таъминоти иҷтимоӣ мақоми хоссаеро ишғол менамоянд, пурра мансуб мебошад.

Андешаҳои боло ифодагари он мебошанд, ки зарурати ислоҳоти куллӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ба миён омадааст.

Яке аз тадбирҳои муҳимми давлатӣ дар самти такмили ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ин такмил додани қонунгузории соҳа ба ҳисоб меравад. Аммо, Ю.В. Биковская дар ин хусус андешаи дигар дорад. Номбурда қайд менамояд, ки ислоҳоти низоми кафолатҳои иҷтимоӣ набояд танҳо бо тағйирот ва иловаҳо дар заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ба мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии кормандон маҳдуд карда шавад.

Усулҳо ва механизмҳои идоракунии пешрафти ислоҳот, самараи татбиқи минбаъдаи амалии он муҳиманд. Ба ибораи дигар, сиёсати иҷтимоие, ки дар МКД пеш гирифта мешавад, бояд ба ҳаёти ҷамъияти имрӯза мувофиқ бошад, ба мақсадҳои баланд бардоштани самаранокии кор таъсир расонда тавонад [4, с. 15].

Такмил додани роҳҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД аз рафти ислоҳоти ин самт вобастагӣ дорад. Аммо, бе таҳқиқотҳои илмӣ ин масъала самаранок амалӣ карда намешавад. Дар рафти таҳқиқотҳо роҳҳои мукаммал намудани қонунгузорӣ, беҳтар кардани ҳифзи иҷтимоии кормандон муайян гардида, зимни дар рафти ислоҳот онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид карда мешаванд. Дар амал татбиқ намудани он санадҳои ҳуқуқӣ низ яке аз роҳҳои амалисозии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо, се роҳи такмил додани низоми ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД-ро ҷудо кардан мумкин аст: дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқотҳо муайян кардани роҳу механизмҳои беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД; ба қонунгузорӣ ворид намудани он роҳу механизмҳои муайянгардида; дар амал татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузорӣ.

Мавриди зикр аст, ки умуман дар соҳаи таъминоти иҷтимоии давлатӣ то ҳанӯз санадҳои қонунгузории дорои хусусиятҳои умумӣ, ки низоми таъминоти иҷтимоии давлатӣ, доираи иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор ва меъёрҳои ҳуқуқиро муайян намоянд, қабул карда нашудаанд.

Дар натиҷа, моҳиятан ягонагии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоӣ вуҷуд надорад, ки ҳолати мазкур дар маҷмуъ ба рушди соҳа монеаҳо эҷод менамояд [2, с. 3].

Вазифаҳое, ки дар шароити сулҳу субот аз ҷониби кормандони МКД иҷро карда мешаванд, бо хавфу хатарҳои барои ҳаёт ва саломатӣ таҳдидкунанда алоқаманд мебошанд. Хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти кормандони милитсия дар он ифода меёбад, ки доираи васеи ваколатҳоро дар соҳаи таъминоти ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аз амалҳои ҷиноятқорӣ ва дигар таҳдидҳоро ба зимма гирифта, худи кормандони МКД бемуҳофиза мемонанд. Ғайр аз ин, хизмат дар МКД як қатор маҳдудиятҳоро дар бар

мегирад. Махсусан зикр кардан зарур аст, ки тибқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ба корманди милитсия машғул шудан ба ҳама гуна намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти музднок бо мақсади соҳиб гаштан ба ин ё он намуди даромад, ба истисноӣ фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ, манъ карда шудааст [1]. Маҳз бо ҳамин сабаб ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД бояд яке аз омилҳои асосии фаъолияти самараноки сохтори мазкур ба шумор равад ва дар натиҷа бояд шиддатнокии хизмат дар ин соҳа ҷуброн карда, фаъолияти хизматии кормандони соҳа ҳавасманд гардонида, барои коҳиш додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ имконият фароҳам оварда шавад.

Тайи солҳои охир аз кор рафтани кадрҳо хеле зиёд ба мушоҳида мерасад, ки ҳолати мазкур сабаби аз даст додани беҳтарин мутахассисон, бад шудани ҳолати ахлоқӣ-руҳии ҳайатҳои шахсӣ, коҳиш ёфтани обрӯю нуфузи хизмат дар МКД гаштааст [9, с. 57].

Ю.А. Ершов низ ҷиҳати ҷоннок намудани фаъолияти МКД, ҳифзи иҷимоиро дар баробари дигар равандҳои фаъолияти кадрӣ, дар ҳама давру замон, алалхусус дар даврони ислоҳоти навин, яке аз масъалаҳои мубрами рӯз арзёбӣ менамояд [5, с. 8]. Ба ақидаи мо, яке аз сабабҳои ҳолати мазкур ба таври кофӣ ба роҳ монда нашудани ҳифзи иҷтимоии ҳайати шахсӣ ва татбиқи бесамари кафолатҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки ин омилҳо дар навбати худ ба мавҷуд набудани тарзи корбарии (механизми) аниқ оид ба ҳифзи кормандони МКД ва номукаммалии қонунгузориҳои таҳкимбахшандаи кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии онҳо асос ёфтаанд. Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари мо, ба ҳайси проблемаҳои асосии таъминоти иҷтимоии кормандони МКД масъалаҳои зеринро мисол овардан мумкин аст:

1) номукаммал будани қонунгузорӣ ва фаъолияти бесамари татбиқи амалии онҳо;

2) проблемаи манзилии кормандони МКД;

3) сатҳи маоши ба шароити меҳнат номувофиқ;

4) проблемаи дар муассисаҳои томактабӣ ҷойгир кунонидани кӯдакони кормандони МКД.

О.В. Илина проблемаҳои асосии ҳуқуқии таъмини иҷтимоии кормандони МКД-ро ба таври зайл ҷудо кард:

– номукаммал будани қонунгузорӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоии кормандони милитсия ва амалияи нокифояи татбиқи онҳо;

– ҳолатҳое, ки аз ҷиҳати меъёрӣ муқаррар нашудааст, ки кормандони воҳидҳои кори иҷтимоиро вазифадор мекунад, ки кормандон ва аъзои оилаи онҳоро дар бораи кафолатҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои татбиқи онҳо огоҳ созанд;

– мушкилоти манзил;

– сатҳи музди меҳнат;

– сари вақт ва фаврӣ нарасонидани ёрии тиббӣ;

– мушкилоти дар муассисаҳои томактабӣ ҷойгир кардани фарзандони кормандони МКД [6, с. 54].

Бо вуҷуди ин, новобаста аз мушкилоти қонунгузорӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандонро ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти ҳайати роҳбарии МКД ва талаботи асосии кор бо кадрҳо баррасӣ намудан зарур аст.

Ба ақидаи мо, ба вазъи муҳофизати ҳуқуқию иҷтимоии кормандон ва аъзои оилаҳои онҳо дар шароити муосир тадбирҳои зерин метавонанд таъсири мусбӣ расонанд:

– зиёд кардани ҳадди ақали нафақа то андозаи маош ҳангоми расидан ба сатҳи ниҳоии собиқаи хизматӣ;

– ба кумакҳои иҷтимоӣ ҷалб намудани дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои хайрия дар гузаронидани чорабиниҳо оид ба корҳои иҷтимоӣ ё ҷалби онҳое, ки метавонанд чунин кумакҳо расонанд;

– иштирок дар барномаҳои байналмилалӣ дар самти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;

– мусоидати кооператсияҳои кормандони МКД дар соҳаи истеъмолӣ (сохтмони манзилӣ ва ғайра);

– таҳия ва қабули санадҳои мустақилонаи меъёрӣ, ки дар сатҳи Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шудаанд, масалан, дар шакли Дастурамал дар бораи кафолатҳои давлатӣ, имтиёзҳои иҷтимоӣ, афзалиятҳои кормандони МКД ва аъзои оилаҳои онҳо.

Ҳангоми татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ба банақшагирии иҷтимоӣ, таҳлили хароҷоти иҷтимоӣ, ташаккули дурнамои дарозмуддат дар асоси нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ, ки вазъият ва динамикаи тағйироти сатҳу сифати ҳаёти кормандони МКД-ро дар алоқамандӣ бо самараи иҷрои қонун тавсиф мекунанд, диққати зарурӣ додан муҳим аст [11, с. 246]. Дар робита ба ин мазмун қайд кардан зарур аст, ки дар марҳилаи имрӯзаи рушди худ, вақте ки МКД дар раванди ислоҳоти ҷиддӣ қарор дорад, такмили механизмҳои ҳифзи иҷтимоӣ ба талаботи зерин асос ёфтааст, ки низоми ҳифзи иҷтимоӣ бояд ба баланд бардоштани сатҳи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқие равона карда шавад, ки ҳуқуқҳо, озодиҳо, уҳдадориҳо ва масъулияти кормандони соҳаро ба низом медароранд.

Низоми ҳифзи иҷтимоӣ бояд бо назардошти хусусиятҳои давлатдорӣ, ҳолати мавҷудаи раванди рушду барқарорсозии ҷомеа, ҷараёни ислоҳоти мақомоти корҳои дохилӣ, таҷрибаи амалии мақомоти идоракунӣ, имкониятҳои воқеӣ оид ба таъминоти иҷтимоӣ ташкил карда шавад.

Ислоҳоти давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дарозмуддат ва серпаҳлӯ буда, тадбирҳои пайвастаи давлатиро дар ин самт талаб менамояд. Аз ин ҷост, ки давлат танҳо ба қабули қонунҳо маҳдуд нашуда, дигар барномаю стратегияҳоро дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД марҳила ба марҳила қабул намуда истодааст. Айни замон дар Тоҷикистон заминаи нави қонунгузорӣ дар бораи политсия гузошта мешавад, ки он таъсиси низоми хеле самарабахши ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаро пешбинӣ менамояд [8].

Дар ин маврид самтҳои афзалиятнок бояд такмили низоми таъминоти маош, ҳавасмандгардонии фаъолияти касбии хизматии кормандон, таҳияи роҳу усулҳои муосири ҳавасмандгардонӣ арзёбӣ шаванд. Ба ақидаи мо, ҳалли ин масъалаҳо, аз ҷумла, тавассути тадбирҳои зерин имконпазир хоҳад буд: тавассути тақвият бахшидан ба ҳавасмандгардонии кормандон, баррасии масъалаҳое, ки ба баланд бардоштани таъминот ва сатҳи кафолати иҷтимоӣ дахл доранд; ҷорӣ намудани роҳу усулҳои муосири ҳавасмандгардонӣ дар хизмати ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, ташкили омилҳои моддӣ вобаста аз натиҷаҳои кор, қадр кардани иҷрои поквиҷдононаи уҳдадориҳои хизматӣ дар сатҳи баланди касбӣ.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми такмили ҳифзи иҷтимоии кормандон дар он зоҳир мегардад, ки он на танҳо шароити иҷтимоию иқтисодии кормандонро беҳтар мегардонад, балки онҳоро аз ҳар гуна амалҳои ношоиста бозмедорад. Дар ин хусус ҳақ ба ҷониби А.Н. Мокробородов мебошад, ки чунин қайд кардааст, ки "сатҳи шоистаи ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия ва оилаи онҳо омили муҳимми сиёсати зиддикоррупсионӣ мебошад, ки ба таҳкими эътимоди ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбат ба давлат нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, такмили низом ва мундариҷаи ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия ва аъзоёни оилаи онҳо яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти маъмурӣ ба ҳисоб меравад" [10, с. 50-51]. Дар ин хусус Ю.В. Биковская чунин қайд кардааст, ки омилҳое ба монанди паст будани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи нокифояи иҷтимоии кормандон аз ҷониби давлат, афзоиши рақобат дар бозори меҳнат, набуди ангезаҳои хизмати муассир сабабҳои пайдоиши коррупсия дар сафи кормандон, инчунин, аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун рафтани мутахассисони кордону ботаҷриба мегардад [3, с. 116]. Хулоса, такмил додани ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД боиси аз байн бурдани мушкилиҳои зиёд

гардида, сатҳи зиндагии кормандонро беҳтар намуда, онҳоро аз амалҳои номатлуб бозмедорад. Ҳамзамон, онҳоро водор менамояд, ки вазифаҳои худро содиқона иҷро намоянд.

Ҳамин тариқ, масъаларо оид ба такмили ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар раванди ислоҳоти дар ҶТ гузаронидашаванда мавриди баррасӣ қарор дода, метавон ба хулосае омад, ки ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД қонуну қоидаҳоеро ифода менамояд, ки аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат буда, ин меъёрҳо дар навбати худ намудҳои кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин, тарзу усулҳои татбиқи онҳоро муайян менамоянд. Аз мазмуни номбурда чунин бармеояд, ки ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД натиҷаи ҳимояи иҷтимоӣ буда, нишондиҳандаи шартҳои татбиқи кафолатҳоро оид ба риояи ҳуқуқҳои онҳо, нигоҳдории шароити дахлдори иҷтимоии сатҳи зиндагӣ ва обруву нуфузи хизматӣ ифода менамояд, ки тибқи қонунгузориҳо ташкил карда шудаанд.

Бар замми ин, ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД омили муҳимми фаъолияти самараноки тамоми низоми МКД ҶТ ба шумор меравад. Дар марҳилаи кунунии рушди ҷамъият, такмили тамоми мазмуну моҳияти низоми давлатӣ, гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави рушди иқтисодӣ, накш ва мазмуни ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД хеле боло рафта, аҳаммияти хеле зарурӣ касб мекунанд.

Аз рӯйи таҳлилҳои тадқиқотии гузаронидаи мо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки новобаста аз мушкилоту проблемаҳои мавҷуда, дар МКД-и ҷумҳурӣ корҳо дар доираи таъминоти ҳуқуқҳо ва имтиёзҳои дар қонунгузориҳо пешбинишуда барои сатҳи гуногуни кормандоне, ки ба кумакҳо, дастгириҳо ва ҳифзи иҷтимоӣ ниёз доранд, қатъ намегарданд. Аммо барои татбиқи бештар самараноки мақсадҳои дар назди давлат гузошташуда, ба ақидаи мо, иҷрои корҳо дар самтҳои зерин зарур аст:

1) мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоии кормандони МКД ва дар ин замина беҳтар намудани таҷрибаи татбиқи он;

2) баланд бардоштани таъминоти моддии кормандони МКД барои пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ (ташкили шароит барои таъмини имтиёзҳо ва ёрдампулиҳои асосии ҳади ақал, ки аз ҷониби давлат, аз ҷумла, кумакҳои хайрхоҳона кафолат дода мешаванд);

3) ҷудо кардани ҷойҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои кӯдакони кормандони мақомоти корҳои дохилӣ;

4) ҷудо кардани воситаҳои зарурӣ барои ҳалли проблемаҳои манзилӣ аз буҷети давлатӣ ва пардохти қарзҳои кормандони МКД дар ин самт;

5) корҳои тиббӣ-иҷтимоӣ (хизматрасонии тиббӣ-иҷтимоӣ дар хонаводаҳои кормандон, роҳхатҳо барои муолиҷаи санаторӣ-курортӣ, таъмини доруворихо, чорабиниҳои варзишии солимгардонӣ);

6) кумакҳои иҷтимоӣ-рӯҳиву равонӣ (муоинаи доимии иҷтимоӣ-рӯҳиву равонии кормандон ва ё аъзои оилаҳои онҳо, офияти руҳиву равонӣ ва ғайра);

7) корҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иттилоотӣ (ташкил ва баргузории вохӯриҳо, аз ҷумла, вохӯриҳое, ки хусусиятҳои машваратӣ доранд, ташкили сафарҳои сайру саёҳат ба мавзеъҳои дорои аҳаммияти таърихӣ дошта, дар дохили ҷумҳурӣ ва ба кишварҳои хориҷӣ, ёдбуди хотираи кормандони фавтида, чорабиниҳои ташкилӣ-тарғиботӣ ва ғайра);

8) таҳия ва қабули санадҳои мустақилонаи меъёрӣ, ки дар сатҳи Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шудаанд, масалан, дар шакли Дастурамал дар бораи кафолатҳои давлатӣ, иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва афзалиятҳои кормандони МКД ва аъзои оилаҳои онҳо; ба кумакҳои иҷтимоӣ ҷалб кардани дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва хайрия, ҷалби шахсони воқеӣ дар гузаронидани чорабиниҳои иҷтимоӣ ё шахсоне, ки метавонанд ба ҳамин монанд кумакҳо расонанд;

9) иштирок дар барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар самти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;

10) мусоидати кооператсияи кормандони МКД дар соҳаи истеъмолӣ (сохтмони манзилӣ ва ғайра);

11) дар назди ВКД ҶТ таъсис додани иттифоқҳои касабаи кормандони МКД, ки ҳадафи он мавқеи фаъол доштан дар ҳифзи ҳуқуқҳои кормандони МКД мебошад (ба ин ташкилот дар баробари кормандони милитсия ҳамчунин метавонанд кормандони қушунҳои дохилӣ.

Хулоса, ҳалли масъалаҳои зикргардида дар доираи гузаронидани ислоҳоти мақомоти корҳои дохилӣ, таъсиси намунаи нави иҷтимоии милитсия ва симои нави кормандон, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои аз ҷониби давлат кафолат додашудаи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон нигаронида шудаанд, аҳаммияти махсус касб мекунад. Ин ҳама тадбирҳо ба такмили фаъолияти МКД мусоидат намуда, ҳам самти афзалиятноки фаъолияти давлат ва ҳам муҳимтарин омили таҳким бахшидан ба бехатарии давлат ба шумор меравад.

Инчунин, бо дарназардошти он ки асоси МКД-ро маҳз кормандон ташкил менамоянд, ҷоннок намудани фаъолияти он аз кормандони соҳа вобаста аст. Бинобар ин, дар раванди ислоҳот дар баробари таҷҳизонидани техникӣ ва мукаммал гардонидани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти милитсия, бояд ба ҳифзи иҷтимоии кормандон назари ҷиддӣ намуд. Вазифаҳои муҳимме, ки давлат дар ин раванд дар назди худ гузоштааст, ин бартараф намудани масъалаҳои кафолати иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аст.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17–уми майи с. 2004, № 41 // [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи воридшавӣ: http://www.mmk.tj.

2. Антипьева, Н.В. Социальное обеспечение военнослужащих: проблемы правового регулирования: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.05 / Наталья Валерьевна Антипьева. – СПб., 2009. – 45 с.

3. Быковская, Ю.В Создание эффективной системы социальной защиты сотрудников МВД России как приоритетное направление модернизации органов внутренних дел / Ю.В. Быковская // Вестник Академии экономической безопасности МВД России. – 2011. – № 4. – С. 115-119.

4. Быковская, Ю.В. Реформа системы социальных гарантий сотрудников полиции и основные направления дальнейшего развития социальной политики в органах внутренних дел Российской Федерации // Социальное и пенсионное право. – 2012. – № 3. – С. 13-16.

5. Ершов, Ю.А. Полиция России в пореформенный период. Комплектование, профессиональная подготовка и социальная защищенность: историко-правовой аспект: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Юрий Александрович Ершов. – СПб.,1998. – 20 с.

6. Ильина, О.В. Проблемные аспекты обеспечения прав сотрудников ОВД и членов их семей / О.В. Ильина // Молодежная инициатива: Сборник статей VI Международной научно-практической конференции, Пенза, 30–31 мая 2022 года. – Пенза: Пензенский государственный аграрный университет, 2022. – С. 50-55.

7. Круппо, С.М. Правовая и социальная защита сотрудников органов внутренних дел: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.14 / Сергей Маратович Круппо. – М., 2001. – 24 с.

8. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mvd.tj/index.php/ru/proekta-zakona-rt-o-politsii.

9. Михалюк, П.А. Социальная защита сотрудников органов внутренних дел / П.А. Михалюк // Административное и муниципальное право. – 2010. – № 7 (31). – С. 46-51.

10. Мокробородов, А.Н. Правовое и организационное обеспечение государственной защиты сотрудников овд и членов их семей / А.Н. Мокробородов // Современные тенденции развития науки и технологий. – 2016. – № 7-5. – С. 50-51.

11. Чернышова, Л.В. Некоторые аспекты проблемы реформирования системы социальной защиты сотрудников органов внутренних дел / Л.В. Чернышова // Пробелы в российском законодательстве. – 2014. – № 6. – С. 245-247.

**References**

1. Law of the Republic of Tajikistan “On the militia” of May 17, 2004, No. 41 // [Electronic resource]. - Login mode: http://www.mmk.tj.

2. Antipyeva, N.V. Social security of military personnel: problems of legal regulation: author's abstract. diss.... Doctor of Law: 12.00.05 / Natalya Valerievna Antipyeva. – St. Petersburg, 2009. – 45 p.

3. Bykovskaya, Yu.V. Creation of an effective system of social protection of employees of the Ministry of Internal Affairs of Russia as a priority direction of modernization of internal affairs bodies / Yu.V. Bykovskaya // Bulletin of the Academy of Economic Security of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2011. – No. 4. – Pp. 115-119.

4. Bykovskaya, Yu.V. Reform of the system of social guarantees for police officers and the main directions of further development of social policy in the internal affairs bodies of the Russian Federation // Social and pension law. – 2012. – No. 3. – Pp. 13-16.

5. Ershov, Yu.A. The Police of Russia in the Post-Reform Period. Recruitment, Professional Training and Social Security: Historical and Legal Aspect: Abstract of Cand. Sci. (Law): 12.00.01 / Yuri Aleksandrovich Ershov. – St. Petersburg, 1998. – 20 p.

6. Ilyina, O.V. Problematic Aspects of Ensuring the Rights of Internal Affairs Bodies Employees and Their Family Members / O.V. Ilyina // Youth Initiative: Collection of Articles from the VI International Scientific and Practical Conference, Penza, May 30-31, 2022. – Penza: Penza State Agrarian University, 2022. – Pp. 50-55.

7. Kruppo, S.M. Legal and Social Protection of Internal Affairs Bodies Employees: Abstract of Cand. Sci. (Law): 12.00.14 / Sergey Maratovich Kruppo. – M., 2001. – 24 p.

8. Draft Law of the Republic of Tajikistan “On Police” // [Electronic source] - Access mode: https://mvd.tj/index.php/ru/proekta-zakona-rt-o-politsii.

9. Mikhalyuk, P.A. Social protection of employees of internal affairs bodies / P.A. Mikhalyuk // Administrative and municipal law. – 2010. – No. 7 (31). – Pp. 46-51.

10. Mokroborodov, A.N. Legal and organizational support for state protection of employees of internal affairs bodies and their family members / A.N. Mokroborodov // Modern trends in the development of science and technology. – 2016. – No. 7-5. – Pp. 50-51.

11. Chernyshova, L.V. Some aspects of the problem of reforming the system of social protection of employees of internal affairs bodies / L.V. Chernyshova // Gaps in Russian legislation. – 2014. – No. 6. – Pp. 245-247.

ТДУ 342.41

# БАВУҶУДОӢ ВА РУШДИ ИЛМИ КОНСТИТУТСИЯШИНОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

# ВОЗНИКНОВЕНИЕ И РАЗВИТИЕ НАУКИ КОНСТИТУЦИОВЕДЕНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

# THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF CONSTITUTIONAL SCIENCE IN TAJIKISTAN



Имомов А.
Imomov A.
*Сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*Главный научный сотрудник отдела государственного права Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, кандидат юридических наук, профессор*
*Chief Researcher, Department of Public Law, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A. Bakhovaddinov, National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Professor*

e-mail:
shhd-ifhs-2018@list.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ–давлатӣ)).
*Научная специальность:* 12.00.02 – Конституционное право; право конституционного судебного процесса; правовое регулирование местной власти (5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки).
*Scientific specialty:* 12.00.02 – Constitutional law; constitutional litigation; legal regulation of local authorities (5.1.2. Public law (state law) sciences).

*Тақриздиҳанда:* Зоир Ҷ.М. – мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
*Рецензент:* Зоир Дж.М. – заведующий отделом государственного права Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.
*Reviewer:* Zoir J.M. - Head of the Department of State Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov, National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.

*Аннотатсия:* Дар мақола сатҳи таҳқиқи мавзуи пайдоиш ва рушди илми конститутсияшиносӣ дар Тоҷикистон равшанӣ баррасӣ шудааст. Вобаста ба ин, давраҳои ба ғояи конститутсионӣ наздикшавии халқи тоҷик дар се давра нишон дода шудааст. Инчунин, оид ба сатҳи таҳқиқи илмию амалии конститутсияҳои ҷумҳурӣ маълумоти мухтасар дода шуда, вобаста ба сатҳи баланди омӯзиш ва таҳқиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 қайд намуда, дар бораи олимон ва асарҳои дар ин соҳа эҷодшуда, маълумот дода шудааст.

*Вожаҳои калидӣ:* конститутсияҳо, давраҳо, пайдоиш, рушд, омӯзиш, сатҳи таҳқиқоти илмӣ, асарҳои илмию амалӣ, илми кинститутсияшиносӣ.

*Аннотация*: В статье рассматриваются вопросы исследования проблемы возникновения и развития науки конституционноведения в Таджикистане. В связи с этим, периоды сближения таджикского народа с конституционной идеей представлены тремя периодами. Также представлены краткие сведения об уровне научно-практического исследования республиканских конституций, отмечен высокий уровень изучения и исследования Конституции Республики Таджикистан 1994 года, отображена информация об ученых и наиболее известных трудах в исследуемой области.

*Ключевые слова:* конституции, период, возникновение, развитие, изучение, уровень научной изученности, научно-практические произведения, наука конституциоведения.

*Annotation*: The article examines the issues of research into the problem of the emergence and development of the science of constitutional studies in Tajikistan. In this regard, the periods of rapprochement of the Tajik people with the constitutional idea are represented by three periods. Brief information on the level of scientific and practical research of republican constitutions is also presented, a high level of study and research of the Constitution of the Republic of Tajikistan of 1994 is noted, information about scientists and the most famous works in the area under study is displayed.

*Key words*: constitutions, period, emergence, development, study, level of scientific study, scientific and practical works, science of constitutional studies

Бавуҷудоӣ ва рушди илми конститутсияшиносӣ дар Тоҷикистон ба чандин омилҳо вобаста буда, аз чанд давраҳо иборат аст. Дар қаламрави давлати феодалии теократии аморати Бухоро, ки зиёда аз ҳазор сол инҷониб дар заминаи расму қоидаҳои шариати исломӣ идора карда мешуд, барои ташаккули ғояҳои барпоёбии миллатҳо, пайдоиш ва ривоҷи қонунҳои дунявӣ муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ, алалхусус, барои пайдоиш ва амали конститутсия, рушди ғояи конститутсиягароӣ ҳеҷ гуна замина вуҷуд надошт. Халқи тоҷик дар Осиёи Марказӣ то асри XIX бештар дар ҳудуди аморати Бухоро ҷойгир буд.

I. Дар мобайни асри XIX аз тарафи ҳукумати подшоҳии Россия забт шудан ва ба он ҳамроҳ кардани ҳудуди васеи қисми шимолии Бухоро ва дар ин ҷой ҷорӣ кардани тарзи идоракунии шоҳигарии Россия, иҷрои қонунҳо ва риояи тартиботи ҳуқуқии он ба пайдоиш ва паҳншавии усули қонунияти подшоҳӣ сабаб гардиданд. Дар шаҳру деҳоти ба ҳайати Россия ҳамроҳкардашуда, ҳар чи бештар аҳолии таҳҷойии тоҷикон ва узбекон буданд ва ҳаёти онҳо аз рӯйи қонунҳои сохтори подшоҳии Россия ба роҳ монда шуда буд.

Азбаски шоҳигарии мутлақи Россия аз усулҳои демократии идоракунии давлатӣ, нисбат ба давлатҳои аврупоӣ дур монда, то эътирофи реҷаи конститутсионии сохтори давлатӣ нарасида буд, ба қабули конститутсия ва аз рӯйи он ба роҳ мондани ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ мароқи зиёд надошт. Идоракунии ҳудуди истилошудаи Осиёи Марказӣ аз тарафи Россия тавассути ташкили губернияи Туркистон бо сарварии генерал-губернатор ва итоати бевоситаи он ба даргоҳи шоҳ амалӣ карда мешуд. Амру фармонҳои генерал-губернатор, баробари қонунҳои ҳукумати подшоҳӣ, дар кишвари Туркистон бечуну чаро ба иҷро расонида мешуданд. Ҳамзамон, дар маҳалҳои забтшуда як қатор муносибатҳои ҷамъиятии хусусӣ тавассути оинҳои шариат ва одату анъанаҳои иҷтимоӣ ҳал карда мешуданд. Чунин вазъият то ғалабаи инқилоби октябрии болшевикии рус дар соли 1917 идома ёфт.

Ҷорӣ кардани ҳокимияти давлатии инқилобӣ дар тамоми қаламрави Россияи подшоҳӣ, аз ҷумла, дар кишвари Туркистон, қадами нахустини шиносоии тоҷикони ин кишвар ба санадҳои ҳуқуқӣ ва расму қоидаҳои дунявии инқилобӣ гардид. Бо ғалабаи инқилоби мазкур тарзи идораи генерал-губернатории кишвари Туркистон бекор карда шуда, дар ин ҷой

Ҷумҳурии Мухтории Шуравии Сотсиалистии Туркистон дар ҳайати Ҷумҳурии Сотсиалистии Федеративии Шӯравии Россия (ҶСФСР) ташкил ёфт. Дар ҳудуди он баробари қонунҳои (декретҳои) аз тарафи мақомоти олии давлатии Федератсияи Россия қабулшуда, санадҳои ҳуқуқии ҶМШС Туркистон низ амал мекарданд. Қабули Конститутсияи ҶСФШР аз 10-уми июли соли 1918 аввалин иқдоми ба ғояи конститутсионӣ наздик намудани халқҳои Россия, аз ҷумла, тоҷикони сокини ҶМШС Туркистон гардид.

Дар заминаи он 15-уми октябри соли 1918 Конститутсияи ҶМШС Туркистон қабул карда шуд. Таркиби Конститутсияи мазкур бо таркиби Конститутсияи ҶСФСР соли 1918 хеле монандӣ дошта, фаслҳои 1 ва 2 ҳар дуи онҳо ҳамном буданд: 1) Эъломияи ҳуқуқҳои меҳнаткашон ва халқҳои истисморшуда; 2) Ҳолатҳои умумии Конститутсияи ҶСФСР. Дар онҳо баробари меъёрҳои сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии Россияро танзимкунанда, инчунин, меъёрҳо дар бораи ҳолати ҳуқуқии ҶМШС Туркистон пешбинӣ шуда буданд. Дар 20-уми сентябри соли 1920 Конститутсияи дуюми Ҷумҳурии Туркистони ҶСФСР қабул карда шуд ва дар он ҳолатҳои ба сохти ҷамъиятӣ ва давлатии дахлдор танзим ёфтанд.

Аз ҷумла, дар хусуси ҳудуди ҶМШС Туркистон аз вилоятҳои тоҷикнишини Фарғона, Самарқанд иборат будан қайд ёфт. Фасли сеюм Заминаҳои асосӣ ва боби 6 Муносибатҳои байниҳамдигарии ҶМШС Туркистон бо ҶСФСР номида шуда, дар сатҳи конститутсионии робитаи онҳо, низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Туркистон, тартиби ташкилёбӣ ва салоҳияти онҳо танзим карда шуданд. Аммо дар конститутсияи мазкур дар хусуси дар ҳайати ҶМШС Туркистон истиқомат доштани халқи тоҷик меъёре ҷой надошт. Албатта таъсири меъёр ва ҳолатҳои конститутсияи мазкур ба шуур ва ахлоқи мардум хеле ночиз ва як навъ ҳуҷҷати боршуда ба ҳисоб мерафт, бо вуҷуди ин қабул ва амали он барои дарки вуҷуди чунин ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ва зарурати риояи он аҳаммияти ҳуқуқӣ ва маърифатӣ дошт.

Аҳолии вилоятҳои тоҷикнишини аморати Бухоро то сарнагун гаштани ҳокимияти амирӣ дар соли 1920 ва паҳн гаштани ҳокимияти шуравӣ дар он аз ғояи конститутсионӣ бехабар ва зери таъсири шариат умр ба сар мебурданд. Забти Бухоро аз тарафи Артиши сурх ва ташкили ҳокимияти шуравӣ дар ҳудуди он, боиси давра ба давра паҳн шудани қонуният ва меъёрҳои инқилобии конститутсионӣ гардиданд. Дар қарорҳои Анҷумани якуми умумибухороии вакилони халқ аз 5-8-уми октябри соли 1920 масъалаҳои муҳимми сохтмони шуравӣ, ҳаёти хоҷагӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ баррасӣ гардида, вазифаҳои ҳокимияти шуравӣ дар ин соҳаҳо муайян карда шуданд.

Анҷумани дуюми умумибухороии вакилони халқ аз 18-23-юми сентябри соли 1921 Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухороро қабул кард. Дар он ба дасти халқ гузаштани ҳокимияти давлатӣ ва ба манфиати онҳо ба роҳ мондани идоракунии ҶХШ Бухоро, баъзе ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, низоми мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти шуравӣ, тартиби ташкил ва салоҳияти онҳо, ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон ва тартиби баргузор кардани интихоботи Анҷумани Шуроҳо танзим карда шуданд.

Анҷумани сеюми умумибухороии вакилои халқ (15-18-уми августи соли 1922) роҳҳои ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷумҳуриро баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул кард. Мувофиқи қарори он бо мақсади дуруст ба роҳ мондани масъалаҳои идоракунии вилоятҳои шарқии ҶХШ Бухоро он ба воҳиди махсуси сиёсӣ-ҳудудии Бухорои Шарқӣ табдил дода шуда, сохторҳои идоракунии он муайян карда шуд. Дар кори ба роҳ мондани идоракунии қисми шарқии ҶХШБ қарорҳои Анҷумани чоруми умумибухороии вакилони халқ (11-17-уми октябри соли 1923) аҳаммияти калон доштанд. Ҳусусан, дар қарордоди он оид ба масъалаи вазъият дар Бухорои Шарқӣ (11-уми октябри соли 1923) барои таъмини беҳбудии ҳаёти мардум дар вилоятҳои Душанбе, Бойсун, Кулоб, Ғарм, Қурғонтеппа

андешидани чораҳои зарурӣ тавсия карда шуд.

Дар ҳалли масъалаҳои роҳбарӣ ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғайра баргузор шудани Анҷумани якуми Шуроҳои Бухорои Шарқӣ (2-5-уми сентябри соли 1923) ва расмӣ гаштани таъсиси воҳиди махсуси ҳудудӣ-сиёсии Бухорои Шарқӣ аҳаммияти махсус дошт. Ҳайати миллии намояндагони Анҷумани мазкур асосан аз тоҷикон иборат буд. Минбаъд мақомоти ҳокимияти давлатии Бухорои Шарқӣ фаъолияти худро дар заминаи мухторият ба ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёти кишвар равона карданд.

Дар марҳилаи авҷи фаъолияти мақомоти ҳокимияти шуравӣ дар ҳудуди Бухоро Анҷумани панҷуми умумибухороии вакилони халқ (19-20-уми сентябри соли 1924) чандин қарорҳои муҳим қабул кард, аз ҷумла бо қарори худ аз 19-уми сентябри соли 1924 Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ табдил дода шуд. Ҳамчунин дар ҷавоб ба ташаббуси Ҳукумати ИҶШС дар бораи дар Осиёи Миёна гузаронидани тақсимоти миллӣ давлатӣ, дастгирии худро эълон намуда, дар заминаи халқҳои узбек, тоҷик, туркман, қирғиз ташкил кардани сохторҳои миллӣ-давлатиро чораи зарурӣ шуморид.

Баробари ин, бо қарори худ аз 20-уми сентябри соли 1924 дар зери таъсири мафкураи пантуркистӣ аз ҳисоби аҳолии узбеки Туркистон, Бухоро ва Хоразм ташкил кардани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистони Бузург ва аз ҳисоби тоҷикони дар ин кишварҳо ҷойгир буда, ташкили вилояти мухтори Тоҷикистонро тавсия кард. Ин қарорро иҷлосияи дуюми КИМ-и ҶХШБ омӯхта, бо қарори аз 18 ноябри соли 1924 аз ҳисоби тоҷикони дар Туркистон ва Бухоро сукунат дошта, таъсиси Ҷумҳурии Мухтории Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати ҶШС Узбекистон дар асоси федеративӣ расмӣ гардонид [15, с. 47-78; 16, с. 55].

Ҳамаи ин ҳолатҳо асоси пайдоиши шакли мухтории давлатдории халқи тоҷик дар заминаи ҳокимияти шуравӣ ва пайдо кардани имкони рушди ҳуқуқии конститутсионии минбаъдаи он гардид. Дар ин давра халқи тоҷик дар гардиши пуравҷи инқилобӣ қарор ёфта буд. Аммо дар ин маҷрои дигаргунсозии ҳаёти худ шарики ғайримустақим ба ҳисоб рафта, берун аз майлу рағбати ӯ шакл ва роҳу воситаи иштирок дар ҳалли масъалаҳои соҳибихтиёрии миллӣ пайдо кардан ва соҳибдавлат гаштани ӯ ҳаллу фасл мегардид. Фақат акнун дар ин гардиши бузург шуури худшиносии миллӣ, рағбат ба ваҳдати миллӣ бедор гардида, аз тарафи чанде фарзандони бофарҳангӣ миллат, муборизаи ошкоро барои худифодаёбӣ сурат мегирифт. Дар чунин муҳити ҳассос ноил гаштан ба таъсиси Ҷумҳурии Мухтории Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳодисаи нодири таърихӣ ба ҳисоб рафта, минбаъд сафарбарии миллат ба пойдоршавии давлати худ ҳадафи асосии ғояи миллӣ гардид.

Бо вуҷуди дар муҳити ноороми кишвар, идомаи ҷанги шаҳрвандӣ дар шакли босмачигарӣ, харобии иқтисодӣ, қашшоқии иҷтимоӣ, ноаён гардидани фарҳанги миллӣ, дар иҳотаи фишори майлони пантуркӣ қарор доштан, халқи ҶМШС Тоҷикистон дар мӯҳлати кутоҳи таърихӣ дар самтҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба дастовардҳо ноил гардид.

Ташкилёбии давлати шаклан миллӣ ва моҳиятан сотсиалистии ҶМШС Тоҷикистон оғози давраи нави дар заминаи фаъолияти бевоситаи худ ба ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ҳамроҳшавии халқи тоҷик ва аз рӯйи талаботи қонунҳои нави дунявӣ ба роҳ мондани зиндагӣ гардид. Албатта раванди мазкур аксаран дар зери таъсири нерӯҳои беруна, ғояҳои бор кардашуда идома меёфт, аммо бо вуҷуди ҳамаи ин, дар таъсисёбии давлати миллии тоҷик қадамҳои нахустин барои ҳамроҳ шудан ба гардиши тамаддуни ҷаҳонии конститутсионӣ гузошта мешуд.

Бояд қайд кард, ки дар ин давраи рӯ овардан ба ғояи қонуният ва конститутсиягароӣ, таҷрибаи зиндагӣ аз мулоҳизаю андешаҳои назариявӣ оид ба масоилҳои конститутсионӣ пешрав буданд. Бинобар ин, дар бораи мазмун ва хусусиятҳои аввалин конститутсияҳои типи сотсиалистӣ, асарҳои илмӣ қариб пайдо нагардиданд,

ҷузваҳои (брошюрҳо) аввалин аз тарафи ходимони намоёни давлатӣ иншо гардиданд. Масалан, Н.К. Крупская, М.А. Рейснер, Г.С. Гурвич, С.Л. Ронин ва ғайраҳо асарҳои аввалиниро дар бораи конститутсия эҷод карданд [1; 2; 5; 9; 13; 14].

Ҳанӯз олимони соҳаи давлатшиносию конститутсияшиносӣ дар хусуси конститутсияҳои аввалини типи сотсиалистӣ навиштани асарҳои илмиро ба анҷом нарасонида, давраи гузариш аз капитализм ва феодализм ба сохти сотсиалистӣ анҷом ёфт. Минбаъд конститутсияҳои солҳои 1936-1937 муносибатҳои нави ҷамъиятии ба давраи сотсиализм хосро муайян ва танзим намуданд.

II. Таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтории Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Узбекистон мувофиқи қарори иҷлосияи дуюми КИМ-и ИҶШС аз 27-уми октябри соли 1924 расмӣ гардонида шуд. Ҳайати он аз вилоятҳои Душанбе, Кулоб, Ғарм, Қурғонтеппа ва тумани Қаротеппаи вилояти Сари Осиёи собиқ ҶХШС Бухоро, Помир ва Бадахшони Кӯҳии вилояти Фарғона, ноҳияҳои Уротеппа ва Панҷакенти уезди Самарқанди ҶМШС Туркистон иборат гардид. Бисёр шаҳру ноҳияҳои тоҷикнишини дар ҳайати собиқ аморати Бухоро ва губернияи Туркистон қарор дошта, аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои собиқ волости Хуҷанд берун аз ҶМШС Тоҷикистон монданд. Мурофиати ходимони давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон ба мақомоти олии ҳокимияти давлатии Узбекистон оид ба баргардонидани шаҳру ноҳияҳои таърихии тоҷикон ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон беҷавоб мемонд ва ё рад карда мешуд. Бинобар ин, чунин мурофиатҳо ба роҳбарияти ИҶШС низ равона карда мешуданд. Аммо дар ҳалли ин масъала бекудратии Маскав ошкор шуда, мавқеи якравонаи пантуркистии роҳбарияти Узбекистонро бартараф карда наметавонист.

Бо мақсади ба роҳ мондани идоракунии ҷумҳурӣ, ташкил ва мустаҳкам кардани мақомоти ҳокимияти Шуравӣ ва даъвати Анҷумани шуроҳои ҷумҳурии Тоҷикистон Ревкоми ҶШС Узбекистон 24-уми ноябри соли 1924 Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистонро ташкил кард ва минбаъд кори роҳбарии ҷумҳурӣ ба ухдаи он гузошта шуд. Тавассути санадҳои ҳуқуқии мақомоти мазкур масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ танзим карда мешуданд. Кори ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ривоҷ ёфта, маъракаи интихоботӣ ва тайёрӣ ба даъвати Анҷумани якуми шуроҳои ҷумҳурӣ суръат гирифт ва 1-12-уми декабри соли 1926 Анҷумани якуми таъсискунандаи Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон баргузор гардид. Анҷумани мазкур масъалаҳои муҳимтарини сохтмони давлатӣ, аз ҷумла, интихоби мақомоти намояндагӣ ва намояндаҳоро ба Анҷумани умумиузбекии шуроҳо ва ба Шурои Миллатҳои КИМ-и ИҶШС ҳал намуд ва Эъломия дар бораи ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Узбекистонро қабул кард. Анҷуман то қабули Конститутсия тамоми ҳокимиятро ба КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон супорид ва он роҳбарии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва сохтмони давлатиро самаранок ба роҳ монд.

Моҳиятан рушди конститутсионии давлатдории миллии тоҷик аз ҳамин давра оғоз меёбад. Масъалаи тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон чанд муҳлат идома ёфт. Ҳанӯз моҳи майи соли 1927 мақомоти ҳизбию давлатии ҶШС Узбекистон лоиҳаи Конститутсияро муҳокима ва онро барои баррасии КИМ ҶМШС Тоҷикистон тавсия кард. Дар моҳи апрели соли 1929 иҷлосияи чоруми КИМ-и мазкур лоиҳаро маъқул дониста шуда, ба баррасӣ ва қабул ба Анҷумани дуюми шуроҳои Тоҷикистон пешниҳод кард. Анҷумани дуюми шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон (21-28-уми апрели соли 1929) Конститутсияи аввалини Тоҷикистонро қабул кард. Он дар асоси Конститутсияи ИҶШС соли 1924, Конститутсияи ҶШС Узбекистон соли 1927 ва Эъломия дар бораи ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шуда буд.

Ба монанди конститутсияи дигар ҷумҳуриҳои шӯравии ин давра сохтори шӯравии мавҷуда, комъёбиҳои ба даст

овардашударо инъикос намуд. Он бештар хислати барномавӣ дошта, самтҳои асосии инкишофи ҷумҳуриро дар роҳи бунёди давлатдории Шуравӣ муайян кард. Таркиби Конститутсияи соли 1929 аз 7 фасл, 17 боб ва 107 иборат буда, дар он њолатҳои умумӣ (дар ин фасл чандин ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон муқаррар карда шуданд), дар бораи Ҳуқуқҳои соҳибихтиёронаи ҶМШС Тоҷикистон, ташкили Мақомоти марказии ҷумҳурӣ, салоҳияти онҳо, вазъи конститутсионии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ташкили ҳокимияти Шуравӣ дар маҳалҳо, дар бораи интихоботи Шуроҳо ва ғайра танзим карда шуданд.

Анҷумани мазкур мурочиати меҳнаткашони округи Хуҷандро дар бораи ҳамроҳшавӣ ба ҶМШС Тоҷикистон қонеъ гардонида, қарор дар бораи ҳамроҳ кардани округи мазкури ҶШС Узбекистон ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистонро қабул кард. Бо ҳамроҳшавии округи Хуҷанд ба ҳайати ҷумҳурӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистон хеле инкишоф ёфта, то даъвати Анҷумани сеюми Шуроҳо дар мамлакат маъракаҳои муҳим оид ба дастгирии иқдоми табдил додани ҶМШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии иттифоқӣ баргузор карда шуданд. Халқи Тоҷикистон бо руҳбаландии қавӣ ғояи рушди соҳибихтиёрии миллиро дастгирӣ ва ба Ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани Тоҷикистонро тарафдорӣ карданд. Рафти маъракаи мазкур тавассути қарорҳои Раёсати КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон аз 11-уми августи соли 1929 ва иҷлосияи дуюми КИМ аз 11-уми сентябри соли 1929 ба маҷрои муайян дароварда мешуд.

Тибқи омили мазкур масъалаи ба тасдиқи мақомоти олии намояндагии ҶШС Узбекистон пешниҳод кардани Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929 ҳамчун шарти ҳатмии ба амал даромадани он, то ҳалли масъалаи ба Ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани Тоҷикистон мавқуф гузошта шуд. Масъалаи мазкур дар Анҷумани сеюми Фавқулоддаи Умумитоҷикистонии Шуроҳо 15-19-уми октябри соли 1929 баррасӣ гардид. Дар он масъалаҳои ҷудо шудани Тоҷикистон аз ҳайати Узбекистон ва бевосита дохил шудани ҶШС Тоҷикистон ба ИҶШС баррасӣ шуда, қарор дар бораи барпо кардани давлати соҳибихтиёри шӯравии сотсиалистии тоҷик ва ба ҳайати ИҶШС ихтиёрона дохил шудани онро қабул кард. Иҷлосияи сеюми фавқулоддаи КИМ-и ҶШС Узбекистон аз 6-уми ноябри соли 1929 ва иҷлосияи дуюми КИМ-и ИҶШС аз 5-уми декабри соли 1929 қарори Анҷумани Шуроҳои Тоҷикистонро тасдиқ карданд. Моҳи марти соли 1931 Анҷумани шашуми Шуроҳои ИҶШС қарори КИМ-ро тасдиқ ва ҶШС Тоҷикистонро ба ҳайати Иттифоқӣ Шуравӣ қабул кард.

Мақомоти олӣ ва маҳалии ҳокимияти шӯравии Тоҷикистон моҳи январи соли 1930 нақшаи панҷсолаи якуми рушди ҷумҳурӣ ва қарорҳои Анҷумани сеюми фавқулоддаи шуроҳои ҷумњуриро ба асос гирифта, дар соҳаҳои бунёд ва ба кор андохтани корхонаҳои саноатӣ, тайёр кардани кадрҳои ихтисосманд аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ, заминаи коллективонидани ҳоҷагии деҳот, ташкили колхоз ва совхозҳо, беҳтар кардани фаъолияти дастгоҳи давлатиро ривоҷ дода, ба комъёбиҳо ноил мегардиданд. Дар моҳи июни соли 1930 бо тавсияи ҳукумати иттифоқӣ КИМ-и ҶШС Тоҷикистон қарор дар бораи барҳам додани округҳои маъмурӣ дар ҷумҳурӣ ва устувор гардонидани ноҳияҳоро қабул кард. Бо ҳамин масъалаи ба аҳолӣ наздик кардани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва самаранок гардидани фаъолияти онҳо мусоидат карда шуд.

Дар чунин шароит аз 17 то 25-уми феврали соли 1931 Анҷумани чоруми Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон баргузор гардида, дар қатори дигар масъалаҳо тавассути қабули Конститутсияи нав, ҶШС Тоҷикистон вазъи худро ҳамчун давлати соҳибихтиёр муқаррар кард. Конститутсияи соли 1931 дар асоси ҳолатҳои Эъломияи ҳуқуқи меҳнаткашон ва халқи заҳматкаш, Эъломия дар бораи ташкили ҶШС Тоҷикистон, Конститутсияи ИҶШС соли 1924 ва усулҳои асосии диктатураи пролетариат таҳия ва қабул карда шуд. Аммо бо сабабҳои номукаммалии кори мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, дар

таҳрири охирин тайёр кардани матни Конститутсия кашол ёфт ва фақат дар моҳи декабри соли 1932 ба чоп расид. Он аз 7 фасл, 16 боб ва 113 модда иборат буда, дар онҳо асосҳои сохтори ҷамъияти ва давлатии ҷумҳурӣ, ҳуқуқҳои соҳибихтиёронаи он, низоми мақомоти ҳокимиятии олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, интихоботи Шуроҳо танзим ёфтанд.

Аммо баъзе масъалаҳои сатҳи конститутсионӣ, ба монанди танзими рамзҳои давлатӣ, тартиби тағйири конститутсия аз он берун монданд. Минбаъд фаъолияти мақомоти олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатии ҷумҳурӣ мувофиқи Конститутсияи мазкур ба роҳ монда шуда, масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷумҳурӣ дар асоси он ба иҷро расонида мешуданд. Аммо бо вуҷуди ин КИМ-и ИҶШС 28-уми майи соли 1934 қайд кард, ки Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1931 ҳамаи дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҳаёти ҷумҳуриро пурра ифода намекунад. Дар ҳамин асос Анҷумани панҷуми Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон 16-уми январи соли 1935 Конститутсияи ҷумҳуриро дар таҳрири нав тасдиқ кард. Таркиби таҳрири нави Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1931 аз 16-уми январи соли 1935 аз 5 фасл, чандин зерфаслҳо ва 92 модда иборат гардид.

Бо вуҷуди дар таҳрири нави соли 1935 ба талаботи он давра мувофиқ гардонидани конститутсияҳои тамоми ҷумҳуриҳои Шуравӣ, аллакай дар соли 1936 масъалаи қабули конститутсияҳои нав ба вуҷуд омад. Сохторҳои марказии ҳизбӣ ва мақомоти олии давлатии иттифоқ ба хулоса омаданд, ки дар миқёси ИҶШС дар тамоми соҳаҳои сохтмони давлатӣ ва ҷамъиятӣ дигаргуниҳое ба вуҷуд омаданд, ки шаҳодати устувор гардидани ҳокимияти шуравӣ, сифатан тағйир ёфтани асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ба иҷро расидани вазифаҳои ба давраи гузариш хос ва аз сохтори кӯҳна ба сохтори нави сотсиалистӣ мебошанд.

Ин хулосаҳо дар Анҷумани ҳафтуми Шуроҳои ИҶШС, ки аз 28-уми январ то 6-уми феврали соли 1935 идома ёфт, садо доданд. Ба ҳамин муносибат ба Конститутсияи иттифоқии соли 1924 тағйиротҳо ворид карда шуда, дар таҳрири нав тасдиқ карда шуд. Ҳамчунин ба КИМ-и ИҶШС супориш дода шуд, ки Комиссияи конститутсионӣ ташкил намояд ва он матни ислоҳшудаи Конститутсияро кор карда барояд ва ба тасдиқи иҷлосияи КИМ-и ИҶШС пешниҳод намояд. КИМ-и ИҶШС дар ҷаласаи худ Комиссияи конститутсиониро бо роҳбарии И.В.Сталин ташкил намуд ва он аз 7-уми майи соли 1935 ба кор шурӯъ кард. Комиссияи мазкур аз доираи вазифаи муайяншуда берун шуда, лоиҳаи Конститутсияи нави иттифоқиро тайёр кард. Раёсати КИМ лоиҳаро маъқул шуморида онро барои ба муҳокимаи халқӣ пешниҳод кардан тавсия намуд ва 12-уми июни соли 1936 он ба муҳокима бароварда шуд. Бо анҷоми муҳокимаи халқӣ лоиҳа ба баррасии Анҷумани ҳаштуми Шуроҳои ИҶШС гузошта шуд ва он 5-уми декабри соли 1936 Конститутсияи дуюмини иттифоқӣ, ки «конститутсияи исталинӣ» ном гирифт, қабул кард.

Дар асоси Конститутсияи нави иттифоқӣ дар ҳамаи ҷумҳуриҳои Шуравӣ соли 1937 конститутсияҳои нави миллӣ қабул карда шуданд ва онҳо моҳиятан ва мазмунан ба якдигар шабоҳат доштанд.

Дар ҶШС Тоҷикистон қабули Конститутсияи соли 1937 дар ду марҳила суръат гирифт. Анҷумани шашуми Умумитоҷикии Шуроҳо дар давраи якум рӯзҳои 27-30-юми октябри соли 1936 ба кор шурӯъ карда, масъалаҳои таъсиси Комиссияи конститутсионӣ, вакилонро ба Анҷумани ҳаштуми Шуроҳои ИҶШС интихоб ва ғайраҳоро баррасӣ намуда, дар кори худ танаффус эълон намуд. Давраи дуюми кори Анҷумани мазкур баъди ба анҷомрасии кори Анҷумани ҳаштуми Шуроҳои умумииттифоқӣ, қабули Конститутсияи (Қонуни Асосии) ИҶШС соли 1936 ва баргаштани вакилони Тоҷикистон, рӯзҳои 25-уми феврал – 6-уми марти соли 1937 идома ёфт. Дар ҷаласаи он аз якуми марти соли 1937 Конститутсияи (Қонуни Асосии) ҶШС Тоҷикистон қабул карда шуд.

Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1937 дар асоси Конститутсияи ИҶШС соли 1936 қабул карда шуда, аз

Конститутсияи пешинаи ҷумҳурӣ соли 1931 аз рӯи таркиб ва мазмун тафовути қалон дошт. Таркиби он аз фаслҳо ва зерфаслҳо озод гашта, фақат аз бобҳо ва моддаҳо (мувофиқан 12 ва 132) иборат гардид. Акнун боби якум «Сохти ҷамъиятӣ» номида шуда, дар он моҳияти ҷумҳурӣ ҳамчун давлати коргару деҳқон, асоси сиёсии он Шурои вакилони меҳнаткашон, асоси иқтисодии он низоми хоҷагии сотсиалистӣ ва моликияти сотсиалистӣ, объектҳои моликияти истисноии давлат, моликияти колхозу кооперативҳо, хоҷагии майдаи хусусии деҳқонон ва моликияти шахсии шаҳрвандон танзим ёфтанд.

Боби дуюм «Сохти давлатӣ» бо мақсади амалӣ намудани ёрии байниҳамдигарӣ дар самтҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, ҳарбӣ ихтиёрона бо дигар ҷумҳуриҳои баробарҳуқуқ дар ҳайати ИҶШС муттаҳид шудани ҶШС Тоҷикистонро расмӣ гардонид. ҶШС Тоҷикистон ба ихтиёри мақомоти олии ИҶШС додани ваколатҳое, ки дар моддаи 14 Конститутсияи ИҶШС муқаррар шуда, аз 24 банд иборат буданд, пешбинӣ кард. Баробари ин дахлнопазирии сарҳади ҷумҳурӣ, ҳолати душаҳрвандӣ ва дар як вақт шаҳрвандӣ ИҶШС будани шаҳрванди Тоҷикистон, ҳатмӣ будани иҷрои қонунҳои ИҶШС дар ҳудуди Тоҷикистон, номгӯйи шаҳру ноҳияҳои дар ҳайати Тоҷикистон ва ВМКБ қарор дошта (таносубан 59 ноҳия ва 2 шаҳри итоати ҷумҳурӣ, 7 ноҳия ва як шаҳри итоати вилоятӣ) номбар карда шуданд. Дар бобҳои минбаъда номгӯйи низоми дигаргун шудаи мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва иҷроияи олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (3-6), суд ва прокуратура (8), ҳуқуқу вазифаҳои асосии шаҳрвандон (9) ва низоми интихобот (10), рамзҳои давлатӣ ва пойтахт (11) муқаррар ва танзим карда шуданд.

Конститутсияҳои мазкури умумиттифоқӣ ва ҷумҳуриҳо чандин дигаргунсозӣ ва тағйиротҳои давраи гузариш аз сохтори кӯҳнаи иҷтимоӣ иқтисодӣ ва сиёсӣ ба ҷамъияти сотсиалистӣ ва таносубан васеъ шудани асосҳои иҷтимоии сохтори нав, камол ёфтани низоми сиёсӣ, тағйир ёфтани низоми интихобот, низоми мақомоти давлатӣ, васеъ шудани номгӯй ва кафолати ҳуқуқу озодиҳоро нисбат ба давраи гузариш инъикос карданд. Ҳамаи хусусиятҳои хосси сохтори нави ҷамъияти сотсиалистӣ ва давраи нави фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, ба анҷом расидани ҳокимияти диктатураи пролетариат ва бунёди давлати меҳнаткашон муайян карда шуданд. Бо ин сабабҳо амалӣ онҳо хеле бардавом ва зиёда аз 41 солро дар бар гирифт. Аз самти назарӣ ва амалӣ вазифаҳои дар назди онҳо гузошта шуда, асосан ба иҷро расиданд.

Тибқи омилҳои мазкур мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ дар оғози солҳои 60-уми асри гузашта, хусусан, бо сабаби қабули Барномаи нави ҳизби коммунист (1961), таҳлил ва ҷамъбасти давраи сипаришудаи рушди ҷомеа ва давлати шӯравии сотсиалистӣ, ба хулоса омаданд, ки конститутсияҳои нав қабул карда шуда, ҳамаи тағйироти дар сохтори ҷомеа ва давлат ба вуқӯъ пайваста, дар онҳо инъикос карда шаванд.

Бо ҳамин мақсад соли 1962 Комиссияи конститутсионӣ оид ба таҳия кардани лоиҳаи Конститутсияи нави ИҶШС, бо сарварии котиби генералии ҳизби комунистӣ Н.С.Хрушёв ташкил карда шуд. Дар Барномаи ҳизбӣ оид ба хусусиятҳои давраи минбаъдаи рушди ҷомеа, тақдири давлат ва ҳуқуқ, ногузирии барпо кардани ҷамъияти худидоракунии комунистӣ, ки дар он қоидаҳои бинокори комунистӣ амал карда, тарзи ҳаёти инсон аз рӯи қоидаҳои ахлоқии он ба роҳ монда мешавад. Ҳамчунин дар бораи ғалабаи қатъии сохти сотсиалистӣ ва гузариш ба давраи сотсиализми муттарақӣ, иҷрои вазифаҳои давлати меҳнаткашон ва бунёди давлати умумихалқӣ хулосаҳо бароварда шуда, дар конститутсияи нав инъикос кардани онҳо вазифаҳо гузошта шуданд. Моҳи декабри соли 1964 Раиси Комиссияи конститутсионӣ Л.И. Брежнев интихоб карда шуд, ва кори комиссия чандин соли дигар идома ёфта, дар сатҳи гуногуни сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ лоиҳаи конститутсия муҳокима ва маъқул дониста шуд. Ва 7-уми октябри соли 1977 Конститутсияи охирини ИҶШС аз тарафи иҷлосияи Шурои Олии иттифоқ қабул карда шуд.

Дар раванди бардавоми таҳияи лоиҳаи конститутсияи иттифоқӣ, дар ҶШС Тоҷикистон низ кор аз болои лоиҳаи конститутсияи ҷумҳурӣ идома дошт. Ҳамаи он ҳолатҳое, ки дар рафти муҳокимаи лоиҳаи конститутсияи иттифоқӣ баён меёфтанд, аммо ба сатҳи ҷумҳуриҳо робита доштанд, дар лоиҳаи конститутстияҳои ҷумҳуриҳо инъикос гардонида мешуданд. Дар асоси Конститутсияи ИҶШС соли 1977 кори комиссияҳои конститутсионии ҷумҳуриҳо идома ёфта, соли 1978 ҳамаи онҳо конститутсияҳои охирини марҳилаи шӯравии сотсиалистии рушди худро қабул карданд. Дар иҷлосияи ҳаштуми ғайринавбатии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати нухум 14-уми апрели соли 1978 Конститутсияи ҶШС қабул карда шуд.

Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 ба монанди конститутсияи ҷумҳуриҳои дигари шуравӣ аз рӯйи таркиб ва мазмун бо конститутсияи иттифоқӣ монанд ва ҳаммазмун буданд. Дар онҳо ҳолатҳои нави ба сохтори конститутсионӣ дахл дошта дар бобҳои низоми сиёсӣ, низоми иқтисодӣ, рушди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, фаъолияти хориҷии сиёсӣ ва ҳифзи ватани сотсиалистӣ, ба робитаи давлат ва шахс алоқаманд меъёрҳо дар бобҳои шаҳрвандии ҶШС Тоҷикистон, баробарҳуқуқии шаҳрвандон, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии шаҳрвандон танзим ёфтанд. Дар онҳо ҳамаи хулосаҳои назарӣ ва амалии рушди минбаъдаи ҷомеа ва давлатро ифодакунанда, муқаррар ва танзим карда шуданд. Амали конститутсияҳои мазкури шӯравии сотсиалистӣ бо мурури ба марҳилаи бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мафкуравӣ ворид шудани сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ, то рафт таъсири худро ҳамчун қонуни асосӣ аз даст дода, дар анҷоми солҳои ҳаштодум ва оғози солҳои навадуми асри гузашта, волоияти онҳо нопадид гаштанд.

Оид ба таърихи қабул ва рушди конститутсияҳои шӯравии сотсиалистии иттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ дар муҳлати амали онҳо (солҳои 1977-1991) як қатор асарҳои оммавӣ ва илмию назариявӣ чоп гардиданд. Асосан онҳо ба таҳлилу таҳқиқи конститутсияҳои иттифоқӣ бахшида мешудаанд [6; 7; 8; 10; 17]. Аммо дар ин давра баъзе олимони ҳуқуқшиноси ҷумҳуриҳо низ оид ба таърихи пайдоиш ва инкишофи конститутсияи умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ асарҳои илмӣ ба нашр мерасониданд [11; 12], ки дар омӯзиши оммавии конститутсияҳои шӯравии сотсиалистӣ дар тамоми мамлакат нақши калон доштанд. Дар солҳои 1980 камина бо ёрии лекторони ҷамъияти «Дониш»-и Тоҷикистон якчанд ҷузваҳоро бо адади калон аз чоп баровардам.

III. Дар ҳамин давра таназзули сохтори давлати иттифоқии шӯравии сотсиалистӣ ногузир гашта, субъектони он тавассути қабули Эъломия ва Қарорҳо дар бораи соҳибихтиёрии давлатӣ, мустақилияти худро эълон намуда, аз ҳайати иттифоқ баромадани худро расмӣ мегардониданд. Кӯшишҳои нав гардонидани Шартномаи иттифоқӣ ва Конститутсия ИҶШС бе натиҷа анҷом меёфт [3; 4].

Аммо дар самти илмию амалӣ ба анҷом расонидани асосҳои ҳуқуқӣ-сиёсии навгардонии давлати иттифоқӣ ва конститутсияи он ба роҳбарони сатҳи олии иттифоқии бо якдигар дар ситеза буда, таъсире надошт. Бинобар ин, дар моҳи декабри соли 1991 барҳамёбии ИҶШС, тавассути Муоҳидаи Ново-Огарёв ба расмият дароварда шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳамин маҷро қарор гирифта, тавассути қабули Эъломия дар бораи соҳибихтиёрии давлатӣ аз 24-уми августи соли 1990 ва 9 сентябри соли 1991 мустақилияти давлатии худро эълон намуд. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар солҳои кушиши навгардонии Шартнома ва конститутсияи иттифоқӣ, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ низ ба таҳияи лоиҳаи конститутсияҳои нави худ камар бастанд, ки дар ду марҳила идома ёфт, дар аввал лоиҳаи Конститутсияи нави ҶТ бо дар назардошти дар ҳайати давлати иттифоқӣ қарор доштани Тоҷикистон тайёр карда мешуд, баъдтар бо пош хӯрдани давлати иттифоқӣ конститутсияи нав дар заминаи соҳибихтиёрии комили ҷумҳурӣ таҳия карда шуд. Бо ин сабаб кори таҳияи конститутсияи нав хеле кашол ёфта, фақат 6-уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид.

Конститутсияи ҶТ соли 1994 аввалин бор аз тарафи мутахассисон ва коршиносони миллӣ мустақилона бо забони тоҷикӣ таҳия карда шуда, меъёр ва ҳолатҳои он хусусиятҳои давраи нави рушди ҷумҳуриро инъикос намуданд. Конститутсияи мазкур дар оғоз ҳамчун конститутсияи давраи гузариш аз сохтори пешинаи сотсиалистӣ ба сохти нави ҷамъиятӣ ва давлатӣ тайин шуда буд, аммо бо сабаби се маротиб ба он ворид карда шудани тағйиру иловаҳо, он хислати устуворӣ пайдо кард. Дар он ҳамаи ҳолатҳое, ки ба давлати соҳибхтиёр хос аст танзим гардонида шуда, роҳҳои рушди минбаъдаи сохтори давлатӣ ва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

Конститутсияи ҶТ соли 1994 аз рӯйи таркиб ва мазмун аз конститутсияҳои пешина фарқ дошта, чандин падидаҳои нави ҳуқуқи давлатиро муайян, усулҳо ва хусусиятҳои сохтори давлатӣ ва ҷамъиятиро танзим кардааст. Дар илми конститутсионӣ мафҳум ва падидаҳои ҳуқуқӣ-сиёсӣ, ба монанди «асосҳои сохтори конститутсионӣ», арзиши олӣ донистани инсон, ҳуқуқу озодиҳои он, дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ ба роҳ мондани ҳаёти ҷамъиятӣ, дар асоси усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ амал кардани ҳокимияти давлатӣ, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ шуморидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҷумҳури онҳоро эътироф кардааст, эътирофи гуногуншаклии моликият ва ҳоказо, ки дар бораи моҳият, шакл ва мазмуни фаъолияти давлат маълумот медиҳанд, пайдо гардиданд.

Тавассути тағйироту иловаҳо дар Конститутсияи ҶТ меъёр ва ҳолатҳое пайдо шуданд, ки дар бораи рушди илми конститутсионӣ шаҳодат медиҳанд. Ба парлумони касбӣ табдил додани мақомоти олии қонунгузории ҷумҳурӣ, пайдоиши қисми муқаррароти интиқолӣ, мавқеи конститутсионӣ пайдо кардани падидаи ҳуқуқӣ-сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, васеъ кардани асосҳои конститутсионии ҳуқуқи пайдо кардани унвони шаҳрванди ҶТ дар ин бора шаҳодат медиҳанд.

Дар робита бо хусусиятҳои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи ҶТ соли 1994, моҳият ва мазмуни он, давраҳои рушди минбаъда ва такмили он дар ҷумҳурӣ рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, ҷузваҳо ва мақолаҳои сершумор аз тарафи олимон, вакилон ва доираи васеи шаҳрвандон ба чоп расидааст. Ҳатто рисолаҳои бузург дар бораи тафсир ва шарҳу баёни Конститутсияи ҶТ, фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ, таърихи қабули Конститутсияи мазкур, оид ба меъёр ва ҳолатҳои он, роҳу усулҳои татбиқи он нашр шудаанд. Аммо ҳамаи онҳо баъди чанд соли амали Конститутсияи ҶТ соли 1994 эҷод гардида, ба нашр расидаанд.

Масоили илми конститутсияшиносии муосири тоҷик, ҳамзамон, ба тариқи эъҷоди асарҳои илмӣ оид ба мавзуъҳои муҳимми конститутсия суръат мегирад. Аз ҷумла, дар силсилаи асарҳои З. Ализода доир ба мавзуи ташкилёбӣ ва фаъолияти Маҷлиси Олии ҶТ; Э.Б. Буризода оид ба таърихи таъсисёбӣ ва рушди қонунгузорӣ ва падидаи конститутсияшиносӣ; А.М. Диноршоҳ оид ба асосҳои конститутсионии таҷзияи ҳокимият, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва дигар масоили мубрами илми ҳуқуқи конститутсионии ҷумҳурӣ; А.Ғ. Холиқзода дар бораи давлатдории миллӣ ва соҳибхтиёрии давлат; Б.С. Гадоев оид ба масъалаҳои шаклҳои бевоситаи намояндагии халқ; М.С. Сулаймонзода дар бораи шакли президентии идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он; Д.С. Раҳмон доир ба масоилҳои ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ; Ш.Ҳ. Камолов оид ба ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодии инсон; Д.Ф. Абдуллоева оид ба вазъи ҳуқуқии мақомоти намояндагии Мачлиси вилоятии вакилони халк; К. Мухторов оид ба масоилҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии таъсисёбӣ ва вазъи хуқуқии худидоракунии маҳаллӣ; Ҳ. Имомов дар бораи мавқеи ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ; Ҷ. Шерализода дар хусуси ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии ҶТ ва асарҳои чанде дигар мутахассисон таҳқиқи масоилҳои конститутсияшиносӣ ва мавзуъҳои ба он дахл дошта мунтазам ривоҷ меёбад. Давраи муосири рушди

давлатдории соҳибихтиёронаи миллии тоҷикон, марҳилаи нашъунамои таҳқиқоти илмию оммавии масоили конститутсияшиносӣ, равшан кардани меъёр, ҳолатҳо ва падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, тафсири онҳо, равшан кардани роҳу воситаҳои амалӣ гардонидани онҳо мебошад. То ин давра масоили конститутсия ва меъёру ҳолатҳои он дар Тоҷикистон то ин сатҳ боиси эътибор ва диққати ҷиддӣ қарор надоштанд. Бо ноил гаштан ба соҳибихтиёрии воқеии давлатӣ, аз самти олии ҳуқуқӣ танзим намудани асосҳои сохти конститутсионии ҶТ, муайян кардани шакли сохтори давлатӣ ва маъмурӣ худудии он, муқаррар кардани шаҳрвандии ҷумҳурӣ, муайян кардани низоми ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, муқаррар кардани низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, тартиби ташкил ва фаъолият, салоҳияти онҳо, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот мавзуъҳои муҳимми илмию амалӣ гардида, таҳқиқот дар ин самтҳо афзоиш меёбанд.

Акнун вақти он расидааст, ки бештар аз шумора ба сифат эътибор дода шуда, сатҳи илмии таҳқиқи мавзуъҳои рисолаҳои номзадию докторӣ, рисола ва мақолаҳои илмии конститутсияшиносии ба чоп тавсияшаванда аз таҳлили дақиқона гузаранд ва ба талаботи амиќи илмӣ ҷавобгӯ бошанд, самараи онҳо ба рушди илм ва амалӣ татбиқи конститутсия ва қонунҳои ҶТ мусоидат намоянд

**Адабиёти истифодашуда**

1. Гурвич, Г.С. История Советской Конституции / Г.С. Гурвич. – М.: Издание Социалистической Академии, 1923. – 216 с.
2. Гурвич, Г.С. Основы Советской Конституции: учебное пособие / Г.С. Гурвич - 6-е изд., доп. и испр. – М., Л.: Госиздат, 1929. – 261 с.
3. Имомов, А. Развитие концепции конституции суверенной республики на опыте Таджикистана / А. Имомов // Советское государство и право. – 1991. - № 11. – С. 11-18.
4. Имомов, А. Теоретические проблемы республиканской конституции / А. Ашуров // Советское государство и право. – 1992. - № 2. – С. 9-10.
5. История Советской Конституции (в документах). 1917-1956 / под ред. С. С. Студеникина. – М.: Госюриздат, 1957. – 1046 с.
6. Конституция общенародного государства: Вопросы теории / Под общ. ред. акад. Л.Ф. Ильичева и чл.-кор. АН СССР Д.А. Керимова. – М.: Юридическая литература, 1979. – 359 с.
7. Конституция развитого социализма: исторические предпосылки и значение: [Сб. статей] / АН СССР, Институт истории СССР; [Ю. А. Поляков (отв. ред.) и др.]. – М.: Наука, 1981. – 280 с.
8. Конституция СССР: Политико-правовой комментарий / Бовин А. Е., Кудрявцев В. Н., Лазарев Б. М. и др.; Общ. ред. Пономарева Б. Н. – М.: Политиздат, 1982. – 398 с.
9. Крупская, Н.К. Конституция (Основной закон) Российской Социалистической Федеративной Советской Республики: приложение: текст Конституции / сочинения Н. Крупской. – Самара: Политический отдел Южной группы Восточного фронта, 1919. – 36 с.
10. Портнов, В.П., Славин, М.М. Этапы развития Советской Конституции: историко-правовое исследование / В.П. Портнов, М.М. Славин. – М.: Наука, 1982. – 310 с.
11. Раджабов, С.А., Явич, Л.С. Конституции СССР. – Сталинабад; 1959. – 170 с.
12. Раҷабов, С.А., Явич, Л.С. Конституцияи ИҶШС. Нашри 5-ум. – Душанбе, 1963. – 168 с.
13. Рейснер, М.А. Основы Советской Конституции: лекции, читанные М.А. Рейснером на ускоренном курсе Академии Генерального Штаба Рабоче-Крестянской Красной Армии в 1918/19 учебном году. – М.: Изд. Академии Генерального Штаба Рабоче-Крестьянской Красной Армии, 1920. – 238 с.
14. Ронин, С.Л. Первая Советская Конституция: К истории разработки Конституции РСФСР 1918 г. / С.Л. Ронин; – М.: Юридическое издательство, 1948. – 124 с.
15. Съезды Советов союзных и автономных Советских Социалистических Республик Средней Азии. 1923-1937 гг. Т. 7 / Сост. А. М. Давидович, Х. С. Саматова, С. С. Иванов и др. – М.: Госюриздат, 1965. – 847 с.
16. Тахиров, Ф.Т. Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994 г.г.). – Душанбе: Амри илм, 2019. – 492 с.
17. Теоретические основы Советской Конституции / Т.А. Абова, Б.Т. Топорнин. – М.: Наука, 1981. – 207 с.

**References**

1. Gurvich, G.S. History of the Soviet Constitution / G.S. Gurvich. – M.: Publication of the Socialist Academy, 1923. – 216 p.
2. Gurvich, G.S. Fundamentals of the Soviet Constitution: a textbook / G.S. Gurvich - 6th ed., suppl. and corrected. – M., L.: State Publishing House, 1929. – 261 p.
3. Imomov, A. Development of the concept of the constitution of a sovereign republic based on the experience of Tajikistan / A. Imomov // Soviet state and law. – 1991. – No. 11. – Pp. 11-18.
4. Imomov, A. Theoretical problems of the republican constitution / A. Ashurov // Soviet state and law. – 1992. – No. 2. – Pp. 9-10.
5. History of the Soviet Constitution (in documents). 1917-1956 / edited by S. S. Studenikin. - M.: Gosyurizdat, 1957. – 1046 p.
6. Constitution of the People's State: Theoretical Issues / edited by Academician L. F. Ilychev and Corresponding Member of the USSR Academy of Sciences D. A. Kerimov. – M.: Legal Literature, 1979. – 359 p.
7. Constitution of Developed Socialism: Historical Prerequisites and Significance: [Collection of Articles] / USSR Academy of Sciences, Institute of History of the USSR; [Yu. A. Polyakov (editor-in-chief) and others]. – M.: Nauka, 1981. – 280 p.
8. Constitution of the USSR: Political and legal commentary / Bovin A. E., Kudryavtsev V. N., Lazarev B. M., et al.; General ed. Ponomareva B.N. – M.: Politizdat, 1982. – 398 p.
9. Krupskaya, N.K. Constitution (Basic Law) of the Russian Socialist Federative Soviet Republic: Appendix: text of the Constitution / works by N. Krupskaya. –Samara: Political Department of the Southern Group of the Eastern Front, 1919. – 36 p.
10. Portnov, V.P., Slavin, M.M. Stages of development of the Soviet Constitution: historical and legal research / V.P. Portnov, M.M. Slavin. – M.: Science, 1982. – 310 p.
11. Radjabov, S.A., Yavich, L.S. Constitutions of the USSR. – Stalinabad; 1959. – 170 p.
12. Rajabov, S.A., Yavich, L.S. Constitution of the USSR. Fifth edition. – Dushanbe, 1963. – 168 p.
13. Reisner, M.A. Fundamentals of the Soviet Constitution: lectures given by M.A. Reisner at the accelerated course of the Academy of the General Staff of the Workers' and Peasants' Red Army in the 1918/19 academic year. – M.: Publishing House of the Academy of the General Staff of the Workers' and Peasants' Red Army, 1920. – 238 p.
14. Ronin, S.L. The First Soviet Constitution: On the history of the development of the Constitution of the RSFSR of 1918 / S.L. Ronin; – M.: Legal Publishing House, 1948. – 124 p.
15. Congresses of Soviets of the Union and Autonomous Soviet Socialist Republics of Central Asia. 1923-1937. Vol. 7 / Comp. A.M. Davidovich, H.S. Samatova, S.S. Ivanov and oth. – M.: Gosyurizdat, 1965. – 847 p.
16. Takhirov, F.T. Anthology on the history of the state and law of Tajikistan (1917-1994). – Dushanbe: Amri Ilm, 2019. – 492 p.
17. Theoretical foundations of the Soviet Constitution / T.A. Abova, B.T. Topornin. – M.: Nauka, 1981. – 207 p.

**УДК 341.231.14**

# К ВОПРОСУ О КОНЦЕПЦИЯХ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА С ПОЗИЦИИ ЦИВИЛИЗАЦИОННОГО ПОДХОДА

# ОИД БА МАСЪАЛАИ КОНСЕПСИЯҲОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ МУНОСИБАТИ МУТАМАДДИН

# TO THE QUESTION OF HUMAN RIGHTS CONCEPTS FROM THE POSITION OF A CIVILIZATIONAL APPROACH



Кальченко Н.В.
Kalchenko N.V.
*Доцент кафедры теории и истории права и государства Волгоградской академии МВД России, кандидат юридических наук, доцент*
*Дотсенти кафедраи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлати Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
*Associate Professor at the Department of Theory and History of Law and State of Volgograd Academy of the MIA of Russia, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor*

e-mail: kalchenko_nv@mail

*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки)
*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).
*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Рецензент:* Яловенко Т.В. – заместитель начальника кафедры теории и истории права и государства Волгоградской академии МВД России, кандидат, кандидат юридических наук, доцент.
*Тақриздиҳанда:* Яловенко Т.В. – муовини сардори кафедраи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлати Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
*Reviewer:* Yalovenko T.V. – Deputy Head of the Department of Theory and History of Law and State of the Volgograd Academy of the MIA of Russia, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor.

*Аннотация:* В статье исследуется вопрос восприятия прав и свобод человека обществами, относящимися к разным цивилизациям современного мира. Автор дает характеристику концепций, доминирующих в условиях западной и исламской цивилизаций, обращая внимание на различие сложившихся в них подходов к содержанию прав человека, к вопросам свободы личности, ее взаимоотношений с обществом и государством.
*Ключевые слова:* концепция прав и свобод человека, цивилизация, свобода личности.

*Аннотатсия*: Дар мақола масъалаи дарки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз ҷониби ҷомеаҳои марбут ба тамаддунҳои гуногуни ҷаҳони муосир баррасӣ шудааст. Муаллиф ма-

фҳумҳоеро, ки дар тамаддунҳои ғарбӣ ва исломӣ бартарӣ доранд, тавсиф намуда, таваҷҷуҳро ба тафовути бархӯрдҳои онҳо ба муҳтавои ҳуқуқи инсон, масъалаҳои озодии шахсият, муносибати он бо ҷомеа ва давлат ҷалб кардааст.

*Вожаҳои калидӣ:* консепсияи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, тамаддун, озодии шахс.

*Annotation:* This article explores the issue of perception of human rights and freedoms by societies belonging to different civilizations of the modern world. The author characterizes the concepts dominating in the conditions of Western and Islamic civilizations, paying attention to the difference of their approaches to the content of human rights, to the issues of individual freedom, its relationship with society and the state.

*Keywords:* concept of human rights and freedoms, civilization, personal freedom.

Цивилизация – это понятие, аккумулирующее в себе комплексную характеристику социума и доминирующих в нем отношений в определенных историко-географических и культурно-религиозных условиях. Данная категория призвана акцентировать внимание не только (и не столько) на уровне общественного и отчасти государственного развития, сколько на его самобытности, отличия от других.

Сложившиеся в условиях цивилизаций концепции прав человека отражают их специфику, затрагивая глубинные ментальные характеристики, формировавшиеся на основе культурных особенностей, образующих их этнических и религиозных групп.

Середина 20 века – знаковый период для человечества, поскольку именно тогда разрозненные философско-гуманистические идеи о природном равенстве людей в своем достоинстве и правах нашли отражение на официальном международном уровне, будучи зафиксированными во Всеобщей Декларации прав человека. Последующие международные акты в данной области призваны были конкретизировать общий контекст декларации, заключающийся в провозглашении универсальности прав человека. Этот процесс должен был придать правам статус ценности общемирового масштаба, признание и защита которой становились задачей всех государств, ставших с момента вступления в ООН частью большой мировой семьи.

Предполагалось, что существенные культурные различия между ними не станут препятствием для создания государственного механизма защиты ценностей, имеющих, как представлялось авторам этой идеи, универсальный характер: жизнь, достоинство личности, ее свобода (во всех аспектах) и т.д. Из этого постулата, утверждающего ценность каждого индивида, закономерно следует принцип равенства людей в правах, независимо от их расовой, этнической, конфессиональной и т.п. принадлежности.

Подобный подход апеллирует к общим нравственным постулатам. Иранская правозащитница Ширин Эбади, ставшая в 2003 году лауреатом Нобелевской премии «за вклад в развитие демократии и борьбу за права человека, особенно женщин и детей в Иране» выражала убежденность в том, что, несмотря на отличия культур, языков, цвета кожи, одежды, искусства, литературы и т.п., у всех людей есть нечто общее: все они - человеческие существа. Иными словами, права человека – это квинтэссенция общечеловеческой морали, основанной на признании ценности человека как творения природы (Всевышнего) и, соответственно, признания его прав как инструмента защиты этой ценности.

Между тем многомерность и многополярность современного мира, характеризующегося господством культурного релятивизма, неизменно порождает дискуссии о возможности и целесообразности сохранения представлений относительно единого правового стандарта прав человека. Причем речь идет не столько о форме (то есть соответствии текстов национальных конституций международным актам, фиксирующим права и свободы человека), сколько о содержании того или иного права (свободы), которое познается в процессе официального толкования на обоих уровнях (международном и национальном).

Практика цивилизационного развития продемонстрировала иллюзорность надежды на возможность создания общечеловеческой гуманистической концепции прав человека:

большинство ценностей так и не стали универсальными. Даже те блага, значимость которых представляется очевидной (жизнь, свобода, достоинство и т.п.) неоднозначно воспринимаются в условиях разных цивилизаций, например, западной (страны Европы и Северной Америки) и исламской (исламский мир Ближнего Востока, северной Африки). Можно сказать, что каждая из цивилизаций сформировала свою специфичную концепцию прав и свобод человека.

Западная цивилизация делает акцент на отношении к человеку как уникальному носителю индивидуальных качеств. Государство склоняется к модели механизма правового регулирования, в основе которой заложен принцип, порожденный в годы Французской буржуазной революции и нашедший текстуальное отражение во Французской декларации прав человека и гражданина 1789 г.: «дозволено все, не запрещенное законом». Этот подход оптимален для воплощения еще одной характерной черты западной концепции – *абсолютизации свободы личности* в ее многоаспектных проявлениях, причем акцент делается на свободе, прежде всего, от идеологических и нравственных рамок, которые, якобы, препятствуют самопознанию и самовыражению личности, поиску ею своей идентичности. Это, в конечном счете, приводит к принципиальному отказу от устоявшихся нравственных догм. «Либеральные ценности, предлагаемые Западом миру в качестве универсальной модели, ошибочны, потому что игнорируют понятие нравственности. Права и свободы, вырванные из морального контекста, делают человека способным к проявлениям ксенофобии, к оскорблению чужих религиозных чувств и прочим грехам. Западная концепция путает права человека со вседозволенностью» [8]. К такому выводу пришли участники Всемирного русского народного собора, авторитетного форума с участием иерархов Русской православной церкви (РПЦ), состоявшегося в далеком 2006 году, задолго до появления современных представлений о небинарной гендерной системе, о допустимости легализации сексуальных извращений и т.п. Абсолютизация свободы в формате западной цивилизации становится катализатором дегенеративных изменений в ментальности социума, способствующих процессу его деградации.

Либеральная концепция прав человека построена на откровенно преувеличенном внимании к вопросу автономии личности, незыблемости границ ее личного пространства, частной жизни. Вторжение в эту сферу возможно только при наличии существенных оснований полагать, что указанные блага индивид использует для достижения целей, затрагивающих безопасность другой личности, общества в целом, либо государства.

Индивидуализм как явление, антагонистичное духу коллективизма, ответственности перед семьей, родом, общиной выступает характерной чертой модели социальных отношений в условиях западных обществ, а также нередко воспринимается в качестве синонима личной свободы. Исследователи отмечают, что адепты запада, сделав предметом культа эгоистические интересы человека, упускают из виду, что индивидуализм и индивидуальность противоположны [2, с. 15]. Свобода в индивидуализме, как подчеркивал Н.А. Бердяев, есть свобода отъединения, отчужденная от мира, а всякая отъединенность, отчужденность от мира ведет к рабству у мира, ибо все чуждое и далекое нам есть для нас принудительная необходимость, индивидуализм есть судорога ветхой свободы [3, с. 376].

Меньшинства (этнические, расовые, религиозные, сексуальные) в условиях западной цивилизации обретают фактический статус социальных групп, обладающих привилегиями в сфере реализации своих прав и свобод. Таким образом, можно констатировать факт трансформации толерантности как принципа цивилизованного социального общения в антипод принципа равноправия. Примером может служить позиция Американской киноакадемии, установившей новые стандарты, которым должны соответствовать картины, стремящиеся попасть в число номинантов на «Лучший фильм» премии «Оскар». Указанные стандарты ориентированы на обязательность участия представителей различных меньшинств в создании ки-

нопродукта. В частности, в фильме-номинанте хотя бы одну из главных ролей или значимых ролей второго плана должен играть актер, представляющий расовое или этническое меньшинство; не менее 30% всех актеров второго плана должны представлять женщины, расовые или этнические меньшинства, представители ЛГБТ сообщества, люди с ограниченными возможностями. Сюжетная линия также должна содержать обращение к тематике одной из указанных социальных групп. Более того, требования задействовать представителей меньшинств касаются состава съемочной группы, а также руководящего звена, занимающегося маркетингом, рекламой и дистрибьюцией фильма. Очевидно, что толерантность, облаченная в подобную «оболочку», приобретает странные, если не сказать искаженные, формы, а художественные достоинства кинокартины явно отходят на второй план.

Исламская концепция прав человека обладает своими специфичными чертами, во многом принципиально отличающимися от концепции, доминирующей в условиях западной цивилизации. В то время как западная теория естественного права ищет истоки прав человека в самой человеческой природе, ислам источником прав и свобод человека признает шариат, «божественный закон». Иначе оценивается и роль государства в обеспечении прав и свобод; в отличие от западной концепции, которая видит основной смысл закрепления прав человека в их охране от посягательств со стороны государства, ислам рассматривает власть как институт, связанный шариатом и играющий главную роль в претворении его предписаний, в том числе и относительно создания условий, благоприятных для реализации прав и свобод человека.

Каирская декларация о правах человека в исламе 1990 г. провозглашает основные права и универсальные свободы в исламе неотъемлемой частью исламской религии, объявляя их попрание или нарушение страшным грехом и подчеркивая, что каждый человек несет личную ответственность, а исламский мир – коллективную ответственность за их охрану [4].

Понимание сущности исламской концепции прав человека невозможно без учета специфики исламского образа жизни, особенностей господствующих в мусульманской среде мировоззрения и правосознания, пронизанных уважением к традиционным ценностям исламского общества. Необходимо принимать во внимание место ислама в общественной жизни, его способность выступать в качестве религии и, одновременно, играть роль системы нравственных, правовых и политических принципов и ориентиров. Закономерно, что представления исламского общества о свободе, равенстве и справедливости во многом не совпадают с европейскими. Это касается не только общих категорий, но и конкретных прав и свобод человека.

Восприятие исламским обществом прав и свобод человека в их международно-правовом контексте может осуществляться только в пределах, заданных исходными постулатами шариата и ценностями ислама. Решающее значение при этом имеет источник соответствующего предписания; если речь идет о положениях Корана и Сунны, то пределы свободы личности будут четко очерчены правилами поведения, отличающимися жестким императивным характером. В положениях, фиксируемых текстами указанных источников, чаще всего усматривается конфликт с так называемым международным стандартом прав и свобод человека: это вопросы ценности жизни (аборты и смертная казнь), вопросы полигамии, права женщин, свобода совести и вероисповедания. Свобода самовыражения, которую западное общество усматривает в формах поведения, зачастую носящих откровенно эпатажный характер, для исламского общества неприемлема в принципе.

Исследователи отмечают, что правила, являющиеся выражением божественного откровения, в ментальности исламского общества обречены на вечность и неизменность, поэтому вероятность их приспособления к современному западному пониманию прав человека весьма ограничена [7]. Консерватизм проявляется и в отношениях исламского мира к традиционным ценностям, в

том числе семейным. В Социальной доктрине российских мусульман от 14 июня 2015 г. указано: «Выработка европейцами в XVIII-XX вв. деклараций и законодательных документов по правам человека свидетельствует о стремлении человеческого духа вырваться из тьмы невежества к истине. Однако умаление в этих актах консервативно-религиозных ценностей привело, в конечном счете, к таким крайностям современного либерализма, как публичная легитимизация пороков, включая подмену исторически сложившегося понятия семьи понятием «однополых браков» [8].

Обращает на себя внимание то обстоятельство, что ислам, в отличие от западной концепции, последовательно утверждает приоритет общественных (коллективных) интересов над личными. Это обстоятельство, как представляется, не только не умаляет ценности прав и свобод как таковых, но, напротив, подчеркивает их значимость в общегуманитарном смысле, поскольку защита общественных интересов – это, прежде всего, проявление уважения к правам других лиц, а также ценностям, затрагивающим интересы большинства – общественной нравственности, обществен-ной безопасности и т.п.

Большое внимание в исламской концепции прав человека уделяется тесной взаимосвязи прав человека с его обязанностями: перед семьей, обществом, государством. Заметим, что акцент на обязанностях, вкупе с отмеченным выше приоритетом общественных интересов над личными, призван подчеркнуть важность осознания личностью себя частью социума, подчиняющегося единым правилам общежития, имеющим единую нравственно-религиозную основу. Отметим также, что протест против несправедливости обозначен как право и, одновременно, обязанность каждого: «каждый имеет право выступать в защиту того, что он считает верным, и предостерегать в отношении того, что он считает неправильным и порочным в соответствии с нормами исламского шариата» - ст. 22 Каирской декларации о правах человека в исламе 1990 г.

Примечательно, что женщина, как утверждает декларация, равноправна с мужчиной в человеческом достоинстве и наделена как правами, так и обязанностями; она имеет свой самостоятельный гражданский статус и финансовую независимость, а также право сохранять свое имя и род. Вместе с тем исламские ученые утверждают, что основным условием признания женщины субъектом, обладающим равными с мужчиной правами, выступает обязанность соблюдения традиций исламского общества и канонов исламской этики. Справедливости ради надо признать, что объем подлежащих соблюдению норм и правил довольно велик.

Несомненно, Европа является родиной международно-правовой концепции прав человека, нашедшей отражение в многочисленных международных соглаше-ниях договорного и рекомендательного характера. Европейская цивилизация первой подняла вопрос об универсальной природе человека. Но этим поиском универсального измерения человека и его прав отмечены и другие цивилизации - индийская, китайская и др. Неевропейские критики «западной» версии прав человека в основу своей аргументации закладывают тезис об объективной закономерности существования альтерна-тивной системы ценностей, опосредуемых правам человека и направленных на сохранение традиционных моделей отношений в исламском социуме. Заметим, что эти ценности априори антагонистичны по отношению к ценностям западного мира, о чем говорилось выше, и должны, в принципе, препятствовать их внедрению в сознание современного последователя ислама. Премьер-министр Сингапура, «отец нации» Ли Куан Ю утверждал: «Позвольте мне быть откровенным: если бы мы не взяли от Запада то хорошее, что руководит нами, мы не вылезли бы из отсталости. У нас была бы отсталая экономика и отсталое общество. Но мы не хотим брать все от Запада» [1, р. 116]. Это гибкое отражение «азиатского особого пути» к модернизации говорит об избирательном отношении к «западным» ценностям.

Необходимо признать, что дискурс прав человека нередко используется в качестве инструмента западного культурного и

идеологического влияния, разрушающего традиционные ценности и социальные структуры. Следует согласиться с авторами, ищущими ответы на злободневные вопросы: как можно навязывать, скажем, Афганистану проведение «свободных и честных выборов», когда испокон веков там поддерживалась традиция джирги - схода представителей племен для решения важных проблем общественной жизни? И почему необходимо во что бы то ни стало искоренять полигамию в Тропической Африке, где она остается важнейшим элементом не только брачно-семейных отношений, но и организации хозяйственно-экономической жизни пока еще многочисленного сельского населения, где женщин гораздо больше, чем мужчин? [5].

Резюмируя сказанное, можно подчеркнуть, что диалог между цивилизациями как фактор их мирного сосуществования, конечно же, необходим, но следует учесть, что его продуктивность во многом обусловлена степенью осознания представителями каждой из цивилизаций необходимости принятия культуры прав человека своих «оппонентов» в том формате, который соответствует их нравственному стандарту.

**Использованная литература**

1. Donnelly J. Universal human rights in theory and practice / Jack Donnelly. - 2. ed. - Ithaca; London: Cornell univ. press, 2003. – X. – 290 с.
2. Бабурин, С.Н. Конституционные принципы культуры России в современных условиях / С.Н. Бабурин // Конституционное и муниципальное право. – 2023. – № 2. – С. 15-21.
3. Бердяев, Н.А. Философия свободы. Смысл творчества / Н.А. Бердяев.– М.: Правда, 1989. – 607 с.
4. Каирская декларация о правах человека в исламе 1990 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://idmedina.ru/books/history_culture/minaret/16/declaracia-02.htm (дата обращения: 10.04.2024).
5. Ковлер, А.И. Европейская конвенция в международной системе защиты прав человека: монография / А.И. Ковлер. – М.: Норма, ИНФРА-М, 2019. – 304 с.
6. Симонов, В. РПЦ отвергает западную концепцию прав человека // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://ria.ru/20060405/45352464.html?ysclid=lvhzea5sw7917444134 (дата обращения: 10.04.2024).
7. Сокар, М.Ю. Перспективы развития исламской концепции прав человека / М.Ю. Сокар // Известия РГПУ им. А. И. Герцена. – 2008. – № 61 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/perspektivy-razvitiya-islamskoy-kontseptsii-prav-cheloveka (дата обращения: 10.04.2024).
8. Социальная доктрина российских мусульман от 14 июня 2015 г. [Электронный ресурс] https://www.cdum.ru/upload/iblock/628/doctrina.pdf (дата обращения: 10.04.2024).

**References**

1. Donnelly J. Universal human rights in theory and practice / Jack Donnelly. - 2. ed. - Ithaca; London: Cornell univ. press, 2003. – X. – 290 p.
2. Baburin, S. N. Constitutional principles of Russian culture in modern conditions / S. N. Baburin // Constitutional and municipal law. – 2023. – No. 2. – Pp. 15-21.
3. Berdyaev, N. A. Philosophy of freedom. The meaning of creativity / N. A. Berdyaev. – M.: Pravda, 1989. – 607 p.
4. Cairo Declaration on Human Rights in Islam, 1990 // [Electronic resource] – Access mode: https://idmedina.ru/books/history_culture/minaret/16/declaracia-02.htm (accessed: 10.04.2024).
5. Kovler, A.I. European Convention in the international system of human rights protection: monograph / A.I. Kovler. – M.: Norma, INFRA-M, 2019. – 304 p.
6. Simonov, V. The Russian Orthodox Church rejects the Western concept of human rights // [Electronic resource] - Access mode: https://ria.ru/20060405/45352464.html?ysclid=lvhzea5sw7917444134 (date of access: 10.04.2024).
7. Sokar, M.Yu. Prospects for the development of the Islamic concept of human rights / M.Yu. Sokar // Bulletin of the Herzen State Pedagogical University. – 2008. – No. 61 // [Electronic resource] - Access mode:

https://cyberleninka.ru/article/n/perspektivy-razvitiya-islamskoy-kontseptsii-prav-cheloveka (date of access: 10.04.2024).

8. Social Doctrine of Russian Muslims of June 14, 2015 [Electronic resource] https://www.cdum.ru/upload/iblock/628/doctrina.pdf (date accessed: 10.04.2024).

ТДУ 343.985.7

# БАЪЗЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ ОҒОЗИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТИИ МАРБУТ БА ГАРДИШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДДИ НАШЪАДОР

# НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ВОЗБУЖДЕНИЯ УГОЛОВНЫХ ДЕЛ, СВЯЗАННЫХ С НЕЗАКОННЫМ ОБОРОТОМ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ

# SOME FEATURES OF INITIATION OF CRIMINAL CASES RELATED TO ILLEGAL DRUG TRAFFICKING

ҚОДИРЗОДА Д.С.
QODIRZODA D.S.
*Мудири шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
*Заведующий отделом правового обеспечения Таджикского национального университета, кандидат юридических наук, доцент*
*Head of the Department of Legal Support of the Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor*



e-mail: dalerkodirov1990@mail.ru

КАРИМОВ Р.И.
KARIMOV R.I.
*Ходими калони илмии шуъбаи иқтисодиёти хоҷагии оби Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсияи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*Старший научный сотрудник отдела экономики водного хозяйства Государственного учреждения “Таджикский научно-исследовательский институт гидротехники и мелиорации” Министерства энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан*
*Senior Researcher of Water Use Economics Department of the State Enterprise “Tajik Research Institute of Water Engineering and Land Reclamation” under the Ministry of Energy and Water Resources of the Republic of Tajikistan*



e-mail: k-rustam2014 @mail.ru

*Ихтисоси илмӣ*: 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (5.1.4. Илмҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ).
*Научная специальность*: 12.00.12 – Криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность (5.1.4. Уголовно-правовые науки).
*Scientific specialty*: 12.00.12 – Criminalistics; forensic activities; operational-search activity (5.1.4. Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда:* НАЗАРОВ А.Қ. – мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
*Рецензент*: НАЗАРОВ А.К. – заведующий кафедрой криминалистики и судебной экспертизы юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, доцент.

Reviewer: NAZAROV A.K. - Head of the Department of Criminalistics and Forensic Science of the Law Faculty of the Tajik National University, Doctor of Law, Associate Professor.

*Аннотатсия:* Дар мақола баъзе аз хусусиятҳои оғози парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мушкилоти ошкорнамоӣ, кушодан ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор зери таваҷҷуҳи илмӣ қарор гирифта, вобаста ба масъалаҳои мазкур пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллифон манзур шудааст. Ҳамзамон, вазъиятҳои тафтишие, ки дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор ба миён меоянд, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шуда, баъзе аз онҳо кушода шудаанд. Адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷии кишварро истифода намуда, андешаҳои шахсии худро вобаста ба хусусиятҳои хосси оғози парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор пешкаш намудаанд.
*Вожаҳои калидӣ:* парвандаи ҷиноятӣ, маводди нашъадор, ошкор намудан, тафтишот кардан, марҳилаи аввали тафтиш, вазъияти тафтишӣ.

*Аннотация:* В статье рассматривается некоторые особенности возбуждения уголовных дел, связанных с незаконным оборотом наркотиков. Научному исследованию подвергнуты проблемы выявления, возбуждения и расследования уголовных дел, связанных с незаконным оборотом наркотических средств, по этим вопросам сделаны авторские предложения и рекомендации. В рамках научного исследования раскрыты некоторые следственные ситуации, возникающие в начале возбуждения уголовного дела. Использована отечественная и зарубежная научная литература, на основе чего представлено авторское мнение относительно особенностей возбуждения уголовных дел, связанных с незаконным оборотом наркотиков.
*Ключевые слова:* уголовное дело, наркотические средства, раскрытие, расследование, первый этап расследования, следственная ситуация.

*Annotation:* The article examines some features of initiating criminal cases related to drug trafficking. The problems of identifying, initiating and investigating criminal cases related to drug trafficking are subjected to scientific research, and the author's proposals and recommendations are made on these issues. The study reveals some investigative situations that arise at the beginning of a criminal case. Domestic and foreign scientific literature is widely used, on the basis of which the author's opinion is presented regarding the features of initiating criminal cases related to drug trafficking.
*Key words:* criminal case, narcotic drugs, disclosure, investigation, first stage of investigation, investigative situation.

Мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё ҳаммонанди (аналоги) онҳо (минбаъд - маводди нашъадор), яке аз масъалаҳои меҳвари дар сиёсати зиддимухаддиротии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, пешгирӣ, ошкор намудан, кушодан ва тафтиши дурусти ҷиноятҳо марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводди нашъадор аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад. Дар ин замина, марҳилаи оғози парвандаҳои ҷиноятии марбут ба маводди нашъадор, ки яке аз зинаҳои аввалин ва асосӣ баҳри пешгирӣ, ошкор намудан, кушодан ва тафтиши дурусти ҷиноятҳои марбут ба маводди нашъадор шуморида мешавад.

Таҳлили адабиёти илмӣ-амалии соҳавӣ нишон медиҳад, ки ҳама парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаи оғоз намуданашон ба худ хусусиятҳои хосро доро мебошанд. Аммо на ҳама муҳаққиқон хусусиятҳои оғози парвандаи ҷиноятиро аз рӯйи намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо ҷудо менамоянд [4, с.238]. Аз таҳлили андешаҳои муҳақиқони мавқеи болозикр бар меояд, ки гӯё дар марҳилаи аввали тафтишӣ ҳама ҷиноятҳо бо як тартиб ошкор, кушода ва тафтиш карда

шаванд. Аммо, ба андешаи мо ҷудо намудани хусусиятҳои хосси оғози парвандаҳои ҷиноятӣ, махсусан парвандаҳои ҷиноятии марбут ба маводди нашъадор зарур мебошад. Чунки, ин марҳилаи тафтишӣ ба ҳайси яке аз унсурҳои асосии методикаи тафтиши ҷиноят ба ҳисоб рафта, оғози кашфи ҷиноят аз ин ҷо шуруъ мегардад. Ҳамзамон, қайд намудан ба маврид аст, ки оғози парвандаи ҷиноятӣ марҳилаи аввали тафтиш ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни он субъекти тафтишкунада дар асоси қонун бояд тамоми маълумотро дар хусуси тайёрӣ, содиркунӣ ва пинҳонкунии осори ҷиноят муайян намуда, мавриди таҳлилу санҷиш қарор дода, хулосабарории воқеӣ намояд. Маҳз дар ҷараёни ба асос гирифтани чунин нозукиҳои фаъолият, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амалҳои тафтишӣ ва мушоҳида намудан ба ҷараёни содиркунии ҷиноятҳои марбут ба маводди нашъадор, хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мушоҳида мегардад.

Тибқи талаботи моддаи 140 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ аз инҳо иборатанд:

– ариза дар бораи ҷиноят;
– ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ;
– иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот;
– иттилоот дар воситаҳои ахбори омма;
– аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд [1].

Сархати 5-уми моддаи 140 КМҶ ҶТ маълумоте, ки таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита вобаста ба аломатҳои ҷиноят ба даст меоранд, ба сифати сабаб барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Таҷрибаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба маводди нашъадор нишон медиҳад, ки маҳз 99 % онҳо дар асоси сархати 5 моддаи 140 КМҶ ҶТ оғоз карда мешаванд. Чунки ҷараёни содиршавии ҷиноятҳои марбут ба маводди нашъадор пурра ба таври ғайриошкоро сурат гирифта, танҳо маълумоти оперативии саҳеҳ метавонад амалҳои ҷиноятткоронро фош созад ва натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба тафтишот пешкаш намояд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ин яке аз хусусиятҳои хосси оғози првандаҳои ҷиноятии самти мазкур ба шумор меравад.

Е.П. Ишенко дуруст таъкид мекунад, ки зарурати исботи он, ки муфаттиш дар кори мубориза бар зидди ҷиноятткорӣ шахси асосӣ мебошад, вуҷуд надорад, зеро маҳз ӯ тафтиши парвандаҳои ҷиноятиро ба роҳ монда, барои сифат ва мӯҳлати тафтиши пешакӣ масъул мебошад. Агар муфаттиш, корманд, мутахассис ҳарчанд боистеъдоду оқил, бодиққату боғайрат ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз бошаду дар иҷроиши амалҳои тафтишотӣ низ иштирок кунад, вале корозмудаву ботаҷриба нею шахси тасодуфӣ, навкор ва аз лиҳози ҳуқуқӣ камсавод бошад, корҳо мувофиқи мақсад намешаванд [6, с.14].

Дар мавриди оғоз ва дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба маводди нашъадор, чунин маълумотро ба даст овардан мумкин аст, ки онҳо ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ хизмат менамоянд: аз ҷониби корманди оперативӣ бевосита ошкор кардани далелҳое, ки ба истеҳсоли ғайриқонунӣ, харид, нигоҳдорӣ, интиқол, истеъмол, фурӯш, парвариш, инчунин дуздӣ ё зӯран гирифтани маводди нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ишора мекунанд; ташкилу нигоҳдории ҷойҳои истеъмоли нашъа; ғайриқонунӣ додан ё омода кардани дорӯхатҳо ё дигар санадҳое, ки ҳақи гирифтани маводди нашъадор ё моддаҳои психотропиро медиҳанд; мактубҳо ва аризаҳои шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо; паёмҳои муассисаҳои табобатӣ; паёми чопӣ; иқрори гуноҳ [7, с. 206-207]. Маҳз маълум намудани унсурҳои болозикр хусусияти дигари оғози парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба маводди нашъадорро нишон медиҳад.

Тамоми паёмҳое, ки аз мавҷудияти аломатҳои ҷиноят дар кирдори шахсони алоҳида дар робита ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор ё

моддаҳои психотропӣ дарак медиҳанд, ҳатман бояд санҷида шаванд. Дар зинаи оғози парвандаи ҷиноятӣ нафари амаликунандаи санҷиш бояд ашёи сӯиқасди ҷиноятиро мусодира карда, санади зеринро дуруст таҳия кунад: гузориши корманди оперативӣ, ки гумонбаршударо дастгир кардааст; санади тафтиши инфиродӣ ва тафтиши ашё; тавзеҳоти шоҳидоне, ки шахсро овардаанд; санади муоинаи тиббӣ; маълумотномаи муассисаи табобатӣ-профилактикӣ дар бораи дар қайд будани шахс дар робита ба истеъмоли маводди нашъадор ва моддаҳои психотропӣ; санад дар хусуси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; маълумотномаи мутахассиси химиядон дар бораи натиҷаҳои таҳқиқи пешакӣ ё маълумотнома дар бораи натиҷаҳои ташхиси таъҷилӣ; тавсифномаи гумонбаршуда дар содиркунии ҷинояти марбут ба маводди нашъадор (вобаста ба вазъияте, ки дар лаҳзаи боздошт ба вуҷуд меоянд, мумкин аст дигар санадҳо низ лозим шаванд). Пас аз он маълумоти аввалиро таҳлил намуда, мавҷудият ё набудани аломатҳои ҷиноятро дар кирдори шахс дар робита ба муомилоти ғайриқонунии маводди нашъадор муайян кардан лозим аст.

Ҳангоми ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш ё шахси анҷомдиҳандаи тафтиши пешакӣ бояд пеш аз ҳама, як қатор ҳолатҳоеро муайян кунад, ки бояд исбот шаванд:

1) Таааллуқ доштани маводди мусодирашуда ба воситаи нашъадор ё моддаҳои психотропӣ.

2) Миқдор ва сифати воситаи нашъадор ё моддаҳои психотропӣ.

3) Мавҷудияти кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ тибқи муқаррароти м. 200, 201, 202, 202 (2), 202 (3), 203, 204, 205, 206 (1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ).

4) Дар куҷо, кай, бо кадом тарз ва аз ҷониби кӣ кирдори зиддиҳуқуқӣ содир шудааст, кадом услубҳои рӯпӯшкунӣ истифода шудаанд?

5) Оё ҷиноятҳо аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудааст, ҳайати гурӯҳ чӣ гуна аст?

6) Роҳҳои паҳн шудани маводди мухаддир (кӣ, бо кадом восита ба кадом нарх маводди нашъадорро паҳн кардааст?).

7) Кадом мавод барои омодакунии воситаи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ҳамчун ашёи хом истифода шудааст, он аз куҷо оварда шудааст?

8) Манбаъҳои хариди маводди мухаддир.

9) Ҳадафу ангезаҳои содиркунии ҷиноят.

10) Ҳаҷми маблағе, ки дар натиҷаи амалиёти ғайриқонунӣ бо воситаи нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба даст омадааст.

11) Ҳолатҳое, ки ба дараҷа ва хислати ҷавобгарӣ таъсир мекунанд, аз ҷумла, онҳое, ки шахсияти ҷинояткорро тавсиф медиҳанд.

12) Сабабу шароите, ки ба содиршавии ҷинояти мазкур мусоидат кардаанд.

Хусусиятҳои ҳолатҳои маъмулӣ дар марҳилаи ибтидоии тафтиши ҷиноятҳо марбут ба маводди нашъадор, асосан, аз ҳолатҳои зерин вобастагӣ доранд:

– ҷинояти содиршудаи марбут ба маводди нашъадор хислати якборӣ ё мунтазам дорад;

– оё маводди нашъадор ба дигар кас дода шудааст?

– дастгиршуда дигар иштирокчиёни ҷиноятро мешиносад ё не?

Дар ин замина ҷудо кардани ду ҳолати маъмулӣ мувофиқи мақсад аст.

*Ҳолати аввал* замоне ба амал меояд, ки шахси дастгиршуда аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дастгир шуда, дар бораи дигар иштирокчиён маълумоти муфассал мавҷуд нест. Дар чунин мавридҳо (пас аз санҷиши зарурӣ ва оғози парвандаи ҷиноятӣ) гузарондани чунин амалҳо тавсия дода мешавад:

1) пурсиши муфассали дастгиршуда;

2) муоинаи предметҳои дарёфтшуда;

3) гӯш кардан ва сабти овозии мукотиботи телефонӣ;

4) боздошти пешакии гумонбаршуда.

*Ҳолати дуюм* вақте рӯх медиҳад, ки дар бораи ҳамаи иштирокчиёни ҷинояти

гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор маълумот пурра мавҷуд мебошад, аллакай маводди нашъадор таҳти назароти қатъӣ мебошад ва ё гирифта шудааст.

Ба андешаи А.Г. Филиппов вазъияти тафтишӣ ҳамчун категорияи криминалистӣ наметавонад аз рӯйи ҳаҷм ба вазъияти дар амал бавуҷудомада монанд бошад [8, с. 509-510].

Дар мавриди тафтиши ҷиноятҳо марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор чунин вазъиятҳои тафтишӣ ба вуқуъ пайвастанашон мумкин аст:

1) Шахси дастгиршуда яке аз амалҳои таркиби ҷиинояти марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадорро содир намудааст, ки дар кирдорҳои ӯ таркиби ҷиноят дида мешавад.

2) Аломатҳои таркиби ҷинояти марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор пурра мавҷуд мебошад, аммо шахси гумонбар аз ҷойи ҳодиса пинҳон шудааст.

3) Далелҳои шайъӣ ва идеалӣ пурра муқаррар шудаанд, вале маълумот дар бораи шахси содирнамудаи ҷинояти мазкур мавҷуд намебошад.

Вазъиятҳои тафтишии дар боло номбаршуда метавонанд намудҳои дигаре дошта бошанд, аммо моҳиятан дигар шуда наметавонанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки вазъияти тафтишӣ вобаста ба дастгир намудани шахс ҳангоми содиркунии ҷиноят намудҳои маъмулии содиршавӣ дорад. Масалан, яке аз намудҳои маъмулии вазъияти тафтишӣ ин дастгир намудани шахс ҳангоми тайёр намудан, коркард, нигоҳ доштан, соҳиб шудан, интиқол додан ё фиристодан маводди нашъадор мебошад, ки шахс ҳангоми содиркунии кирдорҳои мазкур фурсати пинҳон намудани осори ҷиноятро пайдо карда наметавонад.

Дар вазияти мазкур муқаррар намудани далелҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта осон мебошад. Ҳамзамон, муайян намудани шахсияти содиркунандаи ҷиноят, гурӯҳи ҷиноятӣ, иштирокчиёни гурӯҳ ва ҳатто мумкин аст занҷираи алоқаи байни гурӯҳҳои ҷиноятӣ вобаста ба содир намудани гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор ошкор ва кушода шавад.

Дар мавриди мазкур тавассути чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (тавассути қайдҳои оперативӣ ва парвандаҳои литерӣ) фавран бояд шахсияти дастгиршудаҳо муайян карда шавад.

Агар шахс дар мавриди ба соҳибияти каси дигар додани маводди нашъадор дастгир шавад, ҳолати мазкур водор месозад, ки дар навбати аввал ҷойи истиқомат бо мақсади ошкор намудани маводди нашъадор, моддаҳои кимиёвӣ ва зарфҳое, ки метавонанд барои тайёр кардани маводди нашъадор истифода шаванд, тарозуҳо, масолеҳи бастабандӣ, пул ва дигар воситаҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, кофтуков гузаронида шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки пас аз азназаргузаронии ҷойи ҳодиса чунин амалҳо бояд анҷом дода шаванд: воситаҳои содир кардани ҷиноят мусодира карда шаванд; дастгиршудагонро дар бораи чузъиёти ҳодиса, усулҳои тайёр кардан, ба даст овардан, пинҳон доштан ва рӯйпӯш кардан пурсидан лозим аст, ҳамзамон, шоҳидони ҳодисаи ҷиноятро оид ба фаъолияти ҷиноятии гумонбаршуда пурсидан лозим аст, инчунин, компютерҳо, телефонҳо, алоқаҳо ва ғайраҳо аз назар гузаронида шаванд. Њамчунин, бо мақсади ошкор намудани маълумоте, ки дар бораи хариди маводди нашъадор тавассути Интернет мумкин аст сурат гирад, муайян карда мешвад [2, с. 54].

Ҳангоми дастгир намудани шахс дар мавриди тайёр кардани маводди нашъадор чунин ҳолатҳо бояд муайян карда шавад: оё шахси дастгиршуда малакаю таҷрибаи тайёр кардани маводди нашъадорро дорад ё не, усули тайёр кардани маводди нашъадорро кай ва дар куҷо омухтааст, ашёи хомро аз куҷо дастрас намудааст, микдори маводди дастрастшуда, муайян намудани мақсади тайёр намудани маводди нашъадор, яъне

бо мақсади истифодаи шахсӣ ва ё бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан маводди нашъадорро тайёр намудааст [3, с. 18].

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои болозикр ва пурсиши дастгиршуда бояд масалаи квалификатсияи кирдор низ ба назар гирифта шавад.

Пурсиш дар мавриди тафтиши ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор яке аз амалҳои марҳилаи аввали тафтишӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни оғози парвандаҳои ҷиноятии самти мазкур хусусиятҳои фарққунанда дорад. Ба таври дигар гуем, мавзуи пурсиши шахсе, ки барои хариду фурӯши ғайриқонунии маводди нашъадор боздошт шудааст, то андозае аз дигар намудҳои пурсиш фарқ мекунад. Ҳангоми пурсиши шахсе, ки барои хариду фурӯши ғайриқонунии маводди нашъадор дастгир шудааст, бояд ҳолатҳои зерини содиршавии ҷиноят муқаррар карда шаванд: аз кӣ, кай, аз куҷо, дар кадом вазъият маводди нашъадор гирифтааст; маводди нашъадорро ба кӣ ва дар куҷо мефурӯхт; бо кадом нарх; чӣ қадар маводди нашъадор бо худ дошт; маблағи фоидае, ки аз фурӯш гирифта шудааст; ки дар он ҷо маводди нашъадорро нигоҳ доштааст.

Хусусияти дигари марҳилаи оғози парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба маводди нашъадор бошад, ин сарчашмаҳои истифодабарии маълумот ба ҳисоб меравад. Ба андешаи мо, то оғози парвандаҳои ҷиноятии марбут ба маводди нашъадор, пас аз оғоз намудан ва дар ҷараёни тафтиши парвандаҳои мазкур маълумоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ сарчашмаи асосӣ ва ҳамчун дастури роҳнамо барои субъекти тафтишкунанда ба ҳисоб меравconfigured.

Маълумоти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор дар аксар маврид ба ҳайси сабаб барои оғози парвандаи ҷиноятӣ хизмат менамоянд [5, с. 81–84].

Ҳамин тавр, оғози парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор яке аз марҳилаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, саривақт, объективона ва ҳаматарафа тафтиш намудани парванда маҳз аз ин зинаи тафтишӣ оғоз мегардад. Марҳилаи оғози парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор нисбатан мураккаб буда, аз маълумоти саҳеҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва хулосаи коршинос вобастагӣ дорад. Чунки ҷараёни содиршавии ҷиноятҳои марбут ба гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор пурра ба таври ғайриошкоро сурат гирифта, дар аксар маврид шоҳид, ҷабрдида ва дигар далелҳои воқеӣ буда наметавонанд. Хусусиятҳои таҳлилшудаи марҳилаи аввали тафтиши ҷиноятҳои мазкур метавонанд барои дуруст ба роҳ мондани тафтиши парванда аз ҷониби муфаттиш ҳамчун роҳнамо хизмат намуда, ҷиноят саривақт ошкор карда шуда, шахси ҷиноятткор ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми декабри соли 2009, № 564 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: mmk.tj (санаи мурочиат: 02.11.2023).

2. Агафонов, В.В., Чистова, Л.Е. Методика расследования преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных, сильнодействующих веществ, а также растений, содержащих наркотические средства и психотропные вещества, либо их частей, содержащих наркотические средства или психотропные вещества, совершаемых с использованием интернет и электронных средств связи: учебно-методическое пособие. – М.: ДГСК МВД России, 2011. – 208 с.

3. Бурданова, В.С. Расследование преступлений о незаконных действиях с наркотическими средствами: методические рекомендации / В.С. Бурданова. – СПб.: Институт повышения квалификации прокурорско-следственных работников Генеральной Прокуратуры РФ // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/tipichnye-sledstvennye-situatsii-pervo-nachalnogo-etapa-rassledovaniya-prestupleniy-svyazannyh-s-nezakonnym-oborotom-narkoticheskih

(санаи мурочиат: 21.12.2023).
4. Белов, О.А., Валеев, А.Т., Лютынский, А.М., Особенности возбуждения уголовного дела как элемент частной криминалистической методики: значение и содержание / О.А. Белов, А.Т. Валеев, А.М. Лютынский // Актуальные проблемы российского права. – 2008. – № 2. – С. 238-239.
5. Волков, С.Г. Некоторые особенности предварительной проверки материалов о преступлениях, связанных с незаконным оборотом наркотических средств или психотропных веществ / С.Г. Волков // Вестник криминалистики. – 2002. – № 2(4). – С. 81–84.
6. Ищенко, Е.П. Кто в России способен расследовать преступления? / Е.П. Ищенко // Вестник криминалистики / отв. ред. А.Г. Филиппов. – М.: Спарк, 2007. – Вып. 3 (23). – С. 14-18.
7. Қодирзода, Д.С. Методикаи тафтиши ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2021. – 407 с.
8. Криминалистика: учебник / под ред. А. Г. Филиппова. 4-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮРАЙТ, 2011. – 835 с.

**References**

1. Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan of December 3, 2009, No. 564 // [Electronic source] - Access mode: mmk.tj (date of application: 02.11.2023).
2. Agafonov, V.V., Chistova, L.E. Methodology for investigating crimes related to illegal trafficking of narcotic drugs, psychotropic, potent substances, as well as plants containing narcotic drugs and psychotropic substances, or their parts containing narcotic drugs or psychotropic substances, committed using the Internet and electronic means of communication: a teaching aid. – M.: DGSK MVD of Russia, 2011. – 208 p.
3. Burdanova, V.S. Investigation of crimes involving illegal actions with narcotic drugs: methodological recommendations / V.S. Burdanova. - St. Petersburg: Institute for Advanced Training of Prosecutor-Investigative Workers of the Prosecutor General's Office of the Russian Federation // [Electronic source] - Access mode: https://cyberleninka.ru/article/n/tipichnye-sledstvennye-situatsii-pervonachalnogo-etapa-rassledovaniya-prestupleniy-svyazannyh-s-nezakonnym-oborotom-narkoticheskih (last updated: 21.12.2023).
4. Belov, O.A., Valeev, A.T., Lyutynsky, A.M., Features of Initiation of a Criminal Case as an Element of a Private Forensic Methodology: Meaning and Content / O.A. Belov, A.T. Valeev, A.M. Lyutynsky // Actual Problems of Russian Law. – 2008. – No. 2. – Pp. 238-239.
5. Volkov, S.G. Some Features of Preliminary Verification of Materials on Crimes Related to Illegal Trafficking in Narcotic Drugs or Psychotropic Substances / S.G. Volkov // Criminalistics Bulletin. – 2002. – No. 2(4). – Pp. 81–84.
6. Ishchenko, E.P. Who in Russia Is Capable of Investigating Crimes? / E.P. Ishchenko // Criminalistics Bulletin / ed. A.G. Filippov. – Moscow: Spark, 2007. – Issue 3 (23). – Pp. 14-18.
7. Kodirzoda, D.S. Methodology of investigation of serious and especially serious crimes: textbook. – Dushanbe., 2021. – 407 p.
8. Forensic science: textbook / edited by A. G. Filippov. 4th edition, revised and enlarged. – M.: YURAYT, 2011. – 835 p.

ТДУ 340.114.5

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ МУҲИММИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ДАВЛАТ: НАЗАРИЯ ВА ҚОНУНГУЗОРӢ

# ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ КАК ВАЖНОЕ ЯВЛЕНИЕ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ ГОСУДАРСТВА: ТЕОРИЯ И ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО

# LEGAL EDUCATION AS AN IMPORTANT PHENOMENON OF THE LEGAL POLICY OF THE STATE: THEORY AND LEGISLATION

Қодирзода М.А.
Qodirzoda M.A.
*Муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*Заместитель ректора по научной работе Института повышения квалификации Министерства юстиции Республики Таджикистан, кандидат юридических наук*
*Deputy Rector for Scientific Work of the Institute for Advanced Studies of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences*



E-mail: mirzokodir-1 @mail.ru

*Ихтисосҳои илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).
*Научные специальности:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки)
*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* Собирзода И.С. – ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
*Рецензент:* Собирзода И.С. – ректор Института повышения квалификации Министерства юстиции Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент.
*Reviewer:* Sobirzoda I.S. – Rector of the Institute for Advanced Studies of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor.

*Аннотатсия:* Дар мақола яке аз масъалаҳои мубрами фазои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, яъне маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи муҳимми сиёсати ҳуқуқии давлат таҳлил карда шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар самти ташаккул додани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши вазорату идораҳои давлатӣ, тамоми зинаҳои муассисаҳои таълимӣ, ташкилоту муассисаҳои илмӣ, олимон ва коршиносон бисёр муҳим арзёбӣ карда мешавад.
*Вожаҳои калидӣ:* маърифати ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқии давлат, қонунгузорӣ, назарияи илми ҳуқуқшиносӣ, шуури ҳуқуқӣ, дониши ҳуқуқӣ, аҳолӣ, муассисаҳои таълимӣ, вазорату идораҳои давлатӣ.

*Аннотация:* В статье анализируется один из актуальных вопросов в области науки теории государства и права, а именно - правовое просвещение как важное явление правовой политики государства. Автором отмечается, что в этом наиболее важную роль выполняют государственные министерства и ведомства, образовательные учреждения, научные организации и учреждении всех уровней, а также ученые и специалисты.

*Ключевые слова:* правовое просвещение, правовая политика государства, законодательство, теория науки правоведения, правосознание, правовое знание, население, образовательные учреждения, государственные министерства и ведомства.

*Annotation:* The article analyzes one of the most important issues in the field of state and law theory, namely, legal education as an important phenomenon of the state's legal policy. The author notes that the most important role in this is played by government ministries and departments, educational institutions, scientific organizations and institutions of all levels, as well as scientists and specialists.
*Key words:* legal education, legal policy of the state, legislation, theory of jurisprudence, legal consciousness, legal knowledge, population, educational institutions, state ministries and departments.

Дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ яке аз падидаҳои марказӣ, ки боэътимодии фардро дар ҷомеа муайян менамояд, маҳз маърифати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, дар маҷмуъ, шахсе метавонад мавқеи худро ҳамчун ҷузъи ҷомеаи муосир мустаҳкам намояд, ки дорои дараҷаи муайяни шуур, фарҳанг ва маърифати ҳуқуқӣ бошад. Чун талаботи мавҷудаи замони муосир нисбат ба аҳолӣ бозгӯи он мебошад, ки тамоми ҳаракатҳои одамон дар доираи санади меъёрии муайян ва ё одатҳои умумиэътирофгардида ба доираи танзим қарор дода шудаанд, ки барои ҳар як инсон донистани онҳо зарурати аввалиндараҷаро ташкил менамояд.

Бо дарназардошти раванди мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба ташаккул ва ба зинаи рушд бурда расонидани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар тадбирҳои силсилавӣ роҳандозӣ карда шуданд. Албатта, барои амалӣ намудани механизмҳои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ба омилҳои калидии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ вобастагии ногусастанӣ доранд. Дар байни фишангҳои ишорагардида, нақш ва мавқеи механизмҳои ҳуқуқии ташаккул додани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мавқеи меҳвариро ишғол менамояд.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз масъалаи асосии сиёсати ҳуқуқии мамлакат ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба ин раванд таваҷҷуҳи махсус равона шудааст ва дар ин замина як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидааст.

Сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои ҳуқуқии гуногун, аз ҷумла, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми августи соли 1997, № 383 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3-юми марти соли 2006, № 94, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6-уми феврали соли 2018, № 1005, «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ гардидааст, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 31-уми декабри соли 2023, № 668 амалӣ карда мешавад.

Махсусан роҷеъ ба омоданамоии кадрҳои баландихтисоси тамоми соҳаҳо, ки самти ҳуқуқшиносӣ низ ба он дохил мешавад, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2016, №636 тасдиқ гардидааст, чунин пешбинӣ шудааст: «низоми маориф дар тамоми

сатҳҳо бояд барои ташаккулёбии дониш ва малакаи зарурӣ ҷиҳати рушди устувор мусоидат намояд» [2].

Илова бар ин, дар ҳуҷҷати меҳварии барномавӣ дар самти ояндабинии сиёсати ҳуқуқии кишвар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 пешбинӣ карда шудааст, ки баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад [3].

Ҳамзамон, дар ҳуҷҷати барномавии болозикр роҷеъ ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад дониста шудааст:

– ҷоннок кардани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

– таъмини мақомоти худидора кунии шаҳраку деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нашрияи расмии иттилоотӣ ҳуқуқӣ;

– ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо;

– таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– такмили механизми коркарди муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳимми баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ [3].

Ҳамчунин, яке аз вазифаҳои мушаххаси Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 маҳз баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон муайян карда шудааст [4].

Дар моддаи 42-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар гардидааст: «Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд» [1]. Чунин талабот заминаи асосии баланд бурдани маърифат ва шуури ҳуқуқист, ки худи Конститутсия низ тақозо дорад, чунки пешрафти ҷомеа танҳо бо роҳи танзими қонунӣ имконпазир мегардад.

Бояд тамоми ниҳодҳои мувоззаф дар якҷоягӣ бо аҳолии кишвар фаъолияти ҳадафмандонаву густурдаро амалӣ намоянд.

Шарҳи калимаи «шуур» ҳамчун ақл, идрок, фаросат ва зиракӣ дар фарҳангу луғатномаҳои тоҷикӣ тавзеҳ дода шудааст [23, с. 607].

Ба андешаи С.Ҳ. Ҳасанов, шуури ҳуқуқӣ маҷмуи ақида, нуқтаи назар, ҳиссиётест, ки муносибати одамонро ба ҳуқуқ ифода мекунад. Ин тасаввурот дар бораи қонунгузорӣ, қонуният, адолати судӣ дар бораи рафторҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ мебошад [24, с. 54].

Е.А. Певсова чунин андеша дорад, ки шуури ҳуқуқӣ воқеияти ҳуқуқиро дар шакли донишҳои ҳуқуқӣ ва муносибатҳои баҳодиҳӣ ба қонун ва татбиқи он, муносибатҳо ва меъёрҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ ва рафтори одамонро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ танзим мекунад. Аз ин лиҳоз, шуури ҳуқуқӣ дар меҳвари муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ мавқеи хос дошта, дар таҳкими афкори ҳуқуқӣ заминаи мусоид фароҳам меорад [19, с. 29].

Ҳамзамон, ҳангоми ташаккули шуури баланди ҳуқуқии шаҳрвандон дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин, ба равонии шахс, ҳамчун шахсе, ки дараҷаи эҳтиёҷоти худро дар ҳаёт

дорад, диққат додан муҳим аст. Аксар вақт бояд эътироф кунад, ки шахс омода аст ба қоидаҳои муайяни ҳаёт (аз ҷумла, меъёрҳои қонунгузорӣ) мутобиқ шавад, агар барои рушди он шароити муайяни зарурӣ фароҳам оварда шавад. Дар ин ҷо низоми баҳисобгирии манфиатҳои давлат ва ҷомеа ба назар гирифта мешавад.

Ноил шудан ба тавозун дар ин кор имкон медиҳад, ки арзишҳои ҳуқуқ дар байни ҷомеа самараноктар тарғиб карда шаванд, ҳуқуқ ва тамоми низоми қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун ҳавасмандгардонӣ барои таъмини зиндагии шоиста ва шукуфон ба шаҳрвандон шарҳ дода шавад. Дар айни замон, фарқ кардани мафҳумҳои "шароит" ва "ҳавасмандгардонӣ" хеле муҳим аст, зеро дар ҷомеа ҳамеша фаҳмиши бисёрҷонибаи калимаҳои пурмазмун мавҷуд аст. Ҳавасмандкунӣ бояд имтиёзҳо, беҳбудиҳо дар вазъи моддӣ ё дигар ҳолат, даъвати ҷомеа барои мусоидат ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бошад. Шароит бояд дар асоси имкониятҳои давлат барои таъмини зиндагии шоиста ба шаҳрвандон ташаккул ёбад. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин омилҳо имкон медиҳанд, ки шуури ҳуқуқии шаҳрвандон аз даврони хурдӣ мунтазам баланд бардошта шавад.

Ба андешаи муҳаққиқон Е.Ф. Усманова ва Д.Б. Останков, ҳоло масоили механизмҳои ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии давлат ба худ хислати мубрамро касб менамояд. Барои он ки маҳз шуури ҳуқуқӣ ягона василаи муайянкунандаи сатҳи фаъолияти ҳуқуқӣ ва раванди ҳифзи ҳуқуқии ба талаботи инсондӯстона ва эҳтиромкунандагии арзишҳои умумиинсонӣ ба шумор меравад [22, с. 139].

Масоили матраҳгардидаи болозикр гувоҳӣ ба он менамояд, ки маҳз амалинамоии тамоми самтҳои ҳаёти инфиродӣ, ҷомеавӣ ва давлатӣ маҳз ба зинаи ташаккули зеҳни аҳолӣ ва дар як маврид кадрҳои ба кор фарогирифташуда пайвандии ногусастанӣ дорад. Аз ин хотир, бояд ҳар як узви ҷомеаи муосир кӯшиш ба харҷ дода бошад, ки бароиояндаи худ бетарафӣ зоҳир накарда ба риоя ва иҷрои қонунгузорӣ майли бештар пайдо намуда, дар ин замина сатҳи маърифатнокии худро то андозае баланд бардорад.

Дар бештари мавридҳо амалинамоии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба сатҳи саводнокии ҳуқуқии ҳуқуқшиносон вобастагии зич дошта, дар раванди ҳимояи ҳуқуқи одамони ниёзманд аз ҷониби ҳуқуқшиносон ҳолати мазкурро дучор шуданамон мумкин аст [21, с. 78]. Албатта, дар мавриди зикршуда ягона механизми баланднамоии донишҳои касбии ҳуқуқии ҳуқуқшиносон маҳз ба раванди таълимӣ онҳо дар муассисаҳои олии таълимии ҳуқуқӣ алоқамандии бевоситаро дорад.

Дар баробари ин, таълими сифатноки ҳуқуқӣ омили ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва донишҷӯёнро таъмин намуда, ба сатҳи касбият кадрҳои соҳаи ҳуқуқ таъсири мусбат расонида, метавонад барои ташаккули давлати ҳуқуқбунёд заминагузорӣ намояд [25, с. 30].

Асоси ташаккули фаъолнокии иҷтимоию ҳуқуқии донишҷӯён фаъолияти маърифатии онҳо дар соҳаи ҳуқуқ мебошад. Фаъолияти маърифатӣ шарти муҳимми татбиқи чораёни таълим ва хусусияти амалҳои маърифатии донишҷӯён маҳсуб мешавад. Бидуни фаъолияти инфиродии донишҷӯён, раванди таълим натиҷабахш буда наметавонад.

Маърифатнокии ҳуқуқии донишҷӯён як ҷузъи муҳимми симои фарҳангии шахсият ва шарти зиндагии муваффақ дар ҷомеа мебошад. Ба андешаи Х. Шомуродов, мафҳуми "маърифати ҳуқуқӣ" раванди азхудкунии низоми донишҳои ҳуқуқӣ, малакаҳои амалӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии ҳуқуқӣ ва мутобиқан, сатҳи маданияти ҳуқуқии шахсро ифода мекунад, ки дар маҷмуъ шакли иҷтимоӣ ва ҳуқуқии онро муайян мекунад [26, с.89].

Ҷомеаи муосир зарурати ташкили пояи асосии маърифати ҳуқуқии ҳамаҷонибаи донишҷӯёнро талаб менамояд. Зеро маърифати ҳуқуқии донишҷӯён ба танзими фарҳанги ҳуқуқии

демократӣ нигаронида шуда, он асоси азхудкунии арзишҳо ва принсипҳои ахлоқӣ-ҳуқуқии донишҷӯёнро ташкил медиҳад ва тавассути он аз корҳои номатлуб даст кашида, ба сӯи афзалияти риояи қонун равона месозад [12, с. 293].

Ҳадафҳои асосии таҳсил дар мактабҳои олӣ аз он иборат аст, ки дар байни донишҷӯён инкишофи сатҳи баланди шуурнокии ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, омӯзиш ва маърифати асосҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қобилияти истифодаи имкониятҳои низоми ҳуқуқии давлат, қобилияти ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо таъмин карда шавад.

Ба андешаи муҳаққиқ С.Р. Бобоҷонова, омӯзиш ва баррасии масъалаҳои ҳуқуқӣ дар миёни муҳассилини мактабҳои олӣ яке аз муҳимтарин ҳадафҳои илми ҳуқуқшиносӣ ва педагогикаи миллӣ маҳсуб мешавад, ки дар ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён, фаъолнокии ҳуқуқии онҳо ва истифодаи усулҳои интерактивӣ дар машғулиятҳои таълимӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ҳар ҷомеаи рӯ ба тараққӣ омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои марбут ба шуури ҳуқуқии донишҷӯён таваҷҷуҳи махсусро талаб намуда, дар баррасии ҳамаҷонибаи муаммоҳои тарбияи ҳуқуқӣ миёни донишҷӯён мусоидат хоҳад кард. Дар амалӣ намудани қарору қонунҳо ҷиҳати ташаккул ва густариши шуури ҳуқуқӣ корҳои зиёде мавҷуданд, ки дар вусъат додани шуури ҳуқуқии донишҷӯён кӯмак менамояд [7, с. 130].

Дар ҷодаи мазкур, яъне баланд-бардории маърифати ҳуқуқӣ ва омоданомоии кадрҳои соҳаи ҳуқуқ олимон андеша доранд, ки бояд раванди мазкур ба самтҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ва субъективӣ-ҳуқуқӣ таснифбандӣ шуда, дар як маврид барои пешбурди доктиринаи ҳуқуқӣ ва таълим дар соҳаи мазкур бояд ҳуқуқшиносоне ҷалб гарданд, ки синну соли онҳо аз 30 то 40 ва ё то 60 сола бошанд. Барои он ки дар марҳилаи синну соли болозикр шахс метавонад ба илм машғул шуда, фазои илмии субъктивиро равнақ дода, метавонад бо воситаи амалинамоии раванди таълим донишҳои худро ба доираи васеи аҳолӣ ва ё донишҷӯён бурда расонад [8; 15; 18].

Албатта, ҳолати мазкур метавонад барои ба зинаи рушд рафта расидани мафкураи солими самтноки ҳуқуқии аҳолӣ ва доираи муайяни донишҷӯён созгор бошад.

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир имрӯзҳо раванди доктриналие рӯи кор омадааст, ки падидаҳои фундаменталии рушддиҳандаи маърифати ҳуқуқии умумӣ ва соҳавӣ ба монанди шуури ҳуқуқӣ, дониши ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун намуди фаъолият, ҳамчун иттилоот ва ҳамчун арзиш пазируфта шудаанд [11; 14; 20].

Ба андешаи М.М. Карабеков, амалишавии сиёсати ҳуқуқии давлат аз як ҷабҳа ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз лиҳози техникаи ҳуқуқӣ ва талаботи замона мувофиқ вобаста бошад, аз нуқтаи назари дигар, ба сатҳи фаҳмиши мақсаду моҳияти қонунгузории амалкунанда аз ҷониби аҳолии давлати муайян пайвандии ногусастанӣ дорад [13, с. 4].

Ба андешаи А.Н. Кунев, бошад, муаммоҳои коррупсионӣ, авҷгирии раванди нигилизми ҳуқуқӣ, пастгардии донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ, костагии фаъолияти босамари низоми маъориф метавонад ба марҳилаи нав баромадани рушди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи зеҳнан мукаммал метавонад монеагӣ намояд. Бинобар ин, зарур мешуморад, ки бояд тадриҷан механизимҳои таъсиррасонанда ба зеҳни аҳолӣ вобаста ба баландбардории маърифати ҳуқуқии аҳолӣ бо тамоми воситаҳои воқеан самаранок ва натиҷаовар ба кор бурда шаванд [17, с. 8].

С.В. Горбачева чунин меҳисобад, ки дар ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар баробари амалинамоӣ ва рушд додани механизмҳои таъсиррасонӣ бояд ба дараҷаи касбият ва донишҳои ҳуқуқии кормандони вазорату идораҳои давлатӣ ва махсусан ба мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ эътибори ҷиддӣ дод. Барои он ки татбиқи қонунгузорӣ, баровардани адолати судӣ, таъмини риояи қонунгузорӣ, суботи давлат, тартиботи

ҷамъиятӣ, волоияти қонун ва дар маҷмуъ рушду пойдории давлат маҳз ба касбияту донишҳои ҳуқуқии онҳо алоқамандии зич дорад [10, с. 204].

Таълим додан ва омода намудани ҳуқуқшиносони касбӣ ва ба талаботи воқеияти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз вазифаҳои меҳварӣ ва институтсионалии сиёсати маъорифи давлат ва хосатан уҳдадории мақомоти ваколатдори давлатамаликунандаи сиёсати ҳуқуқӣ, маориф ва илм ба шумор меравад [9, с. 14].

Баъзе муҳаққиқони соҳа [5; 6; 17] андешаашонро пешниҳод менамоянд, ки яке аз нишонаҳои дар сатҳи паст қарор додани маърифати ҳуқуқии аҳолиро мо метавонем аз таваҷҷуҳ надоштани шаҳрвандон ба муқарроротҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риоя накардани қонунгузорӣ, вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, халалдор намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мушоҳида намуданамон мумкин аст.

Ссарчашмаи дигари инкишофи маърифати ҳуқуқӣ дар роҳи ба камолоти маърифати ҳуқуқӣ расонидани шаҳрвандон ин омӯзиши арзишҳо ва донишҳои ҳуқуқие мебошад, ки давоми садаҳои сипаригашта аз сӯйи мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷик, баргузида шудаанд. Аз ҷумла, «Тибби рӯҳонӣ»-и Закариёи Розӣ, «Ҷовидон Хирад»-и Ибни Мискавайҳ, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, «Тадбири манзил»-и Абуалӣ ибни Сино, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Саодатнома»-и Носири Хусрав, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва амсоли инҳо дар ташаккулу пешрафти шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ (зебоипарастӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ) хусусияти бунёдӣ дошта, метавонанд яке аз омилҳои густариши маърифати ҳуқуқӣ бошанд.

Аз андешаи болозикр маълум мегардад, ки дар ташаккули шуур ва маърифати ҳуқуқии шахсият дар баробари донистани муқаррароти қонунгузорӣ донистани ашъори бузургони гузашта низ дар ғанӣ гардидани афкори солими маънавибунёди ҳар як узви ҷомеаи муосир бетаъсир буда наметавонад. Аз ин нуқтаи назар ба мо зарур шуморида мешавад, ки барои ба ҳадафи ниҳоӣ, яъне ба зинаи ташаккул бурда расонидани сатҳи маърифатнокӣ ва шуурнокии аҳолии кишвар тамоми механизмҳои мавҷударо дар амал татбиқ намуда бошем.

Ҳамин тариқ ба андешаи мо барои боз ҳам равнақ додани маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар амалинамоии равандҳои зерин манфиатовар мебошанд:

– таҳия ва қабул намудани «Доктринаи ташаккули маърифати ҳуқуқӣ» дар асоси ғояҳои илмии муосири дар ҷумҳурӣ рушкарда ва берун аз ҷумҳурӣ, ки дар бештари мактабҳои илмӣ пазируфта шудаанд. Албатта, имрӯз дар мамлакатамон гарчанде ҳуҷҷатҳои барномавӣ ба монанди консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ қабул ва амал карда истода бошанд ҳам, вале таъсири онҳо барои амалинамоии сиёсати ҳуқуқии давлат ва татбиқи амалии қонунгузории амалкунанда бо воситаи мақомоти ваколатдори давлатӣ равона карда шудаанд.

Дар чунин ҳолат як механизми меҳварӣ бо як нигоҳ аз раванди консептуалии ташаккули маърифати ҳуқуқӣ берун мондааст, ки ин ҳам бошад таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани доктрина дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Қабули ҳуҷҷати мазкур имконият фароҳам меоварад, ки ба тариқи низомнок, ҳадафмандона, дар доираи мақсадҳои ояндабинона рӯйи кор овардани ғояҳои илмии соҳаҳои илми ҳуқуқшиносии кишвар бо ҳадафи ташаккули зеҳнияти дарки ҳуқуқдонии аҳолии ҷумҳуриро ташкил менамояд; бо мақсади воқеан амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти баландбардории маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва татбиқи босамари ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ дар ин самт зарур мебошад, ки тамоми

мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, муассисаҳои илмӣ, шахсони ҳуқуқии дар самти хизматрасонии ҳуқуқӣ фаъолияткунанда, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият ба андешидани чораҳои мушаххас дар самти анҷом додани корҳои вобаста ба таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, расондани ёрии ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, пешниҳоди иттилооти ҳуқуқӣ ба доираи васеи аҳолӣ ҷалб карда шаванд [1].

Дар маҷмуъ дар асоси омӯзишҳои ғояҳои илмии муосир, қонунгузории амалкунанда, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва раванди рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои бунёдӣ дар соҳаи таҳкими давлатдории миллӣ, рушди демократия ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст, ки баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва такмил додани шаклҳо, усулҳо ва механизмҳои маърифати ҳуқуқиро коркард ва пешниҳод намудан зарур мебошад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуққии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.01.2024).
3. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2028 / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.01.2024).
4. Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, / Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.01.2024).
5. Баранов, В.М. Юридическая техника: учебник для бакалавриата и специалитета / В. М. Баранов [и др.]; под ред. В.М. Баранова. – М., Юрайт. 2019. – 493 с.
6. Батурина, Ю.Б. Правовая форма и правовое средство в системе понятий теории права: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Юлия Борисовна Батурина. – М, 2001. – 149 с.
7. Бобоҷонова, С.Р. Фаъолнокии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён / С.Р. Бобоҷонова //. Номаи донишгоҳи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров». – 2022. – №1(70). – С. 129-133.
8. Бондарь, Н.С. Российское юридическое образование как конституционная ценность: национальные традиции и космополитические иллюзии / С.Ю. Бондарь. – М.: Юрист, 2013. – 62 с.
9. Горбатова, М.К. Высшее юридическое образование в современной России: теоретико-правовые аспекты развития: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Марина Константиновна Горбатова. – Н. Новгород, 2007. – 28 с.
10. Горбачева, С.В. Профессиональное правосознание и юридическое образование в условиях правового государства / С.В. Горбачева // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2023. – № 1 (61). – С. 203-205.
11. Гранат, Н. Л., Панасюк, В. В. Правосознание и правовая культура / Н.Л. Гранат, В.В. Панасюк // Юрист. – 1998. – №11/12. – С. 2-8.
12. Джорубов Ф. Теоретико-методологические основы формирования правовой культуры студентов в инновационной среде вуза / Ф. Джорубов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 6. – С. 293-295.
13. Карабеков, М.М. Правовые акты как средства формирования и реализации правовой политики: общетеоретический аспект: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Михаил Михайлович Карабеков. – Краснодар, 2010. – 31 с.
14. Клейменова, Е.В., Моралева, К.А. Правовая культура и ее стандарты в конституциях Российской Федерации / Е.В. Клейменова, К.А. Моралева // Правоведение. – 2003. – №1. – С. 50-56.

15. Кондрашев, А.А. Проблемы современного юридического образования в контексте реформы высшего образования в Российской Федерации: итоги и перспективы / А.А. Кондрашев // Lex Russica (Русский закон). – 2018. – №1. – С. 144-156.
16. Кулапов, В.Л. Теория государства и права: учебник / В.Л. Кулапов, А.В. Малько. – М.: Норма: ИНФРА-М. 2019. – 384 с.
17. Кунев, А.Н. Законность и правовая культура в условиях становления правового государства (теоретико-правовое исследование): автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Андрей Николаевич Кунев. – М., 2011. – 26 с.
18. Мартышин, О.В. О некоторых особенностях российской правовой и политической культуры / О.В.Мартышин // Государство и право. – 2003. – № 10. – С. 24-30.
19. Певцова, Е.А. Формирование правового сознания школьной молодежи: состояние, проблемы и перспективы / Е.А. Певцова // Государство и право. – 2005. – № 4. – С. 28-36.
20. Ромашов, Р.А., Тищенко А.Г. Правовая культура: ценностный аспект / Р.А. Ромашов, А.Г. Тищенко // Правовая культура. – 2006. – № 1. – С. 7-10.
21. Торосян, Р.А., Басова А.В. Юридическое образование как конституционная ценность: проблемы формирования правовой культуры студента Р.А. Торосян, А.В. Басова // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия: Экономика. Управление. Право. – 2022. – Т. 22. - Вып. 1. – С. 78-85.
22. Усманова, Е.Ф., Останков Д.Б. Юридическое образование как фактор повышения и развития правосознания / Е.Ф. Усманова, Д.Б. Останков // Теория и практика общественного развития. – 2023. – № 5. – С. 137-142.
23. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Зери таҳрири Шукуров М.Ш. ва диг. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 1158 с.
24. Ҳасанов, С., Ҳасанов, М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Илм, 2017. – 496 с.
25. Шапкина, Е.А. Повышение качества высшего юридического образования как этап развития правового государства / Е.А. Шапкина // Юридическое образование и наука. – 2011. – № 1. – С. 28-31.
26. Шомуродов, Х. Формирование правового сознания студентов / Х. Шомуродов // Педагогика. – 2007. – № 2. – С. 88-92.

**References**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 with amendments dated September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016 (in Tajik and Russian languages). – Dushanbe: “Ganj”, 2016. – 136 p.
2. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 / Centralized information-legal database of the Republic of Tajikistan “Justice”. Form 7.0. // [Electronic resource]. - Source of access: http://www.adlia.tj (date of application: 09.01.2024).
3. Concept of the legal policy of the Republic of Tajikistan for the years 2018 - 2028 / Centralized legal and informational database of the Republic of Tajikistan “Justice”. Form 7.0. // [Electronic resource]. - Source of access: http://www.adlia.tj (date of application: 09.01.2024).
4. Training program in the field of human rights for 2022-2026, / Centralized legal information database of the Republic of Tajikistan “Justice”. Form 7.0. // [Electronic resource]. - Source of access: http://www.adlia.tj (date of application: 09.01.2024).
5. Baranov, V.M. Legal technique: a textbook for bachelor's and specialist's degrees / V.M. Baranov [et al.]; edited by V.M. Baranov. – M., Yurait. 2019. – 493 p.
6. Baturina, Yu.B. Legal form and legal means in the system of concepts of the theory of law: dis. ... Cand. of Law: 12.00.01 / Yulia Borisovna Baturina. – M.,. 2001. – 149 p.
7. Bobojhonova, S.R. Legal activism as a means of forming students' legal consciousness / S.R. Bobojhonova //. Letter from MDT university “Khujand State University named after Academician B. Gafurov”. – 2022. – No. 1(70). – Pp. 129-133.
8. Bondar, N.S. Russian legal education as a constitutional value: national traditions and cosmopolitan illusions / S.Yu. Bondar. – M.: Jurist, 2013. – 62 p.
9. Gorbatova, M.K. Higher legal education in modern Russia: theoretical and legal aspects of development: author's abstract. dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.01 / Marina Konstantinovna Gorbatova. – N. Novgorod, 2007. – 28 p.

10. Gorbacheva, S.V. Professional legal consciousness and legal education in a rule-of-law state / S.V. Gorbacheva // Legal science and practice: Bulletin of the Nizhny Novgorod Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2023. – No. 1 (61). – Pp. 203-205.
11. Granat, N. L., Panasyuk, V. V. Legal consciousness and legal culture / N. L. Granat, V. V. Panasyuk // Jurist. – 1998. – No. 11 / 12. – Pp. 2-8.
12. Dzhorubov F. Theoretical and methodological foundations for the formation of students' legal culture in the innovative environment of the university / F. Dzhorubov // Bulletin of the Tajik National University. – 2018. – No. 6. – Pp. 293-295.
13. Karabekov, M. M. Legal acts as a means of formation and implementation of legal policy: general theoretical aspect: author's abstract. dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.01 / Mikhail Mikhailovich Karabekov. – Krasnodar, 2010. – 31 p.
14. Kleymenova, E.V., Moraleva, K.A. Legal culture and its standards in the constitutions of the Russian Federation / E.V. Kleymenova, K.A. Moraleva // Jurisprudence. – 2003. – No. 1. – Pp. 50-56.
15. Kondrashev, A.A. Problems of modern legal education in the context of the reform of higher education in the Russian Federation: results and prospects / A.A. Kondrashev // Lex Russica (Russian law). – 2018. – No. 1. – Pp. 144-156.
16. Kulapov, V.L. Theory of state and law: textbook / V.L. Kulapov, A.V. Malko. – M .: Norma: INFRA-M. 2019 . – 384 p.
17. Kunev, A.N. Legality and legal culture in the context of the formation of a rule-of-law state (theoretical and legal research): author's abstract. dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.01 / Andrey Nikolaevich Kunev. – M., 2011. – 26 p.
18. Martyshin, O.V. On some features of the Russian legal and political culture / O.V. Martyshin // State and Law. – 2003. – No. 10. – Pp. 24-30.
19. Pevtsova, E.A. Formation of legal consciousness of school youth: state, problems and prospects / E.A. Pevtsova // State and law. – 2005. – No. 4. – Pp. 28-36.
20. Romashov, R.A., Tishchenko A.G. Legal culture: value aspect / R.A. Romashov, A.G. Tishchenko // Legal culture. – 2006. – No. 1. – Pp. 7-10.
21. Torosyan, R.A., Basova A.V. Legal education as a constitutional value: problems of formation of legal culture of the student R.A. Torosyan, A.V. Basova // Bulletin of the Saratov University. New series. Series: Economy. Management. Law. – 2022. – Vol. 22. – Issue. 1. – Pp. 78-85.
22. Usmanova, E.F., Ostankov D.B. Legal education as a factor in increasing and developing legal awareness / E.F. Usmanova, D.B. Ostankov // Theory and practice of social development. – 2023. – No. 5. – Pp. 137-142.
23. Culture of the Tajik language / Edited by Shukurov M.Sh. and others. – M.: Soviet encyclopedia, 1969. – 1158 p.
24. Hasanov, S., Hasanov, M. Theory of the state and law: a textbook. – Dushanbe: Ilm, 2017. –496 p.
25. Shapkina, E.A. Improving the quality of higher legal education as a stage in the development of a legal state / E.A. Shapkina // Legal education and science. – 2011. – No. 1. – Pp. 28-31.
26. Shomurodov, H. Formation of legal consciousness of students / H.Shomurodov // Pedagogy. – 2007. – No. 2. – Pp. 88-92.

**ТДУ 342.511.7:343.326**

# АНДЕШАҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҶИҲАТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН ДАР МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ

# РАЗМЫШЛЕНИЯ ЛИДЕРА НАЦИИ УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА О ПОВЫШЕНИИ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ ГРАЖДАН В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ ЭКСТРЕМИЗМУ

# REFLECTIONS OF THE LEADER OF THE NATION, THE RESPECTED EMOMALI RAHMON ON INCREASING THE LEGAL EDUCATION OF CITIZENS IN COUNTERING EXTREMISM



САФАРЗОДА Ҳ.С.
SAFARZODA H.S.
*Профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
*Профессор кафедры предупреждения террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции*
*Professor of the Department of Prevention of Terrorist Crimes and Public Safety of Faculty No. 6 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor, Colonel of militia*
e-mail: h.safarov@mail.ru



САМИЪЗОДА Б.С.
SAMI'ZODA B.S.
*Дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия*
*Доцент кафедры общественных дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции*
*Associate Professor of the Department of Social Sciences of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Lieutenant Colonel of militia*
e-mail: 935321370@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).
*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки)
*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда*: РАҲМОНЗОДА М.Ҷ. – мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

*Рецензент*: РАХМОНЗОДА М.ДЖ. – заведующий кафедрой уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук.

*Reviewer*: RAKHMONZODA M.J. – Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, Tajik National University, Candidate of Legal Sciences.

*Аннотатсия:* Дар мақола муаллифон яке аз муҳимтарин масоили рӯзмарра - баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро дар муқовимат ба экстремизм тибқи андешаҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инъикос намудаанд.

*Вожаҳои калидӣ:* маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, муқовимат ба терроризм, фаъолияти экстремистӣ, озодии виҷдон, иттиҳодияҳои динӣ, таълими ғайриқонунии динӣ, хурофот, таассуб ва зиёдаравиҳо, бегонапарастӣ.

*Аннотация:* В статье авторы раскрывают суть одного из важнейших вопросов – повышения правовой грамотности граждан по противодействию экстремизму согласно взглядам Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона.

*Ключевые слова:* правовое просвещение, правосознание, противодействие терроризму, экстремистская деятельность, свобода совести, религиозные объединения, незаконное религиозное образование, суеверия, фанатизм, радикализм, ксенофобия.

*Annotation*: In the article, the authors reveal the essence of one of the most important issues - increasing the legal literacy of citizens in countering extremism according to the views of the Leader of the Nation, the respected Emomali Rahmon.

*Key words*: legal education, legal awareness, countering terrorism, extremist activity, freedom of conscience, religious associations, illegal religious education, superstition, fanaticism, radicalism, xenophobia.

Таҷрибаи рӯзгори инсонӣ собит сохтааст, ки риояи қонун ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҳама давру замон асоси пешрафти ҷомеаҳои мутамаддин гардидааст. Барои расидан ба ин ҳадафи олӣ тақвияти маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии ҷомеа зарурати амиқ дошта, бе мавҷудияти он таъмини тартиботи ҷамъиятиро дар дохили давлат тасаввур намудан ғайри имкон мебошад.

Бо дарки амиқи чунин зарурат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 28-уми декабри соли 2023 дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод намуданд, ки соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад [11].

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30-юми декабри соли 2023, № 668 қабул гардид. Мақсад аз қабули фармони мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона ба он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад [14].

Рамзи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» доирашакл буда, дар маркази доира ҷузъиёти асосии рамз – китоби кушода, офтоби оламоро ва тоҷдасти шоҳӣ ҷой дода шудааст. Китоби кушода

таҷассумкунандаи манбаи дониш, Конститутсия ва қонун асосҳои батанзимдарорандаи муносибатҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ, таълиму тарбия ва хирад рукнҳои калидии дарки саодат ва адолат, офтоби оламоро – рамзи нур, гармӣ, шифо ва саховатмандӣ, тоҷдасти шоҳӣ бо тасвири нимдавраи офтобӣ пешсафӣ ва пешдастии миллати тамаддунофар ва ҳафт ситора ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ, иқтидори давлат ва роҳнамою равшанидиҳанда арзёбӣ гардидаанд.

Бешак, маърифати ҳуқуқӣ аз хондану мутолеа кардани китобу маҷалла, таълиму тарбияи манфиатпазир дар муассисаҳои таълимӣ маншаъ гирифта, дарки воқеии талаботи Конститутсия ва қонунҳо танҳо дар доираи ҷаҳонбинии комил имконпазир мегардад. Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар зери парафшонии нурҳои офтобӣ ва ҳавои мусаффо барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти иқтисод, фарҳанг, маориф, амният ва дигар соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

Ҳуқуқшиноси маъруфи тоҷик, академик Ф.Т. Тоҳиров комилан дуруст меафзоянд, ки «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳиятан бузургтарин ҳуҷҷати миллӣ ва давлатии кишварамон буда, дорои аҳаммияти сиёсиву ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ мебошад. Аз ин рӯ, хуб донистани Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои наврасону ҷавонон, ки оянда пойдорию пешрафти миллату давлат мебошанд, ҳам фарзу ҳам суннат аст. Бояд, ки наврасону ҷавонон усулҳову ғояҳои дар Конститутсия сабтгардидаро хуб дарк карда, дар раванди ҳаёти ҳаррӯзаи худ онҳоро татбиқ карда тавонанд» [15, с. 29].

Дар ҳақиқат, танҳо бо воситаи ҳуқуқ, ки таҷассумгари иродаи халқи шарифи Тоҷикистон дар ба танзим даровардани муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ мебошад, барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосӣ дар роҳи саодат ва хушбахтии миллат имконпазир аст. Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 идомаи шоҳкориҳои онҳо дар роҳи ноил шудан ба ормонҳои миллӣ мебошад.

Дар воқеъ яке аз омилҳои муҳимми рушди босуръати ҷомеа, давлат ва аҳолии он таҳкими пояҳои ҷомеаи озоду муташаккили шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд, ташаккули муносибати эҳтиромона ба қонун, волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, масъулияти байниҳамдигарии шахс ва давлат мебошад. Бояд иброз намуд, ки эҳтиром ба қонун ва ҳуқуқи инсон натиҷаи сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ мебошад. Сатҳи нокифояи маърифати ҳуқуқӣ ва паст будани шуури ҳуқуқӣ, паҳншавии нигилизми ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ монеаи татбиқи принсипи волоияти қонун ва дигар арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд мегардад.

Бояд гуфт, ки бе ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, риояи талаботи қонун ва дарки моҳияти ҳуқуқу уҳдадориҳо аз ҷониби шаҳрвандон ғайриимкон мебошад. Президенти кишвар, ҳамоно дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми апрели соли 2008 ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз ҷумла чунин қайд намудаанд: «Рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад. Барои беҳтар ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ зарурати таҳияву қабул кардани барномаи нави дарозмуддати мукаммал ва ба таври самарабахш татбиқ намудани он ба миён омадааст».

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 28-уми декабри соли 2023 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинобар авҷ гирифтани таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла, зиёд гардидани шумораи ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта, ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва такмил додани қонунгузорӣ диққати махсус зоҳир намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, донистани қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ва истифодаи дурусти онҳо аз ҷониби шаҳрвандон аст.

Маърифати ҳуқуқӣ маҳз аз донистан ва риояи меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории миллӣ сарчашма мегирад. Меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он дарак медиҳад, ки масъалаи маърифати ҳуқуқӣ танҳо аз моҳияти ҳуқуқӣ иборат нест ё худ фақат мазмуни ҳуқуқӣ надорад, балки бо маҷмуи арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои миллию ахлоқӣ оид ба некию накӯкорӣ, шафқату дилсӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, покӣ, адолат ва дигар арзишҳои дар таърихи мавҷудияти миллат исботшуда, робитаи ногусастанӣ дорад.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар муқовимат ба экстремизм, ба самъи тамоми табақаҳои ҷамъиятӣ бо таври дуруст, системавӣ ва манфиатпазир расонидани мазмуну мухтавои Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, Стратегияи миллӣ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021 – 2025 дигар санадҳои меъурии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта дар ин самт махсуб меёбад. Зеро дар онҳо асосҳои назариявӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва идиологии муқовимат ба экстремизм бо таври дақиқ муайян гардидаанд.

Дар ин замина, қайд намудан лозим аст, ки экстремизм барои мардуми тоҷик асосан дар зери ниқоби дин ва сиёсати таҷовузкоронаи бархе аз давлатҳои манфиатҷӯ таҳмил карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, назар андухтан ба пайдоиши мафҳуми экстремизм ва табиати ҳуқуқии он аз манфиат холӣ нест.

Экстремизм (ифротгароӣ) аз калимаи лотинии «exstremus» сарчашма гирифта, маънои «пайравии ақидаву чораҳои шадид, қатъӣ (ниҳоӣ) (асосан дар сиёсат)-ро фарогир аст» [9, с. 942; 15, с. 667; 11, с. 1552; 7, с. 67]. Аммо танҳо сиёсат намуди холиси зуҳурёбии ифротгароӣ нест, зеро зоҳиршавии ифротгароӣ аз рӯйи ангезаҳои миллатгароӣ ва диниву мазҳабӣ низ хеле маъмуланд [8, с. 66-67].

Бинобар дар тӯли таърих омезиш ёфтани ифротгароӣ бо сиёсат, дин, миллатпарастӣ ва нажодпарастӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ кардани онҳо имконнопазир аст. Зеро таснифоти ифротгароӣ аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, миллӣ, нажодӣ ва динӣ-мазҳабӣ шартӣ мебошад ва онҳо ҳеҷ гоҳ дар асл дар намуди «тоза» зоҳир намешаванд [6, с. 14-21].

Аз ин ҷост, ки мафҳуми “экстремизм” (ифротгароӣ) тибқи м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи соли 2020, таҳти № 1655 чунин ифода ёфтааст: «ифротгароӣ ин ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистиест, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст» [4].

Табиати пурратари ифротгароӣ, дар б. 2 м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» зери мафҳуми “фаъолияти экстремистӣ” ифода ёфтааст, ки чунин аст: “Фаъолияти экстремистӣ – фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма ё ташкилотҳои дигар, аз ҷумла, созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд [5].

Тибқи талаботи қ. 5 м. 8 Конститутсия таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Инчунин, мувофиқи муқаррароти қ. 2 м. 30 Конститутсия дар Тоҷикистон таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст [1].

Бояд гуфт, ки бо мақсади муқовимати муташаккилона ба ифротгароии динӣ-мазҳабӣ дар миёни аҳолӣ, маҳдудиятҳои дахлдор ба санадҳои дигари қонунгузорӣ ворид карда шуданд. Аз ҷумла, мутобиқи талаботи м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва воситаҳои ахбори омма», «интишори маълумоти фарогири сирри давлатӣ, иттилооте, ки барои зӯроварона сарнагун кардан ё тағйир додани сохти конститутсионӣ, содиркунии кирдори ҷиноятӣ, барангехтани адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, тарғиби ҷанг, зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, расонидани зарар ба тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлат даъват мекунанд, манъ аст...» [4].

Инчунин, баъзе меъёрҳои маҳдудкунанда дар м. 14-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [3]. м. 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» [2]. ва як қатор қонунҳои соҳавии дигар пешбинӣ карда шудаанд, ки дар доираи онҳо самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба идеологияи ифротгароӣ динӣ-мазҳабӣ низ муайян шудаанд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани ангезаҳои маҳалгароӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва миллатгароӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) кирдорҳои хусусияти экстремистидошта мамнуъ эълон гардида, дар моддаҳои мухталифи он аломатҳои таркибӣ ва андозаву намудҳои ҷазо барои чунин ҷиноятҳо муайян гардидаанд.

Аз ҷумла, дар диспозитсияи моддаи 307(2) КҶ ҶТ (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, моддаҳои 157 (Монеъ шудан ба фаъолияти ташкилоти динӣ), 158 (Монеъ шудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), 160 (Вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ ва пикетгузорӣ), 188 (Бетартибиҳои оммавӣ), 189 (Барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ)), 237 (Авбошӣ), 237(1) (Вандализм), 242 (Несту нобуд кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг), 243 (Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо), марбут дониста шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки моддаҳои 307 КҶ ҶТ (Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон); 307(1) КҶ ҶТ (Даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ)); 307(2) КҶ ҶТ (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ)); 307(3) КҶ ҶТ (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ)); 307(4) КҶ ҶТ (Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремисти-дошта) низ маҳз бо мақсади пешгирӣ намудани ифротгароии динӣ-мазҳабӣ дар КҶ ҶТ муқаррар карда шудаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло зикргардида, ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта моддаҳои 157, 158, 160, 188, 189, 237, 237(1), 242, 243, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ-ро мансуб донистан лозим аст.

Бояд зикр намуд, ки барои паҳн намудани маводди экстремистӣ (китобу маҷалла, наворҳои видеоӣ ва аудиоӣ, варақаву дискҳо ва ғ.) дар моддаи 374 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҲМ ҶТ) ва барои барангехтани кинаву адовати иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ дар 462(1) КҲМ ҶТ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст.

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, ташкилоти экстремистӣ, ташкилоте мебошад, ки фаъолияти он барои содир кардани як ва ё якчанд ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаи дар моддаҳои 157, 158, 160, 188, 189, 237, 237(1), 242, 243, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ пебинишуда ва ё содир намудани дигар кирдорҳои хусусияти экстремистидоштаи дар Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда (масалан, моддаи 374, 462(1) КҲМ ҶТ ва ғ.) равона мебошад ва фаъолияти он барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9-уми марти соли 2024 зикр намуданд, ки тибқи таҳлилҳои коршиносон дур рафтан аз аслу моҳияти дин, дарк накардани арзишҳои инсонпарваронаи он асоси зиёдаравӣ ва баъзан ба хурофоту ифрот дода шудани шаҳрвандон гардида, дар давраи аз соли 2020 то соли 2023 дар кишвар 680 ҳолати ба таълими ғайриқонунии динӣ фаро гирифтани 5000 нафар таълимгиранда ошкор карда шуд ва дар 10 соли охир аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 1320 ҷинояти монеъ шудани волидайн ба гирифтани таҳсилоти миёнаи асосии фарзандон ошкор гардидааст [12]. Аз соли 2010 то моҳи марти соли 2024 зиёда аз 4000 нафар шахсони дар хориҷи кишвар ба таълимоти ғайрирасмии динӣ машғулбуда ба Ватан баргардонида шуданд. Инчунин, дар се соли охир тақрибан 400 нафар шаҳрвандони кишвар ва соли 2023-юм 104 нафар, яъне 29 оила, ки аз занон, наврасон ва тифлони хурдсол иборат буданд, аз Сурия ва Ироқ ба Ватан баргардонида шуданд.

10 соли охир (аз соли 2014 то моҳиуми марти соли 2024) дар мамлакат 6680 ҷинояти дорои хусусияти экстремистиву террористӣ, аз ҷумла 86 амали террористӣ ва сӯиқасд ба он ошкор ва ба қайд гирифта шуда, 11 ҳолати амали террористӣ ва сӯиқасд ба он пешгирӣ гардидааст.

Бояд зикр кард, ки аксари шахсони ба «Давлати исломӣ» ва дигар ташкилотҳои экстремистиву террористӣ шомилшуда пайравони таълимоти «Салафия» буда, намояндагони ин равияи иртиҷоӣ ба мазҳаби ҳанафӣ ва асосгузори он Имом Абӯҳанифа ва дигар мутафаккирони миллати форсу тоҷик назари манфӣ ва ба исмоилия, ки мазҳаби таърихии як қисми аҳолии бумии кишвар мебошад, муносибати хеле хусуматомез доранд.

Аз соли 2015 то соли 2024 зиёда аз 2300 нафар шаҳрвандони кишвар ба равияи мазкур шомил гардида, оид ба ин ҳолатҳо 1945 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Боиси нигаронист, ки баъзе имомхатибон ва ҳатто омӯзгорон пайрави гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ гардида, ғояҳои ифротии онҳоро дар байни намозгузорон ва таълимгирандагон ташвиқу тарғиб менамоянд.

Масалан, сархатибони масҷидҳои ҷомеи марказии шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Гулистон (якнафарӣ), Хуҷанд (2 нафар) ва Конибодом (6 нафар) ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таълими динии хориҷӣ ба ташкилоти экстремистиву террористии «Бародарони мусулмон» шомил шуда, баъди ба Ватан баргаштан ақидаҳои ифротии худро дар байни омма мунтазам паҳн намудаанд. Ҳамчунин, мубаллиғони ин ташкилоти экстремистӣ – чанд нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Арабии Миср бо мақсади дар кишвари мо ба таври пинҳонӣ роҳандозӣ намудани фаъолияти худ ба Донишгоҳи миллӣ ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба ҳайси омӯзгор, инчунин, ба Академияи миллии илмҳо ҳамчун корманд ба кор даромада, бо баҳонаи ба гурӯҳи ҷавонон додани таълими динӣ ақидаҳои экстремистии худро ба онҳо талқин намуда, 124 нафарро ба ташкилоти экстремистиву террористии «Бародарони мусулмон» ҷалб кардаанд [12].

Солҳои охир аз ҷониби баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди

дигар кишварҳои ҷаҳон амалҳои мудҳиши террористӣ содир шуда, ин кирдори ғайриинсонии онҳо ба обрӯи давлати тоҷикон ва миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ иснод оварда истодааст.

Тибқи маълумоти мавҷуда дар се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон таркондани худ даст задаанд. Ҳол он, ки худкушӣ на ҷиҳод, балки гуноҳи азим ва хилофи таълимоту талаботи дини мубини ислом мебошад. Дар сураи «Бақара»-и Қуръони маҷид, ояти 95-ум омадааст, ки «хештанро бо дастҳои худ ба ҳалокат наафканед». Ин амалҳо аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатҷӯй ва хадамоти махсуси баъзе кишварҳо тархрезӣ мешаванд ва онҳо аз бемаърифативу бетаҷрибагӣ ва ноогоҳии баъзе ҷавонони мо истифода мекунанд [12].

Чунин раванд, аз хеле манфиатпазир будани иқдоми навбарии Сарвари давлат дар роҳи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 шаҳодат медиҳад. Зеро аксарияти ашхосе, ки ба гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ шомил мегарданд, бинобар надоштани маърифати зарурии ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ динӣ ба тарғибу ташвиқи таҳрифшудаи динӣ машғул мешаванд. Инчунин, таълими ғайриқонунии динӣ дар бисёр ҳолатҳо боиси дар шуури таълимгиранда ташаккул ёфтани таассуби динӣ ва минбаъд даст задани ӯ ба амалҳои экстремистиву террористӣ мегардад.

Бояд зикр намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9-уми марти соли 2024 иброз намуданд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ 17 маротиба санадҳои авф қабул гардида, зиёда аз 170 ҳазор нафар ҷинояткорон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод карда шудаанд.

Илова бар ин, бо иқдоми башардӯстонаи роҳбарияти мамлакат ба қонунгузории ҷиноятӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, муқаррар гардид, ки дар сурати ихтиёран даст кашидани шаҳрвандон аз иштирок дар фаъолияти гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ, инчунин, қатъ кардани иштироки минбаъда дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди дигар кишварҳо онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд.

Бо истифода аз ин имконият дар даҳ соли охир 1640 нафар ба Ватан баргаштанд ва парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба онҳо қатъ карда шуданд.

Танҳо соли 2023-юм 328 ва дар ду моҳи соли ҷорӣ 140 нафар шаҳрвандон аз ин имконият истифода кардаанд. Аммо ҳоло 4075 нафар шаҳрвандони кишвар барои содир намудани амалҳои экстремистиву террористӣ дар кофтуков қарор доранд.

Вобаста ба ин, Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор гардиданд, ки корро дар самти ба Ватан баргардонидани онҳо, инчунин, бо ҷойи корӣ таъмин намудани чунин шахсон ва шаҳрвандони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда ба таври қатъӣ ҷоннок намоянд. Барои дар назди Прокуратураи генералӣ ташкил намудани ситод оид ба баррасии муроҷиатҳои шахсони барои содир намудани амалҳои экстремистиву террористӣ дар кофтуков қарордошта дастур доданд.

Маҳз чунин иқдомоти инсондӯстонаи Сарвари давлат барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм тамоми мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро шароити мусоид фароҳам меорад [12].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз надоштани маърифати комили динӣ ва ҳуқуқии бархе аз шаҳрвандон вобаста ба риоя накардани талаботи каломи Раббонӣ оид ба ҳаҷ рафтани бархе ҷавонони ноогоҳ изҳорӣ нигаронӣ намуда, таъкид сохтанд, ки танҳо соли 2023-юм 63 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвар маросими ҳаҷ ва умраро адо

кардаанд ва маблағи ба ҳисоби миёна харҷнамудаи онҳо ба беш аз 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ баробар шудааст [12].

Пешвои муаззмаи миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як нуктаи хеле муҳимро ёдрас намуданд: «Дар шароите, ки мо хонаи обод надорем, макони зистамон ба талабот ҷавобгӯ нест, фарзандонамон ба сарулибос, китобу дафтар ва дигар ҷиҳози хониш эҳтиёҷ доранд, ба падару модари худ хизмат карда, дили онҳоро аз худ шод накардаем, аз вазъи наздикони худ огоҳ нестем, зиёрати мо ба талаботи ислом ҷавобгӯ нахоҳад буд». Зеро дар Қуръони карим зикр мешавад, ки «Аллоҳ ҳеҷ касро аз тавоноияш зиёдтар вазифадор наменамояд».

Қайд карда шуд, ки ҳаҷ низ чун намоз як василаи парҳезгориву тавба кардан аст, ки инсонро ба сарфаю сариштакорӣ ва инсони комил будан ҳидоят мекунад. Зеро Худованд парҳезкориро дӯст медорад. Аммо маънои парҳезгорӣ танҳо бо нахӯрдани таом маҳдуд намегардад, балки худдорӣ аз ҳама гуна корҳои зишту нораво, исрофкорию зиёдаравӣ, хурофоту таассуб ва монанди инҳо мебошад.

Роҳбари давлат ба тамоми ниҳодҳои тафаккурсози давлатӣ ва мақомоти ҳифзиҳуқуқии кишвар дар самти муқовимат ба хуруфотпарастӣ, баланд бардоштани худшиносиву меҳанпарастӣ ва баланд бардоштани таълиму тарбияти насли наврас, ки ҷавҳари асосии муқовимат ба ифротгароиро ташкил медиҳанд, ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, сохторҳои маҳаллии вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кумитаҳои ҷавонону варзиш, занон ва оила, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, дигар сохторҳои марбутаи давлатию ҷамъиятӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо дастур доданд, ки пешбурди фаъолияти мафкурасозиро дар самти муқовимат ба идеология ва амалҳои экстремистӣ ва террористӣ дар сафи аввал гузоранд.

Инчунин, бо мақсади боз ҳам муташаккилу манфиатпазир гардонидани сиёсати давлатӣ дар самти озодии виҷдон ва эътиқодҳои динӣ, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, муқовимат ба хурофотпарастиву бегонапарастӣ, аз ҷумла идеологияи экстремистии динӣ-мазҳабӣ дастур доданд, ки бо дарназардошти таҷрибаи дар ин самт андӯхташуда, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар таҳрири нав қабул карда шаванд.

Албатта, чунин иқдоми Сарвари давлат дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар муқовимат ба хурофот ва бегонапарастӣ, ки сарчашмаи экстремизм ва терроризм мебошанд, дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро Қонуни ҶТ«Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», дар танзими рӯзгори мардум, аз байн бурдани хурофотпарастӣ, расму ойинҳои сунъӣ ва серхарҷ нақши калидӣ дорад ва дар асоси назарсанҷии сокинони мамлакат, аҳкоми шариат, маслиҳат ва машварати уламои маъруфи кишвар қабул шуда буд. Риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар сатҳи баланд тақозо менамояд, зеро аз соли 2016 то имрӯз барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур 19 ҳазору 480 нафар, аз ҷумла 1170 нафар омӯзгорон ва 18 ҳазору 310 нафар падару модарон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ шакл ва воситаҳои гуногуни маърифатикунонии ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст. Аз ҷумла, шакли мукаммали воситаҳои маърифатикунонии ҳуқуқӣ муассисаҳои илмӣ, таълимӣ, донишгоҳҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ, рӯзнома, радио, телевизион, адабиёт, санъат, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти иҷтимоӣ, ташкилотҳои динӣ ва ғайра эътироф гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки паёмҳо ва мулоқотҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон ва ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидоштаи аз ҷониби онҳо тасдиқгардида, барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсии шаҳрвандон дар меҳвари манфиатҳои миллии миллати тамаддунофари тоҷик хеле муҳим арзёбӣ мегарданд ва дар амал татбиқ намудани онҳо барои рушди босуботи кишвар ва ҳар як хонадони тоҷик ва тоҷикистонӣ нигаронида шудаанд.

Масалан, тибқи талаботи боби 3 (Баланд бардоштани нақши низоми маориф ва сиёсати ҷавонон дар пешгирии экстремизм) зербанди 3 банди 11, зербандҳои 1, 2 банди 13 Нақшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021, № 187 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ворид намудани стандартҳои нави таълимӣ ва методикаи дарсдиҳӣ вобаста ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар тамоми зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла, мактабҳои олӣ пешбинӣ гардидааст, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ масъули иҷроиши талаботи зикргардида мебошанд.

Бо дарназардошти фикру ақидаҳои зикргардида, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм чунин хулосаву пешниҳодҳоро манфиатпазир мепиндорем:

1. Барои дарки воқеии мазмуну муҳтавои қонунгузории амалкунанда дар муқовимат ба экстремизм, ки аз Конститутсия сарчашма мегиранд ва бо дарназардошти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳванд, манфиатҳои ҷомеа ва давлат қабул гардидаанд, нақши таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот, ташвиқу тарғиби мазмуну моҳияти онҳо бо таври бонизом ва муташаккилона дар доираҳои илмӣ аз ҷониби ниҳодҳои тафаккурсози давлатӣ, васоити ахбори омма ва табақаҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

2. Таҳлили вазъи кунунӣ вобаста ба маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсии шаҳрвандон дар даҳсоли охир собит месозад, ки новобаста аз муваффақиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат ба экстремизм дар минтақа ва аз ҷониби ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ ҳамчун яке аз давлатҳои амнтарини дунё эътироф гардидани он, ҳамоно таҳдиду хатарҳои экстремизми динӣ-мазҳабӣ ба амнияту суботи кишвар мавҷуд аст ва яке самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар муқовимат ба ин раванди номатлуб, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ-динии шаҳрвандон маҳсуб меёбад.

3. Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти муқовимат ба экстремизм тамоми сохторҳои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, кумитаҳои кор бо ҷавонон, дин, иттиҳодияҳои динӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ мувоззаф карда шудаанд, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дигар тарзу усулҳои муассири пешгирӣ кардани хурофотпарастӣ ва вайронкунии маҳдудиятҳои бо қонун муқарраршударо роҳандозӣ карда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон тадбирҳои муассир андешанд ва танҳо тавассути волоияти қонун ҷиҳати расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон мусоидат намоянд.

4. Бо мақсади боз ҳам муташаккилу манфиатпазир гардонидани сиёсати давлатӣ дар самти озодии виҷдон ва эътиқодҳои динӣ, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, муқовимат ба хурофотпарасиву бегонапарастӣ таҷдиди назар кардани талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои муосир тақозо замон буда, дар баробари дигар қонунгузории зиддиэкстремистӣ бо таври мунтазам ва системанок тарғибу ташвиқ намудани талаботи қонунҳои мазкур яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ арзёбӣ мегардад.

5. Дар доираи қонунгузории зиддиэкстремистӣ мукаммал сохтани асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ниҳодҳои тафаккурсози давлатӣ, ки тибқи қонунгузории амалкунанда субъектони ба экстремизм муқовиматкунанда эътироф шудаанд, муайян намудани вазифа ва функсияҳои онҳо дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар муқовимат ба экстремизм чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ганч, 2016. – 134 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» аз 13-уми ноябри с. 1998, № 680 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 300, с. 2015, №7-9, мод.699; с. 2019, №7, мод. 472.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12-уми майи с. 2007, № 258 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 5, мод. 363; с. 2008, № 3, мод. 202; с. 2010, №7, мод. 554; с. 2013, №3, мод. 202; с. 2015, №7-9, мод.700; №11, мод.963; с. 2019, №1, мод.22; с. 2021, № 6, мод.398.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва воситаҳои ахбори омма» аз 19-уми марти с. 2013, № 961 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, № 3, мод. 201., с. 2016, № 5 мод. 365 (Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 № 1314, аз 24.02.2017 № 1407).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи с. 2020, № 1655 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2020, №1, м. 2.
6. Верховский А., Папп, А., Прибылявский, В. Политический экстремизм в России: общественно-политическая литература / А. Верховский, А. Папп, В. Прибылявский. – М.: Ин-т экспериментальной социологии, 1996. – С. 14-21.
7. Малая энциклопедия современных знаний: в 2 т. / сост. В.А. Менделев. – М.: АСТ, Торсинг. Серия Уходящее тысячелетие. Т. 1. – 2-е изд., перераб, 2000. – 480 с.
8. Мартыненко, Б.К. Политический терроризм: понятие, признаки, классификация / Б.К. Мартыненко // Северокавказский юридический вестник. – 1999. – № 7. – С. 66–74.
9. Ожегов, С.И., Шведова, Н.Ю. Толковый словарь русского языка / РАН: Институт русского языка: Российский фонд культуры. – М.: Азъ, 1993. – 960 с.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28-уми декабри с. 2023 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 23.03.2024).
11. Советский энциклопедический словарь / научно-редакционный совет: А.М. Прохоров (пред.). – М.: «Советская энциклопедия», 1981. – 1619 с.
12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 9-уми марти соли 2024 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: www.president.tj/node /13739 (санаи муроҷиат: 9.03.2024 с.).
13. Тавзеҳот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30-юми декабри соли 2023, № 668 // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/32201 (санаи муроҷиат: 31.12.2023).
14. Тоҳиров, Ф.Т. Ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон / Ф.Т. Тоҳиров // Маводҳои конфронси умумиҷумҳуриявӣ илмию амалӣ. – Душанбе, 2005. – С. 27-32.
15. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ. 2 / дар зери таҳрири С. Назарзода [ва диг.]. – Машҳад-Душанбе: ҶДММ «Ксероксленд» бо ҳамкории интишороти «Сухангустар», 2008. – 943 с.

**References**

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6. In 1994, it was adopted in a national referendum. September 26 1999, June 22. 2003 and May 22. In 2016, changes and additions were made to it through a national referendum. – Dushanbe: Ganj, 2016. – 134 p.

2. The Law of the Republic of Tajikistan “On Political Parties” dated November 13. 1998, No. 680 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, p. 1998, No. 22, art. 300, p. 2015, No. 7-9, art. 699; s. 2019, No. 7, art. 472.

3. The Law of the Republic of Tajikistan “On Public Unions” dated May 12. 2007, No. 258 // News of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, p. 2007, No. 5, art. 363; s. 2008, No. 3, art. 202; s. 2010, No. 7, art. 554; s. 2013, No. 3, art. 202; s. 2015, No. 7-9, art.700; No. 11, art.963; s. 2019, No. 1, art.22; s. 2021, No. 6, art.398.

4. Law of the Republic of Tajikistan “On Periodical Press and Mass Media” dated March 19, 2013, No. 961 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2003, No. 3, art. 201., p. 2016, No. 5 art. 365 (Law of RT dated 14.05.2016 No. 1314, dated 24.02.2017 No. 1407).

5. Law of the Republic of Tajikistan “On Combating Extremism” dated January 2, 2020, No. 1655 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2020, No. 1, art. 2.

6. Verkhovsky A., Papp, A., Pribylyavsky, V. Political extremism in Russia: socio-political literature / A. Verkhovsky, A. Papp, V. Pribylyavsky. - M.: Institute of Experimental Sociology, 1996. - Pp. 14-21.

7. Small encyclopedia of modern knowledge: in 2 volumes / compiled by V.A. Mendelev. –M.: AST, Torsing. Series The Outgoing Millennium. V. 1. – 2nd ed., revised, 2000. – 480 p.

8. Martynenko, B.K. Political terrorism: concept, features, classification / B.K. Martynenko // North Caucasian Legal Bulletin. – 1999. – No. 7. – Pp. 66-74.

9. Ozhegov, S.I., Shvedova, N.Yu. Explanatory Dictionary of the Russian Language / RAS: Institute of the Russian Language: Russian Cultural Foundation. – M.: Az, 1993. – 960 p.

10. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon, “On the main directions of the internal and foreign policy of the republic”, December 28. 2023 // [Electronic source] – Access mode: http://www.president.tj/node/32191 (access date: 23.03.2024).

11. Soviet Encyclopedic Dictionary / scientific editorial board: A.M. Prokhorov (prev.). – M.: “Soviet Encyclopedia”, 1981. – 1619 p.

12. Speech of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Leader of the Nation Emomali Rahman at a meeting with activists, community representatives and religious leaders of the country on March 9, 2024 // [Electronic source]. – Login mode: www.president.tj/node/13739 (date of application: 9.03.2024 p.).

13. Explanation to the Decree of the President of the Republic of Tajikistan "On Proclaiming 2024 as the "Year of Legal Education" dated December 30, 2023, No. 668 // [Electronic resource] - Access source: http://president.tj/node/32201 (date of application: 31.12.2023).

14. Tahirov, F.T. Formation of political culture of youth / F.T. Tahirov // Materials of the all-republic scientific and practical conference. – Dushanbe, 2005. – Pp. 27-32.

15. Tajik language interpretation culture. It consists of 2 volumes. J. 2 / edited by S. Nazarzoda [and others]. – Mashhad-Dushanbe: LLC “Xeroxland” in cooperation with “Sukhangustar” publishing house, 2008. – 943 p.

**ТДУ 343.2/.7**

# МАНСУР МУЛЛОЕВ - АСОСГУЗОРИ ИЛМИ ВАТАНИИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

# МАНСУР МУЛЛОЕВ - ОСНОВОПОЛОЖНИК ОТЕЧЕСТВЕННОЙ НАУКИ УГОЛОВНОГО ПРАВА

# MANSUR MULLOEV - THE FOUNDER OF THE DOMESTIC SCIENCE OF CRIMINAL LAW



Солиев К.Х.
Soliev K.Kh.
*Мушовири вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия*
*Советник министра внутренних дел Республики Таджикистан, Заслуженный юрист Таджикистана, кандидат юридических наук, доцент, генерал-майор милиции*
*Advisor to the Minister of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Honored Lawyer of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Major General of of militia*
e-mail: karsol7@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (5.1.4. Илмҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ).
*Научная специальность:* 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право (5.1.4. Уголовно-правовые науки).
*Scientific specialty:* 12.00.08 - Criminal law and criminology; penal law (5.1.4. Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда*: Сафарзода Ҳ.С. – профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия.
*Рецензент*: Сафарзода Х.С. – профессор кафедры предупреждения террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции
*Reviewer*: Safarzoda H.S. – Professor of the Department of Prevention of Terrorist Crimes and Public Safety of Faculty No. 6 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor, Colonel of militia

*Аннотатсия:* Мақола ба яке аз асосгузори ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мансур Муллоевич Муллоев, ки садсолагии ӯ дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил мегардад, бахшида шудааст. Саҳми бузурги олим дар ташаккул ва рушди қонуни ҷиноятӣ таъкид шуда, аҳаммияти корҳои илмии М.М. Мансуров дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, нуктаҳои алоқаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дигар илмҳо, ва пеш аз ҳама, мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология қайд карда шудааст. Муаллиф корҳои илмиро таҳлил намуда, маълумот дар шакли шарҳи роҳи илм ва дастовардҳои илмии профессор М. Муллоев пешниҳод кард.
*Вожаҳои калидӣ:* профессор М.М. Муллоев, ҳуқуқи ҷиноятӣ, илм, устод, фаъолияти омӯзгорӣ, корҳои илмӣ, назария, фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ.

*Аннотация:* Статья посвящена одному из основателей отечественного уголовного права – доктору юридических наук, профессору, участнику Великой Отечественной Войны Муллоеву Мансуру Муллоевичу, чей столетний юбилей будет отмечаться на международном уровне. Подчеркивается большой вклад ученого в становление и развитие уголовного права, подчеркивается значение научных трудов М.М. Мансурова в теории уголовного права и правоприменительной деятельности, точки соприкосновения уголовного права с другими науками и, прежде всего, уголовного процесса, уголовно-исполнительного права, криминологии. Автором проведен анализ научных публикаций, представлена информация в виде обзора научного пути и научных достижениях профессора М.М. Муллоева.

*Ключевые слова:* профессор М.М. Муллоев, уголовное право, наука, учитель, преподавательская деятельность, научные труды, теория, правоприменительная деятельность.

*Annotation*: The article is dedicated to one of the founders of domestic criminal law - Doctor of Law, Professor, participant of the Great Patriotic War Mulloev Mansur Mulloevich, whose centenary was celebrated at the international level. The great contribution of the scientist to the formation and development of criminal law is emphasized, the importance of scientific works of M.M. Mansurov in the theory of criminal law and law enforcement activities, the points of contact of criminal law with other sciences and, above all, criminal procedure, criminal-executive law, criminology is emphasized. The author analyzed scientific publications, presented information in the form of an overview of the scientific path and scientific achievements of Professor M.M. Mulloev.

*Key words:* Professor M.M. Mulloev, criminal law, science, teacher, teaching activities, scientific works, theory, law enforcement activities.

Омӯзгор на танҳо касест, ки дари хираду фаҳм ва фаросату идрокро боз менамояд, балки раҳи дониш, савод ва маърифатро равшану мунаввар намуда, мардумро барои ҷустуҷӯи ҳақиқат ҳидоят ва илҳом мебахшад.

Соли равон мо ҷашни 100-солагии олими бузурги муосир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (минбаъд – ДДТ), омӯзгори барҷастаи тоҷик Муллоев Мансур Муллоевичро қайд менамоем.

Сатҳи баланди касбият ва қобилият оид ба таҷдиду навсозии ғояю мафкураҳо, фазилат ва пурдонии дурахшону тобон, фарохии назар, хушзеҳнӣ ба навгониҳо, истеъдоди тадқиқотчӣ ва ҳамзамон, маҳфуз доштани таҷриба ва анъанаҳое, ки илми тоҷик андӯхтааст – ин аст он сифатҳое, ки Муллоев Мансур Муллоевичро чун олим ва омӯзгори барҷаста тавсиф менамоянд. Саҳми ӯ дар рушди илм ва таҳсилот дар Тоҷикистон бебаҳо буда, осори илмиаш то ҳол чун асос барои тадқиқоти таърихӣ хизмат мекунад ва намунаи масъулиятнокӣ ва фидокорӣ дар ҷодаи фаъолияти корӣ мебошад.

Лексияҳои Мансур Муллоевич барои шогирдонаш ҷозибаи бениҳоят ғайриоддӣ дошт, ва сабаби онро мо маҳз айни замон дарк карда истодаем. Устод - намунаи воқеии мардонагӣ, ҷасорат, далерӣ, бомаърифатӣ ва садоқату вафодорӣ ба принсипҳо буда, ҳам дар синфхона ва ҳам дар ҳаёт ба шогирдони худ на фақат дониш пешниҳод менамуд, балки дар онҳо мавқеи шаҳрвандӣ, масъулиятнокӣ, саховатмандона бо дигарон ба ҳам дидани донишҳо ва таҷрибаи худ тарбия менамуд.

Чи тавре маълум аст, илм қувваи бањаракатоваранда ва пешбарандаи асосии тараќќиёт маҳсуб мегардад. Илм захираи муҳимтарини рушди иқтисодиёти миллӣ, тиб, маориф, соҳаи иҷтимоиёт ва ғайра ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, аз дастовардҳои олимон на танҳо рушди иқтисодиёт, балки сифатнокии ҳаёти миллионҳо одамон бевосита вобастагӣ дорад. Ва имрӯз олимони тоҷик анъанаҳои пуршараф ва номдорро давом дода истодаанд. Онҳо самтҳои илмии афзалиятнок ва

ояндадорро инкишоф медиҳанд, технологияҳои навинро коркард ва ихтироъ менамоянд, шогирдонро тайёр мекунанд.

Дар ҳар вақту замон пешрафти ҷамъиятро хирадмандони он, арбобони барҷастаи илм таъмин мекарданд. Таърих гувоҳ аст, ки ҳар як халқ, миллат, ҷамъият ва билохира давлат бо номи чунин пешсафони худ, ки дар ташаккул ва пешрафти илму фарҳанг ҳиссаи беназири худро гузоштаанд, дар назди ҷаҳониён обрӯю эътибор пайдо кардааст.

Масалан, дар 70 соли охир дар кишварамон мактабҳои гуногуни илмӣ, марказҳои калони илмӣ ташаккул ёфтанд, ки ифтихори миллии мо мебошад.

Аз ҷумла, дар соҳаҳои донишҳои табиӣ, илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ тадқиқоти олимони ватанӣ хеле беназир аст. Олимони ватании мо асосгузори самтҳои нави илмӣ, ташаккули мактабҳои илмӣ гаштаанд. Онҳо тараққӣ, пешрафт, афзоиш, шуҳрат ва сатҳи ҷаҳонии илми ватаниро таъмин кардаанд, ки бо номи онҳо ҳар як шаҳрванд ва ватандӯсти кишвар ифтихор менамояд.

Басанда аст, ки баъзеи онҳоро номбар кунем. Академик С.У. Умаров, ки соҳаи илмҳои табииро ба сатҳи нав баровард [23]. Академикон А.М. Баҳоваддинов [4], М.С. Осимӣ [2], М.Д. Диноршоев [6] мактаби фалсафии ватаниро бунёд кардаанд, ки бо тадқиқоти таърихи фалсафа ва афкори ҷамъиятии халқҳои Шарқ алоқаманданд.

Академикон А.Д. Ҷӯраев [5], З.Д. Усманов [24], ки асосгузорони мактабҳои илмии математикаи ватанӣ (тоҷикӣ) буда, дастовардҳо ва муваффақиятҳои онҳо аз ҷониби ҷаҳониён эътироф гардидааст ва пазируфта шудааст.

Академик П.Б. Бобоҷонов, ки мактаби илмии омӯзиши ҷисмҳои хурди системаи Офтобӣ (аз ҷумла, кометаҳо, метеорҳо, радифҳои сунъии Замин), галактикаҳо ва ғайраҳоро бунёд кардааст. Мо фахр мекунем, ки ба номи ин марди бообрӯманди Тоҷикистон яке аз ситораҳои ихироъкардааш номгузорӣ шудааст [3].

Академикон И.У. Нуманов [21], К.Х. Ҳайдаров [26] дар инкишофи назария ва татбиқи амалии химияи органикӣ ҳиссаи беҳамто гузоштаанд.

Академикон Ю.С. Носиров [19], Ҳ.Ҳ. Каримов [7], П.Д. Усмонов [25] дар инкишофи биологияи эксперименталии растаниҳо нақши бузург гузоштаанд.

Дар самти сейсмология тадқиқотҳои академик С.Х. Неъматуллоев ин самти илмро ба қатори илмҳои пешрафти ҷаҳонӣ табдил дод [20].

Академикон К.Т. Тоҷиев [22] ва Ҳ.Ҳ. Мансуров [8] дар инкишофи илми тиб нақши беназир гузоштаанд. Академик Ҳ.Ҳ. Мансуров ба бунёди Институти гастроэнтерология асос гузошт.

Академик Г.А. Алиев зот ва насли нави гӯсфандро баровард, ки номи «тоҷикӣ»-ро гирифтааст [1].

Дар баробари таҳқиқоти беназир дар соҳаи донишҳои табиӣ-илмӣ, инчунин, дар Тоҷикистон дар соҳаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ низ корҳои бузург амалӣ гардидаанд. Академикон Б. Ғафуров, З.Ш. Раҷабов, Б.И. Искандаров, Н.Н. Неъматов, А.М. Мухторов, Р.М. Масов дар таҳқиқоти таърихӣ ҳиссаи бузург гузоштаанд.

Дар соҳаи таҳқиқи проблемаҳои давлат ва ҳуқуқ таҷрибаи хеле бой ва муфид ҷамъоварӣ карда шудааст, ки дар он нақши академикон С.А. Раҷабов, Ф.Т. Тоҳиров, профессор Р.Ш. Сотиволдиев ва ғайраҳо арзанда мебошад.

Дар ин самт мо ифтихор менамоем, ки асосгузори илми умумишӯравии «Виктимология» Л.В. Франк мебошад, ки дар факултети ҳуқуқшиносии ДДТ ба номи В.И. Ленин фаъолият мекард.

Бояд қайд намуд, ки дар самти илм ва фанҳои гурӯҳи ҷиноятӣ олимони кишвар низ ҳиссаи беандоза муҳимми худро гузоштаанд. Дар ин ҷо сухан дар бораи қонунгузории ҷиноятӣ ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ меравад, ки он амалан ба илми инкишофёфта табдил ёфта буд ва дар муассисаҳои таҳсилоти таълимии самти ҳуқуқшиносӣ омӯзонида мешуд.

Дар ин ҷода, қайд карданием, ки дар самти илмҳои соҳавӣ, аз ҷумла, ҳуқуқи ҷиноятӣ, нақши Муллоев Мансур Муллоевич бениҳоят арзишманд мебошад. Ӯ дар натиҷаи фаъолияти илмии худ назарияи

муосири ватании ҳуқуқи ҷиноятиро коркард намуда, онро бунёд кардааст ва мактаби илмии худро ташаккул додааст. Ва ҳақ аст, ки ӯро чун асосгузори илм ва фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар кишварамон ҳисобем. Барои чунин хулосабарорӣ асосҳои кофӣ вуҷуд доранд [10].

Аз ин ҷост, ки ман аз номи кулли ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳаққиқони он икдоми пешгирифтаи олимони кишварро ҷиҳати дар назди олами олимони кишвар ва мутахассисони соҳавӣ қайд намудани ҷашни Устоди меҳрубони мо - Муллоев Мансур Муллоевичро бо самимият дастгирӣ намуда, ибрози ақида менамоем, ки дар ҳақиқат саривақтӣ будани ин чорабинӣ аён аст.

Дар кишвари мо назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таъмини илмии фаъолияти мақомоти тафтишотию судӣ аз ҷониби ӯ ба роҳ монда шуда буд. Олим - Муллоев Мансур Муллоевич чун мутахассиси соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва чун муҳаққиқу тадқиқотчӣ аввалин шуда, системаи ақидаҳои илмиии ҳуқуқи ҷиноятии ватаниро дар Тоҷикистон бунёд намуд [15; 16].

Дар зиёда аз 50 соли фаъолияти илмиаш устод Муллоев Мансур Муллоевич мактаби илмии худро ташаккул дод. Ӯ чунин системаи ақидаҳои илмиро бунёд намуд, ки олами илмии соҳавӣ ин ақидаҳоро тарафдорӣ ва дастгирӣ кард.

Боиси қайд аст, ки дар таърихи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ Муллоев Мансур Муллоевич аввалин шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки соли дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ бо шрифти 12.00.08. тадқиқоти диссертатсионии худро ҳимоя кардааст [11; 12]. Ӯ ба ин самти тадқиқоти илмӣ ифтитоҳ гузоштааст ва айни замон шогирдони ӯ тадқиқоти худро вобаста ба назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи он давом дода истодаанд.

Мансур Муллоев дар самти илм ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар байни мутахассисон чун пешво, пешсаф (авангард, лидер) эътироф шудааст. Ва ташаккулёбии мактаби илмии ӯ зери таъсири нуфузу эътибор ва обрӯи ӯ ба миён омадааст.

Дар ин маврид фазилату пурдонии ӯ, доираи шавқу ҳаваси ӯ, завқу рағбати ӯ ва тарзу услуби корбарии ӯ барои ҷалб намудани ҳавасмандони нав аҳаммияти аввалиндараҷа бозидааст.

Бинобар ин, бесабаб нест, ки дар солҳои охир як зумра тадқиқотчиёни ҷавони кишвар бо таҳқиқи илмии паҳлӯҳҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ машғул шуда истодаанд.

Ин боз як далели он аст, ки нақши пешсаф дар илм бузург аст.

М.М. Муллоев маҳз бо меҳнатҳои шабонарӯзиаш на танҳо пешсафи умумэътирофшудаи самти ҳуқуқи ҷиноятӣ гаштааст, балки ӯ нерӯбахши фикру ақидаҳои илмӣ, сарчашмаи руҳафзо ва ҷонбахш гардидааст, ки аз он дигар олимони соҳавии кишвар маншаъ мегиранд.

Ба қалами Мансур Муллоев садҳо китобҳо, мақолаҳои илмӣ, дастурҳои методӣ-таълимӣ мансубанд [14; 18].

Ӯ ҳамчун мутахассиси соҳибтаҷриба дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки берун аз он низ эътироф гаштааст ва мунтазам дар маҷаллаҳои кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва баъдан дар хориҷа дастовардҳои илмии ӯ ба чоп мерасиданд.

Аз ҷумла, ӯ дар маҷаллаҳои даврии илмӣ-амалии бонуфузи миқёси ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ (Социалистическая законность», «Советская юстиция», «Правоведение» ва ғайра), ки дар он масъалаҳои назариявию амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлилу баррасӣ мегардиданд, доимо мақолаҳои илмӣ бахшида ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ, тарзу усулҳои муосири мубориза бо ҷиноятқорӣ, профилактикаи ҷиноятҳо ва ғайра нашр менамуд.

Дар бораи аз ҷониби Устод нашр ва пешкаш намудани Тафсири Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистони соли қабули 1961 сухан ронда, гуфтанием, ки он аввалин китоби дуҷилда буд, ки нахустин маротиба ба забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон таҳия гардид, ва он барои олимон, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муфаттишон, прокуророн, судяҳо, адвокатон ва кулли ҳавасмандони соҳа на танҳо ба сифати китоби дарсӣ, балки китоби рӯимизии онҳо табдил ёфта буд. Ақидаҳои илмӣ ва назариявии он то ҳол дорои ғояҳои муфид

буда, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тадқиқоти муҳаққиқон васеъ истифода бурда мешаванд ва барои беҳтар намудани тайёрии касбии мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ нигаронида шудаанд. Дигар арзиши китоби мазкур дар он инъикос мегардад, ки китоб дар шакли ниҳоят содда ва оммафаҳм, бо забони равону шеваи тоҷикӣ таълиф гардидааст [13; 16].

Дар китоб маводди калонҳаҷм ҷамъоварӣ шудааст, ки лаҳзаҳои ташаккул ёфтани ҳуқуқи ҷиноятиро дар ҳудуди Тоҷикистон дар бар гирифтааст ва он барои рушду камоли назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҷумҳурӣ имкон фароҳам овардааст.

Бояд таъкид намуд, ки ин китоб барои таҳкими маҳзани ҳуқуқии амалигардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгирии ҷиноятҳо ва ғайра мусоидат намудааст.

Дар китоб ҳамаи масъалаҳое, ки бо моҳияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятие, ки вобаста ба содир намудани ҷиноят алоқаманд аст, баррасӣ шудаанд.

Соли равон мо на танҳо ҷашни 100 солагии олими барҷастаро, балки имконияти мафтун шудан ва ҳамзамон фахр кардан бо мероси ӯ, ки дар вуҷуди ҳар як муҳаққиқ, ҳар як донишҷӯй мавҷуд аст ва касби пурифтихори Устодро идома медиҳад, қайд карда истодаем. Муллоев Мансур Муллоевич аз қабили он инсонҳоест, ки ҷаҳонро беҳтар мегардонанд, ва сарчашмаи илҳому руҳбаландӣ барои он касоне мебошад, ки дониш, савод, илму маърифатро қадр мекунанд ва суботкорию устуворӣ, эътиқоду эътимодро ба қувваҳои худ дар роҳи ба даст овардани муваффақияту комёбӣ нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, Муллоев Мансур Муллоевич дар воқеъ, ифтихори илми ватании ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад.

**Адабиёти истифодашуда**


1. Алиев, Г.А. Биологические основы содержания овец в условиях жаркого климата / отв. ред. Р.Г. Мустакимов. – Душанбе: Дониш, 1991. – 319 с.
2. Асимов, О.С. Понятие материи и проблема физической реальности: Доклад по опубл. работам на соискание учен. степени д-ра филос. наук / О.С. Асимов. – М.: 1970. – 61 с.
3. Бободжанов, П.Б. Исследование скоростей извержения вещества из ядер комет: (К вопросу о происхождении метеорных потоков). – Сталинабад: Изд-во Акад. наук Таджик. ССР, 1955. – 71 с.
4. Богоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1961. –332 с.
5. Джураев, А.Д. Метод сингулярных интегральных уравнений. – М.: Наука, 1987. – 415 с.
6. Диноршрев, М.Д. Натурфилософия Ибн Сины / Отв. ред. М. С. Асимов. – Душанбе: Дониш, 1985. – 255 с.
7. Каримов, Х.Х. Физиолого-биохимические и молекулярно-генетические аспекты продукционного процесса хлопчатника». – Душанбе, 2013. – 283 с.
8. Мансуров, Х.Х. Портальная гипертония: монография. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1963. – 88 с.
9. Муллаев, М.М. Борьба с преступностью в Таджикской ССР (в период завершения строительства социализма) / Муллаев М.М. – Душанбе, 1972. – 155 с.
10. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР / под ред. проф. Б. С. Утевского. – Сталинабад: Министерство просвещения Таджикской ССР, Таджикский гос. ун-т им. В. И. Ленина, 1960. – 159 с.
11. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР в первой главной фазе развития Советского государства (до издания УК Таджикской ССР 1935 г).: дис…канд. юрид. наук: 12.00.01 / Мансур Муллоевич Муллоев. – М., 1958. – 160 с.
12. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР: дис… док. юрид. наук: 12.00.01 / Мансур Муллаевич Муллаев. –Душанбе, 1968. – 606 с.
13. Муллаев, М.М. Комментарий Уголовного кодекса Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе: Ирфон, 1988. – 426 с.

14. Муллаев, М.М. Преступления против социалистической собственности: научно-практический комментарий действующего уголовного законодательства Таджикской ССР: практическое пособие / под ред. Е.А. Андрусенко. – Душанбе: Таджикский университет, 1979. – 59 с.

15. Муллоев, М.М. Октябрьская революция и создание советского уголовного права в Таджикской ССР // Вопросы государственного строительства, права и законности в Таджикской ССР. – Сталинабад. – 1957. – Вып 8. – С. 133 -150.

16. Муллоев, М.М. Комментарий Уголовного кодекса Таджикской ССР (Общая часть) / ред. Е.А. Андрусенко. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 259 с.

17. Муллоев, М.М. Краткий очерк уголовного права, действовавшего в дореволюционном Таджикистане // Ученые записки Таджикского государственного университета. – Сталинабад, 1959. Т. 20. – С. 150-157.

18. Муллоев, М.М. Происхождение и реакционная сущность шариата / под ред. академика С.А. Раджабова. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 187 с.

19. Насыров, Ю.С. Фотосинтез растении вертикальных поясов Таджикистана и пути повышения его продуктивности: автореф. дис. ... док. биол. наук / Насыров Ю.С. – М., 1966. – 50 с.

20. Негматуллоев, С.С. Использование записей сильных движений для оценки сейсмических реакций зданий и сооружений: монография / С. Х. Негматуллаев, А. И. Золотарев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 212 с.

21. Нуманов, И.У. Гетероатомные компоненты нефтей Таджикской депрессии / Отв. ред. канд. хим. наук З. А. Румянцева. – Душанбе: Дониш, 1973. – 259 с.

22. Таджиев, К.Т. Изменения электро- и векторкардиограммы при гипертрофии миокарда / К.Т. Таджиев, Г.И. Носенко. – Ташкент: Медицина, 1976. – 211 с.

23. Умаров С.У. Распределение энергии, излучаемой черным телом, по длинам волн для температур, имеющих значение в гелиотехнике / С.У. Умаров // Труды Узбекского государственного университета». – 1941. – № 29. – Вып. 2. – С. 2-5.

24. Усманов, З.Д. Программирование состояний коллекции: монография / З.Д. Усманов. – М.: Наука, 1983. −124 с.

25. Усманов, П.Д. Радиобиология хлопчатника. – Душанбе, 2015. – 121 с.

26. Хайдаров, К.Х. Химия и биологическая активность производных 1,3,4-тиадиазоло[3,2-a]пиримидина. – М.: Компания Спутник+, 2004. – 156 с.

## References

1. Aliyev, G.A. Biological bases of keeping sheep in hot climate conditions / ed. R.G. Mustakimov. – Dushanbe: Donish, 1991. – 319 p.

2. Asimov, O.S. The concept of matter and the problem of physical reality: Report on published works for the degree of Doctor of Philosophy / USSR Academy of Sciences. Institute of Philosophy. – Moscow: 1970. – 61 p.

3. Bobojanov, P.B. Study of the eruption rates of matter from comet nuclei: (On the origin of meteor showers). –Stalinabad: Publishing House of the Academy of Sciences of the Tajik SSR, 1955. – 71 p.

4. Bogoutdinov, A.M. Essays on the history of Tajik philosophy. – Dushanbe: Tajikgosizdat, 1961. – 332 p.

5. Juraev, A.D. Method of singular integral equations. – M.: Nauka, 1987. – 415 p.

6. Dinorshrev, M.D. Natural Philosophy of Ibn Sina / Responsible. ed. M. S. Asimov. – Dushanbe: Donish, 1985. – 255 p.

7. Karimov, H.H. Physiological, biochemical and molecular-genetic aspects of the production process of cotton. – Dushanbe, 2013. – 283 p.

8. Mansurov, H.H. Portal hypertension: monograph. – Dushanbe: Tajikgosizdat, 1963. – 88 p.

9. Mullaev, M.M. The fight against crime in the Tajik SSR (during the period of completion of the construction of socialism) / Mullaev M.M. – Dushanbe, 1972. – 155 p.

10. Mullaev, M.M. History of criminal law of the Tajik SSR / ed. prof. B. S. Utevsky. – Stalinabad: Ministry of Education of the Tajik SSR, Tajik State. University named after V. I. Lenin, 1960. – 159 p.

11. Mullaev, M.M. History of criminal law of the Tajik SSR in the first main phase of development of the Soviet state (before the publication of the Criminal Code of the Tajik SSR in 1935): diss…cand. jurid. sciences: 12.00.01 / Mansur Mulloevich Mulloev. – M., 1958. – 160 p.

12. Mullaev, M.M. History of criminal law of the Tajik SSR: diss… doc. jurid. sciences: 12.00.01 / Mansur Mullaevich Mullaev. – Dushanbe, 1968. – 606 p.

13. Mullaev, M.M. Commentary on the Criminal Code of the Tajik SSR (Special Part). – Dushanbe: Irfon, 1988. – 426 p.
14. Mullaev, M.M. Crimes against socialist property: scientific and practical commentary on the current criminal legislation of the Tajik SSR: practical manual / edited by E.A. Andrusenko. – Dushanbe: Tajik University, 1979. – 59 p.
15. Mullaev, M.M. The October Revolution and the Creation of Soviet Criminal Law in the Tajik SSR // Issues of State Construction, Law and Legality in the Tajik SSR. – Stalinabad. – 1957. – Issue 8. – P. 133-150.
16. Mulloev, M.M. Commentary on the Criminal Code of the Tajik SSR (General Part) / ed. E.A. Andrusenko. –Dushanbe: Irfon, 1969. – 259 p.
17. Mulloev, M.M. Brief Outline of Criminal Law in Force in Prerevolutionary Tajikistan // Scientific Notes of the Tajik State University. – Stalinabad, 1959. Vol. 20. – Pp. 150-157.
18. Mulloev, M.M. The Origin and Reactionary Essence of Sharia / ed. Academician S.A. Radzhabova. – Dushanbe: Irfon, 1967. – 187 p.
19. Nasyrov, Yu.S. Photosynthesis of plants of vertical belts of Tajikistan and ways of increasing its productivity: author's abstract. dis. ... doc. biology. sciences / Nasyrov Yu.S. – M., 1966. – 50 p.
20. Negmatulloev, S.S. Use of records of strong movements for assessment of seismic responses of buildings and structures: monograph / S. Kh. Negmatullaev, A. I. Zolotarev. – Dushanbe: Donish, 1986. – 212 p.
21. Numanov, I.U. Heteroatomic components of oils of the Tajik depression / Responsible. editor. candidate of chemical sciences Z. A. Rumyantseva. – Dushanbe: Donish, 1973. – 259 p.
22. Tadzhiev, K.T. Changes in the electro- and vectorcardiogram in myocardial hypertrophy / K.T. Tadzhiev, G.I. Nosenko. – Tashkent: Medicine, 1976. – 211 p.
23. Umarov S.U. Distribution of energy radiated by a black body by wavelengths for temperatures of importance in solar engineering / S.U. Umarov // Transactions of the Uzbek State University. – 1941. – No. 29. – Issue 2. – Pp. 2-5.
24. Usmanov, Z.D. Programming the states of the collection: monograph / Z.D. Usmanov. – M .: Science, 1983. – 124 p.
25. Usmanov, P.D. Radiobiology of cotton. - Dushanbe, 2015. - 121 p. 26. Khaidarov, K.Kh. Chemistry and biological activity of 1,3,4-thiadiazolo[3,2-a]pyrimidine derivatives. – M.: Sputnik+ Company, 2004. – 156 p.

ТДУ 351.74:340.113

# ФАЪОЛИЯТИ МКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ДАВЛАТ: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

# ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ОВД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ БЕЗОПАСНОСТИ ГОСУДАРСТВА: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ

# ACTIVITIES OF INTERNAL AFFAIRS BODIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN TO ENSURE STATE SECURITY: THEORETICAL AND LEGAL FOUNDATIONS

Шарифзода Ф.Р.
Sharifzoda F.R.
*Намояндаи ваколатдор дар Бюрои ҳамоҳангсозии мубориза алайҳи ҷинояткории муташаккилона ва дигар намудҳои ҷиноятҳои хатарнок дар ҳудуди давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия*
*Полномочный представитель в Бюро по координации борьбы с организованной преступностью и иными опасными видами преступлений на территории государств-участников Содружества Независимых Государств, доктор юридических наук, доцент, генерал-майор милиции*
*Plenipotentiary Representative in the Bureau for the Coordination of the Fight against Organized Crime and Other Dangerous Types of Crime in the Territory of the Member States of the Commonwealth of Independent States Doctor of Legal Sciences, associate professor, major general of militia*



e-mail: faizali_74@mail.ru

Одиназода А. Ш.
Odinazoda A.Sh.
*Профессори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
*Профессор кафедры теории управления правоохранительной деятельности факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции*
*Professor of the Department of Law Enforcement Management Theory, Faculty No. 1 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan Candidate of legal sciences, associate professor, colonel of militia*



e-mail: 939150001@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ)).
*Научная специальность:* 12.00.11 – Судебная деятельность; прокурорская деятельность; правоохранительная деятельность и правозащитная деятельность (5.1.2. Публично-правовые (государственно–правовые) науки).
*Scientific specialty:* 12.00.11 – Judicial activity; prosecutorial activity; law enforcement activity and human rights activities (5.1.2. Public law (state-legal) sciences).

*Тақриздиҳанда:* Зоир Ҷ.М. – мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

*Рецензент:* Зоир Дж.М. – заведующий отделом государственного права Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.

*Reviewer:* Zoir J.M. - Head of the Department of State Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov, National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.

*Аннотатсия:* Дар мақола муаллифон фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро аз нуқтаи назари таъмини амнияти давлатӣ омӯхта, ба хулоса омаданд, ки таъмини амнияти миллӣ - ин на танҳо ҳифз аз таҳдидҳои пайдошаванда (вуҷуддошта), балки пешгӯӣ, огоҳонӣ ва пешгирии таҳдидҳои дохилию берунӣ бо мақсади рушди устувори ҷомеа мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифон, пеш аз ҳама, асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъмини амнияти миллии давлат баррасӣ намудаанд.

*Вожаҳои калидӣ:* амнияти миллӣ, ҷомеа, давлат, таҳдидҳо, фаъолият, ҳифз, мақомоти корҳои дохилӣ.

*Аннотация:* В статье авторами рассмотрена деятельность органов внутренних дел с точки зрения обеспечения государственной безопасности и в ходе исследования был сделан вывод о том, что обеспечение национальной безопасности – это не только защита от возникающих (существующих) угроз, но и прогнозирование, предупреждение и профилактика внутренних и внешних угроз с целью укрепления устойчивости общества. В связи с этим, авторами рассмотрены прежде всего, теоретико-правовые основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в обеспечении национальной безопасности государства.

*Ключевые слова:* национальная безопасность, общество, государство, угрозы, деятельность, защита, органы внутренних дел.

*Annotation:* In the article, the authors examined the activities of internal affairs bodies in the field of ensuring state security and during the study it was concluded that ensuring national security is not only protection from emerging (existing) threats, but also forecasting, preventing and suppressing internal and external threats to strengthen community resilience. In this regard, the authors considered, first of all, the theoretical and legal foundations of the activities of the internal affairs bodies of the Republic of Tajikistan in ensuring the national security of the state.

*Key words:* national security, society, state, threats, activities, protection, internal affairs bodies

Амнияти миллӣ дар раванди мавҷудият ва рушди устувори ҳар як давлат нақши муҳим дорад. Таъмини амнияти миллӣ барои давлатҳое, ки дар вазъияти душвори геополитикӣ қарор доранд, махсусан муҳим аст. Новобаста аз хусусиятҳои сохти давлатҳои миллӣ дар фазои пасошуравӣ, ин давлатҳо вобаста аз мероси муштараки таърихии худ дар арсаҳои мухталиф иқтидори бузурги ҳамгироӣ доранд.

Равандҳои ба ҳамагон маълуме, ки дар ҳаёти собиқ ҷумҳуриҳои ИҶШС рух дод, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири хешро гузоштанд. Таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри гузашта боиси бесарусомониҳои зиёди иҷтимоию сиёсии ҷомеаи тоҷик гардид. Мушкилоти ҳалношудаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, этникӣ ва масоили дигар дар Тоҷикистон, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ боиси пошхӯрии миллат, муқовимати шаҳрвандӣ ва билохира ҷанги бародаркушии шаҳрвандӣ овард, ки аз соли 1992 оғоз ёфта то соли 1997 идома дошт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ

ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти таъмини амнияти миллиро дарк намуда, таъкид доштанд, ки "дар шароити ниҳоят шадид ва душвори минтақа ва ҷаҳон, дар назди мо вазифаҳои мушкил гузошта шудаанд, ки бо амният вобаста мебошанд, аз ҷумла, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводди нашъадор, қочоқи аслиҳа ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, масоили муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ки аз рӯйдодҳои Афғонистони ҳамсоя ҳар чи бештар авҷ мегиранд" [16].

Ба вуҷуд омадани сарчашмаҳои нави шиддатёбии низомӣ ва зиддиятҳо дар минтақаи Шарқи Миёна ва Наздик, низоъ байни давлатҳои Фаластину Исроил, муносибатҳои дохилии Афғонистон ва дигар манотиқи ҷаҳон, афзоишёбии таҳдиду фишори минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, васеъшавии бемайлони терроризми байналмилалӣ ва ҷиноятҳои муташаккил, қочоқи ғайриқонунии маводди нашъадор ва силоҳ, мушкилтар гаштани масоили дохилии иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии давлатҳои муштаракулманофеъ моҳияту мазмуни ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти миллиро чандкарата боз ҳам душвортар гардонида истодааст. Аз ин лиҳоз, устувор гардонидани равандҳои ҷаҳонӣ ва таъмини амният дар фазои он яке аз вазифаҳои ҳалталаби замон маҳсуб мебошад. Таҳдиду фишори замони муосир, вазъият дар Шарқи Миёна ва алалхусус вазъ дар Афғонистон, ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти миллиро мубрамтар гардонидааст.

Амнияти миллӣ - ҳамчун ҳолати воқеъии устувории ҳуқуқии ҷомеа ва давлати тоҷикон, ба омили асосии худмуҳофизатии давлат табдил ёфтааст. Тадқиқотчиён адолатона таъкид кардаанд: "миллате, ки низоми бовариноки амнияташро бунёд накардааст, имконияти аз даст додани будубошашро дошта, дар қаъри раванди таърихӣ шояд нопадид гардад, ё худ дар маҷмуъ аз саҳнаи таърих нест шавад" [3, с. 23].

Бешубҳа, ташкилёбии бо ном "Давлати исломӣ" ва сар баровардани гурӯҳҳои ҷинояткори он дар ҳама мамолик, муттаҳидшавии қувваҳои террористии ДИИШ (ташкилоти террористие, ки дар Тоҷикистон фаъолияташ манъ аст) ва фаъол гаштани амали онҳо дар ҳудудҳои наздимарзии Тоҷикистон, равандҳои муҳоҷирати ҷаҳонӣ, ки ба бетартибиҳои оммавӣ табдил ёфтанд, экстремизми динӣ ва дигар равандҳои номатлуб ҳамбастагию алоқамандии таҳдидҳои дохилии ҳаёти кишварро зиёд карда истодааст.

Худи мафҳуми "амнияти миллӣ" робитаи муҳофизати манфиатҳои ҳаётан муҳимми миллатро дар ҷодаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ-сиёсӣ ва маънавии умумиятҳои одамоне, ки дар ҳудуди муайян иқомат доранд, инъикос менамояд. Вале, барои ҷамъиятҳои демократӣ амнияти давлат ва ҷомеа орзӯ набуда, балки амалест, ки баҳри таъминоти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона карда шудааст.

Бо пайдошавии хатарҳои нави асри XXI, низоми арзишҳои инсонӣ ба тағйироти мушаххас дучор шуд. Тадқиқоти сотсиологие, ки фонди "Афкори ҷамъиятӣ"-и Фонди илмии гуманитарии Россия гузаронидааст, дар шуури россиягиҳо моҳияти арзишҳоро баррасӣ намудааст. Тибқи он, пурсидашудагон ҳаёти инсонро ҳамчун арзиши олӣ дар ҷойи аввал ва озодии инсонро бошад, дар ҷойи дуюм гузоштанд [8, с. 3]. Чунин ҳолатро солҳои 2018-2020 натиҷаи омӯзиши афкори омма дар Тоҷикистон низ нишон дод. Ба ин маъно, ки самаранокии фаъолияти механизми амнияти миллӣ мустақиман ба амнияти шахсият алоқаманд аст. Ин ақида ба он асос дорад, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои вай на танҳо арзиши олии низоми ҳуқуқии ватанӣ (м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), балки ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ карда шудааст.

Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ унсури муҳимтарини қувваҳои таъмини амнияти миллӣ ба ҳисоб рафта, дар рафти кори заҳматноки ҳаррӯза барои амалӣ кардани манфиатҳои миллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи тоҷик таъсири бевосита мерасонад.

Чунин мавқеъ ба он асоснок карда шудааст, ки муҳимтарин вазифаи асосии

давлат ва ҷомеа ин пайваста таъмин кардани ҳолати амнияти шахсият, танзими муҳити иҷтимоӣ мебошад, зеро ҷамъият, танзимгарони иҷтимоӣ ва давлат барои он ташкил ва фаъолият доранд, ки тибқи зарурат, одамонро аз таҳдидҳои бавуҷудомада ҳамчун шарти зарурии инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо, мувваззафанд муҳофизат намоянд.

Аз ин рӯ, таъмини амнияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва барқарор намудани ҳуқуқ - вазифаҳои умумидавлатӣ мебошанд, ки хусусияти маҷмуӣ дошта, аз аҳаммиятнокии ин падидаҳои иҷтимоӣ вобастаанд.

Ба андешаи муҳаққиқон, таҳдидҳои асосӣ ба амнияти миллӣ ҳам дар Федератсияи Россия ва ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти дохилӣ доранд ва ба андозаи каму беш бо хусусиятҳои фаъолияти соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ алоқаманд мебошанд, ки зиддиятҳои дохилиро дар бар гирифта, аксар вакт манбаи фалокатҳои иҷтимоӣ ва вазъиятҳои бухронӣ мегарданд [9, с. 137; 14, с. 129; 10]. Дар чунин шароит такомулёбии мунтазами ҷомеа чун падидаи иҷтимоӣ, шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти он ва тарзи дар мутобиқат бо талаботи пешқадами илмӣ-техникӣ, бо роҳи бавуҷуд овардани шароитҳои мусоиди инкишоф, коркарди механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои устувори инкишофи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад [2; 26; 18, с. 88].

Ҳамаи ин на танҳо ҷузъи муҳим дар низоми фаъолиятҳои он, балки, ҳамчун нишондоди махсусе, ки имконият медиҳад баробарии манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлатро таъмин намуда, муайянкунандаи субъекти механизми таъмини амнияти миллӣ баромад менамояд. Маҳз дар онҳо вазифаи асосии иҷрои уҳдадориҳои давлатии рақобат ба таҳдидҳои дохилӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодиҳои шахсият ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеа ва давлат асос ёфтааст.

Таҷрибаи фаъолияти таркиби низоми амнияти миллӣ дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки набудану набурдани тадқиқотҳои илмӣ натанҳо дар инкишофу такомулёбии минбаъдаи он монеъ мешавад, балки дар навбати худ ба инкишофи сохтор ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ҳамчун яке аз субъектҳои асосии он монеъ хоҳад гашт. Ҳамчунин, чунин хатаре ҳам вуҷуд хоҳад дошт, ки тибқи он ба сифати субъекти таъмини амнияти миллӣ доираи васеи институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ масъулиятро дар мубориза бо таҳдидҳо ба амнияти миллӣ аз даст медиҳанд [23, с. 6; 4, с. 51]. Муҳим аст эҳсос намоем, ки ба назар нагирифтани таълимоте, ки илм исбот кардааст, ногузир ба теъдоди зиёди мушкилот дар амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бурда мерасонад.

Бо коркарди корҳои назариявӣ, амалӣ ва методологӣ оид ба тадқиқоти низоми ҳуқуқии ҷомеаи тоҷик ва омӯзиши равишҳои илмии масъалаҳои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди олимон, аз ҷумла, А.С. Достиев, А.А. Қаҳҳоров, Н.Ҷ.Назарзода, Х.С. Носиров, Р.М. Раҷабзода, Р.Ҳ. Раҳимзода, Ҳ.С. Сафарзода, К.Ҳ. Солиев, Ф.Т. Тоҳиров машғул мебошанд [22, с. 41-45]. Аксарияти асарҳое, ки ба тадқиқоти масъалаҳои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, ба масъалаҳои умуминазариявии сохти конститутсионӣ, рушди низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, такмил додани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳуқуқи моддӣ (ҷиноятӣ) бахшида шудаанд [6; 7; 11; 13; 12; 19; 20; 24; 21].

Аз ин хотир, омили асосии худмуҳофизаткунии давлатдорӣ, амнияти миллӣ мебошад, ки он ҳамчун ҳолати устувори ҳуқуқии ҳаёти давлат ва ҷомеаи тоҷикон муайян карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои амнияти миллӣ дар корҳои илмии М.М. Абдулҳаков, Қ. Ҷалилов, Г.Н. Зокиров, А.Н. Маҳмадов, Д.Х. Раҷабов, Ш.А. Раҷабов, А.Х. Самиев, Ҳ.К. Холов бо таври васеъ таҳлил карда мешаванд.

Омӯзиши нопурраи назарияи ватанӣ оид ба масъалаҳои амнияти миллӣ, мавҷуд набудани парадигмаи (намунаи, тарҳӣ) зарурӣ оид ба муқовимат ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, дарёфти алгоритмҳои (маҷмуи амалиёти математикӣ) тарҳҳои

дуруст (тарзи амал) дар соҳаи амният, ки аз онҳо чораҳои беҳтарини огоҳонӣ, пешгирии таҳдидҳои бехатарӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо, инчунин самаранокии ҳамаи ин тадбирҳо вобаста мебошанд, имкон намедиҳад, ки он ба заминаи методологии фаъолияти меъёрэҷодкунӣ, банақшагирии дарозмуддат, ташаккули сохтори ягонаи ташкилии қувваю воситаҳои амнияти миллӣ, аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардад.

Тавре муҳаққиқони рус қайд мекунанд, як қатор муқаррароти консептуалӣ, ки ба амнияти давлатӣ ва миллӣ алоқаманд мебошанд, дар ташкил, такмил, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият, ки ба таъмини амният вобаста мебошанд, тадқиқоти минбаъдаро тақозо мекунад [5, с. 126]. Ҳамзамон, хавфи васеъ шудани доираи субъектони таъмини амнияти миллӣ вуҷуд дорад ва ба он дохил шудани доираи васеи институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба вазъияте оварда мерасонад, ки масъулияти мубориза бар зидди таҳдидҳо ба амнияти миллӣ норавшан мегардад [23, с. 6; 4, с. 51].

Набояд фаромӯш кард, ки таъмини амнияти миллӣ - «ин на танҳо «ҳифз» аз таҳдидҳои пайдошаванда (вуҷуддошта) буда, балки пешгӯӣ, огоҳонӣ ва пешгирии таҳдидҳои дохилию берунӣ бо мақсади рушди устувори ҷомеа мебошад» [25, с. 38].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» қайд шудааст, ки давлат субъекти асосии таъмини амният (дар баробари шаҳрвандон, ташкилотҳо, ново-баста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо) мебошад, ки вазифаҳои худро дар ин соҳа тавассути мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд [1].

Гурӯҳе аз олимон дуруст қайд карданд, ки бояд «...барномаи дурнамои инкишофи на танҳо мақомоти алоҳидаи ҳифзи ҳуқуқро тартиб дода, санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаро такмил диҳем, балки барномаи мукаммали рушди тамоми низоми ҳифзи ҳуқуқро коркард намоем» [17, с. 12].

Вобаста ба ин масоил Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар назди олимон муҳаққиқони кишвар вазифагузорӣ намуд, ки ин масоил бениҳоят мубрам буда, ҳалли илмиро тақозо мекунад. Аз ҷумла, таъкид гардидааст, ки бо дарназардошти вазъи ҳассосу печидаи ҷаҳони муосир олимону донишмандони мамлакат бояд ба масъалаҳои тавсеаи мафкураи миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, иттиҳоди нерӯҳои созандаи кишвар ва ҳифзи манфиатҳои стратегии Тоҷикистон, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастиву ифротгароӣ, инчунин, таҳқиқи масоили демократикунонии ҳаёти иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон эътибори аввалиндараҷа диҳанд [15]. Чунин тадқиқот барои таъмини амнияти миллии давлат махсусан муҳим мебошанд.

На ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳатто агар онҳо бо қонунҳо низ мусаллаҳ шуда бошанд ҳам, на ҳар як тартиботи қонунигардонидашудаи ҷамъиятиро ҳуқуқӣ шумо="" мумкин аст.

Тартиботи ҷамъиятие, ки ба муносибатҳои хукмфармоӣ асос ёфтааст, боиси аз ҳокимият ва меҳнат дур шудани одам мегардад ва барои ошкор шудани иқтидори эҷодии шахсият шароит фароҳам намеоварад, ҳуқуқӣ дониста намешавад. Инсондӯстӣ ҳолати моҳиятие мебошад, ки сифати тартиботи ҳуқуқиро муайян мекунад. Танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар он инсон ва озодии ӯ арзиши асосии иҷтимоӣ мебошад, асос барои ташаккули тартиботи ҳуқуқии мустаҳкам дар мамлакат, ки пешрафти ҷамъиятиро таъмин менамояд, шуда метавонад.

Ҳангоми баррасӣ намудани масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ муқаррароти асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»-ро ба инобат гирифтан лозим аст, ки дар он низоми таъмини амният муқаррар карда шудааст. Онро маҷмуи мақомоти (қувваҳои) давлатӣ ташкил мекунад, ки ба онҳо дохил мешаванд: Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва қисмҳои ҳарбӣ; мақомоти амнияти миллӣ, корҳои дохилӣ, мақомоти разведкаи ҳарбӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти ҳолатҳои

фавқулодда ва мудофиаи граждании, мақомоти андоз, гумрук ва дигар мақомоти давлатӣ, ки бо ҳамдигар ҳамкорӣ намуда, фаъолияти худро дар доираи қонун амалӣ менамоянд.

Вазифаҳои муҳимтарини ин низом идоракунии қувваҳо ва воситаҳои таъмини амният дар шароити ҳаррӯза ва ҳолатҳои фавқулодда мебошад. Ба фикри мо, чунин мавқеи қонун танҳо дар он сурат вуҷуд дошта метавонад, ки агар вай моҳияти объективии муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи амният пурра муайян намояд. Аммо сохтори расмӣ-мантиқии ин самти фаъолият эътирозҳои муайянеро ба вуҷуд меорад.

Ин бо он вобаста мебошад, ки қувваҳои таъмини амният худидоракунанда, яъне низоми мустақили устувори пӯшида нестанд, ки ба он фаъолияти ташаббускории ба хусусиятҳои ӯ мувофиқбуда ҳангоми набудани назорати мустақим хос бошад. Аз ин рӯ, зарурати ворид намудани тағйирот ба моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» дар қисмати ифодаи самтҳои асосии фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ки амнияти давлатро таъмин менамоянд, ба миён меояд.

Дар байни субъектони таъмини амнияти миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, мавқеи махсус дорад ва роҳбарии умумиро аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки бо ҳифзи амнияти миллӣ аз хатару таҳдидҳо машғуланд, амалӣ менамояд.

Нақши муҳимтарин дар соҳаи амнияти миллӣ ба зиммаи Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст, ки мақомоти роҳбарикунандаи коллегиявии назди Президент дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ маҳсуб мебошад ва бо роҳи таҳияи қарорҳои стратегӣ, тактикӣ ва оперативӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва берунии давлатиро ба амал мебарорад. Моҳиятан, Шурои амният дастгоҳи ситодии Президент мебошад, барои он ки дар асоси таҳлили ҳамаҷониба маълумотро оид ба вазъи воқеии амнияти миллӣ ҷамъбаст намуда, лоиҳаи қарорҳоро дар самти баррасишаванда ба Президент таҳия ва пешниҳод менамояд, иҷрои онҳоро назорат карда, барои бартараф намудани камбудию норасоиҳои ошкоршуда, муайян намудани омилҳое, ки ба сабабу шароитҳои ба вуҷуд омадани онҳо мусоидат мекунанд, чораҳои фавриро меандешад. Таҳлили таъйинот, самтҳои мақсаднок, татбиқи амалҳои дурандешонаи вазифаҳои роҳбарияти олии кишвар боварии моро ба устуворӣ ва ҳамоҳангии унсурҳои низоми таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам бештар намуд.

Тадқиқоти вазифаҳои асосии низоми таъмини амният ва хулосабарориҳо дар бораи пайдарҳамии мантиқии самтҳои фаъолият, ки ба он таҳлили вазъият, таҳияи тадбирҳои дарозмуддат (стратегӣ) оид ба пешгирӣ ва безараргардонии таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, иштироки бевосита ва бавосита дар нигоҳ доштани амнияти умумӣ ва минтақавӣ бо дарназардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, водор месозад.

Категорияи «амнияти миллӣ», ҳамчун ҳифзкунандаи манфиатҳои миллӣ, дар намудҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳамдигар вобастаи амният зоҳир мегардад, ки аз ҷониби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қонунгузории давлат, пеш аз ҳама, дар самтҳои иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҷамъиятӣ, низомӣ, экологӣ, иттилоотӣ пешбинӣ шудааст.

Таҳлили қисми таркибии моҳияти категорияи «амнияти ҷамъиятӣ» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои соҳибихтиёри ИДМ, дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, консептуалӣ тафовути муайянеро дар муносибат ба объекти таъмини амнияти ҷамъиятӣ ошкор намуд. Дар Федератсияи Россия ба сифати объект пеш аз ҳама инсон, шаҳрванд, инчунин арзишҳои ҷомеа (моддӣ, маънавӣ) баромад мекунанд. Дар ҳуҷҷатҳои аксарияти дигар давлатҳои аъзои ИДМ афзалият пеш аз ҳама ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандон дода шудааст, яъне ба як гурӯҳи номуайяни шахсон.

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки амнияти ҷамъиятӣ, ҳамчун хусусияти ҳолати камтар осебпазир аз таъсироти манфӣ, нишонаи устувори микдорӣ-сифатии нишондиҳандаҳои ҳифз аз таҳдидҳои на шахси мушаххас, балки доираи номуайяни шахсон ва иттиҳодияҳои расмӣ ва ғайрирасмии онҳо мебошад, масалан, сокинони ҷамоатҳо, коллективҳои меҳнатӣ, дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ, тамоми ҷомеа. Ва савол на танҳо дар як муқоисаи оддии "ягона - сершумор" гузошта шудааст. Сухан дар бораи масъалаи риояи афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ меравад, ки аксар вакт бо ҳам мухолифат мекунанд, вақте ки дар фаъолияти ҳаррӯза интихоби байни зарурати эҳтироми ҳуқуқҳои қонунии аксарият сарфи назар аз расман якхелаи ҳуқуқҳои қонунии ақаллият вуҷуд дорад.

Таҳлили фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ нишон медиҳад, ки аз рӯйи шумора ва гуногуншаклии вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқ, шумора ва гуногуншаклии воҳидҳои сохторӣ, шумора ва гуногуншаклии захираҳои меҳнатӣ, ҳаҷми иттилооти муомилот, вазъи техникӣ, пояи моддию молиявӣ, низоми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чандин маротиба зиёдтар мебошад. Хусусияти мунтазамӣ-устувории ҷинояткории муташаккил ва коррупсия, экстремизм, терроризм, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва дигар амалҳои ғайриқонунии барои ҷомеаи Тоҷикистон хавфнок накши махсуси мақомоти корҳои дохилиро дар таъмини амнияти миллӣ бараъло нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми фаррох ва серамали мақомоти давлатӣ буда, фаъолияти он на танҳо бо дахолати оперативӣ оид ба зуҳуроти мушаххаси бухронӣ ва ҳифзи вазъият алоқаманд мебошад, балки ҳолати умумии иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва дигар соҳаҳои ҳаётро дар бар мегирад, ки он стратегия ва ташкили пайвастаи мубориза фаъолонаро ба муқобили ҷинояткорӣ талаб мекунад.

Ба вуҷуд омадани вазифаю уҳдадориҳои нав, бешубҳа, тағйирот ва аниқ кардани танзими ҳуқуқии фаъолият ва амалҳои мақомоти корҳои дохилиро тақозо мекунад. Аммо ба ҳолати нав овардани мақомоти корҳои дохилӣ ва тамоми сохторҳои низоми Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон бояд бо шакли навшудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва қонунгузории миллӣ, такмили сохторҳои ташкилии мақомоти давлатӣ, муносиб кардани тақсимоти захираҳо бо дарназардошти хатарҳои нав ба амнияти миллӣ, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқ бошад. Тағйирот бояд самти аниқи мақсаднок дошта бошад, яъне таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд.

Ба таври дигар гӯем, воқеан навъи махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ вуҷуд дорад, ки дар раванди таъмини амнияти миллӣ ба вуҷуд меояд, тавассути онҳо низомҳои иҷтимоии идоракунӣ фаъолият мекунанд ва фаъолияти мақсаднок ва муташаккили онҳо ҳангоми ҳифзи манфиатҳои миллии давлат таъмин карда мешаванд.

Таъмини иттилоотии ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини ҳифзи амнияти миллӣ аз хатару таҳдидҳо як қатор хусусиятҳои хос дорад, ки танҳо ба фаъолияти муштарак хос мебошад: хусусияти мақсаднок дошта, дар самтҳои асосии соҳаи таъмини амнияти миллӣ амалӣ карда мешавад; нисбат ба низоми робитаҳои иттилоотии мақомоти ҳудудии корҳои дохилӣ дар сатҳи фаъолияти амалии оперативӣ ва хизматӣ мустақилияти нисбӣ дорад; дорои хусусиятҳои ҳамоҳангсозӣ мебошад, ки ин барои мувофиққунии самтҳои фаъолияти унсурҳои сохторҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аҳолии кишвар дар муқовимат ба таҳдидҳо ба амнияти миллӣ имконият медиҳад.

Ҳамин тариқ, нуктаи назари муаллифон дар бораи имкониятҳои такмили хизмати ҳифзи ҳуқуқи МКД инҳо мебошад: рӯоварӣ аз муносибатҳои ҷазодиҳӣ - маъмурӣ ба амалигардонии вазифаи пешгирикунандаи иҷтимоӣ, истифодаи захираҳои беҳтарини инсонӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти захираҳои дохилӣ, ҷорӣ намудани шакл ва усулҳои нововарии кор дар

соҳаҳои амалӣ ва таълимӣ, истифодаи фаъолонаи технологияҳои нави иттилоотӣ, такмили ташкил ва ҳамоҳангсозии амалҳои якҷоя, баланд бардоштани сатҳи илмии маданияти ташкилӣ ва фаъолияти тарбиявӣ. Барои ноил шудан ба ҳадафи ташаккули салоҳияти зарурии касбӣ дар кормандони ояндаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дорои салоҳияти касбии зарурӣ мебошанд, бояд ҳангоми ташкили раванди таълим дар муассисаҳои олӣ ба таври васеъ ва ҳамаҷониба технологияҳои гуногуни инноватсионии педагогӣ ва усулҳоро ворид кардан лозим аст, ки мазмуни онҳо дар ин ё он дараҷа ба ташаккули мустақилияти донишҷӯён дар омӯзиши фанҳои тахассусӣ нигаронида шуда бошанд; истифодаи ҳамгироии байнисоҳавӣ, технологияи модулии раванди таълим, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, таҷрибаи хизматӣ, усули ҷузвгир, ки барномаҳои рейтингиро назорат мекунад, низоми тестии омӯзишӣ ва назораткунанда, воридшавии фаъол ба фаъолияти илмӣ- тадқиқотӣ ва дигар навигариҳои педагогӣ дар таъмини амнияти давлатӣ ноил гаштан мумкин аст.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28-уми июни соли 2011 № 721 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 6, мод. 434; с. 2014, № 11, мод. 646; с. 2016, № 3, мод.136, с. 2018 № 7-8, мод. 524.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри с. 2016 № 636 тасдиқ карда шудааст // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: docplayer.ru/42070411-Nacionalnaya-strategiya-razvitiya-respubliki-tadzhikistan-na-period-do-2030-goda.html (санаи муроҷиат: 26.06.2019).
3. Атаманов, Г.А. Диалектика безопасности / Г.А. Атаманов // Межвузовский научный сборник "Национальная безопасности России в перспективах современного развития". – Саратов, 2005. – С. 21-27.
4. Бондаренко, М.В., Федотова, О.В. О роли института военной и правоохранительной службы в системе обеспечения национальной безопасности / М.В. Бондаренко, О.В. Федотова // Закон и право. – 2019. – № 11. – С. 50-52.
5. Воронцов, С.А., Понеделков, А.В. О совершенствовании государственной политики в сфере обеспечения национальной безопасности / С.А. Воронцов, А.В. Понеделков // Власть. – 2016. – № 2. – С. 126-132.
6. Давлатов, С.А. Правовое и организационное обеспечение управления горрайорганами внутренних дел в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.11 / Сафархуджа Азаматович Давлатов. – М.: Академия управления МВД России, 2007. – 227 с.
7. Достиев, А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 г.: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Абдулмаджид Салимовч Достиев. – Душанбе, 1999. – 197 с.
8. Елагин, А.Г. Безопасность и свобода в жизнедетельности человека / А.Г. Елагин // Труды Академии упаравления МВД России. – 2015. – № 1 (33). – С. 5-8.
9. Зинченко, Н.И. Личная безопасность как объект социологического анализа / Н.И. Зинченко // Социологические исследования. – 2007. – № 2. – С. 137-140.
10. Кардашова, И.Б. Основы теории национальной безопасности: учебник для вузов / И Б Кардашова. – М.: Издательство Юрайт, 2018. – 303 с.
11. Кахаров, А.А. Правовая система Таджикской АССР 1924-1929 гг.: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Абдурахим Абдулахадович Кахаров. – Душанбе, 1999. – 194 с.
12. Нажбудинов, М.А. Правовые организационные основы взаимодействия органов внутренних дел с институтами гражданского общества в Республике Таджикистан в сфере противодействия наркотизации населения: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Мухридин Амрудинович Нажбудинов. – М.: Академия управления МВД России, 2015. – 197 с.
13. Назаров, Н.Д. Организационно-правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917-2006 гг.): дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Носир Джобирович Назаров. – М.: Академия управления МВД России, 2007. – 582 с.
14. Овчинников, В.В. Тенденции развития внутренних угроз в современном российском обществе / В.В. Овчинников // Труды Академии управления МВД России. – 2012. – № 1 (21). – С. 129-132.
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.2015 с. // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: 0-http://presi-dent.tj/ru/node/8137 (санаи муроҷиат: 10.09.2021).

16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри с. 2021 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mfa.tj/ru/main/view/9389 (санаи муроҷиат: 22.12.2021).
17. Правоохранительная система в Российской Федерации: учебник / под ред. Б.Я. Гаврилова. – М.: Академия управления МВД России, 2015. – 224 с.
18. Раджабов, Д.Х. Национальная безопасность Республики Таджикистан: методология исследования в пограничной сфере: монография / Д.Х. Раджабов. –Душанбе, 2015. – 188 с.
19. Раджабов, Р.М. Проблемы формирования правовой системы Республики Таджикистан: теоретико-методологический аспект: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Равшан Мухитдинович Раджабов. – Душанбе, 2000. – 184 с.
20. Рахимов, Р.Х. Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности подразделений БЭП по борьбе с преступностью в кредитно-финансовой системе (по материалам Республики Таджикистан): дис. … канд. юрид: 12.00.09 / Рамазон Хамроевич Рахимов. наук. – М., 1999. – 287 с.
21. Сафаров, Х.С. Терроризм и преступления террористического характера: проблемы квалификации (на материалах Республики Таджикистан и стран СНГ): дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Хаёт Саидамирович Сафаров. – М., 2003. – 157 с.
22. Тахиров, Ф.Т. Проблемы формирования правовой системы Республики Таджикистан / Ф.Т. Тахиров // Государство и право (Душанбе). – 1997. – № 4. – С. 41-45.
23. Тонконогов, А.В. Концептуальные основы обеспечения национальной безопасности Российской Федерации в правоохранительной сфере / А.В. Тонконогов // Закон и право. – 2012. – № 1. – С. 5-7.
24. Тошев, А.М. Эволюция правового статуса личности в Республике Таджикистан: историко-правовое исследование: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Амиршох Мансурович Тошев. – М.: Академия управления МВД России, 2014. – 276 с.
25. Хабибулин, А.Г., Селиванов, А.И. Стратегическая безопасность российского государства: политико-правовое исследование: монография / А.Г. Хабибулин, А.И. Селиванов. - 2-е изд., доп. – М.: Формула права, 2011. – 359 с.
26. Холов, Х.К. Особенности национальной безопасности Республики Таджикистан в контексте вызовов и угроз современности: дис… канд. полит. наук: 23.00.02 / Хуршед Кодиркулович Холов. – Душанбе, 2011. – 220 с.

## References

1. Law of the Republic of Tajikistan "On Security" dated June 28, 2011 No. 721 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2011, No. 6, art. 434; 2014, No. 11, art. 646; 2016, No. 3, Article 136, p. 2018 No. 7-8, art. 524.
2. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030: by the Decision of the Assembly of Representatives of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan from December 1. 2016 No. 636 approved // [Electronic resource] – Access mode: docplayer.ru/42070411-Nacionalnaya-strategiya-razvitiya-respubliki-tadzhikistan-na-period-do-2030-goda.html (access date: 26.06.2019).
3. Atamanov, G.A. Dialectics of security / G.A. Atamanov // Interuniversity scientific collection “National security of Russia in the prospects of modern development”. – Saratov, 2005. – Pp. 21-27.
4. Bondarenko, M.V., Fedotova, O.V. On the role of the institute of military and law enforcement service in the system of ensuring national security / M.V. Bondarenko, O.V. Fedotova // Law and law. – 2019. – No. 11. – Pp. 50-52.
5. Vorontsov, S.A., Ponedelkov, A.V. On improving state policy in the field of ensuring national security / S.A. Vorontsov, A.V. Ponedelkov // Power. – 2016. – No. 2. – Pp. 126-132.
6. Davlatov, S.A. Legal and organizational support for the management of city district internal affairs agencies in the Republic of Tajikistan: dis. ...cand. legal Sciences: 12.00.11 / Safarkhudzha Azamatovich Davlatov. – M.: Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2007. – 227 p.
7. Dostiev, A.S. Constitution of the Republic of Tajikistan 1994: dis. ...cand. legal Sciences: 12.00.01 / Abdulmadzhid Salimovch Dostiev. – Dushanbe, 1999. – 197 p.
8. Elagin, A.G. Security and freedom in human life / A.G. Elagin // Proceedings of the Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2015. – No. 1 (33). – Pp. 5-8.
9. Zinchenko, N.I. Personal safety as an object of sociological analysis / N.I. Zinchenko // Sociological studies. – 2007. – No. 2. – Pp. 137-140.
10. Kardashova, I.B. Fundamentals of the theory of national security: a textbook for universities / IB Kardashova. – M.: Yurayt Publishing House, 2018. – 303 p.
11. Kakharov, A.A. Legal system of the Tajik ASSR 1924-1929: dis. ...cand. legal Sciences: 12.00.01 / Abdurakhim Abdulakhadovich Kakharov. – Dushanbe, 1999. – 194 p.

12. Nazhbudinov, M.A. Legal organizational basis for the interaction of internal affairs bodies with civil society institutions in the Republic of Tajikistan in the field of combating drug addiction among the population: dis. ...cand. legal Sciences: 12.00.11 / Mukhridin Amrudinovich Nazhbudinov. – M.: Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2015. – 197 p.
13. Nazarov, N.D. Organizational and legal basis for the formation and development of the police of Tajikistan (1917-2006): dis. ... Doctor of Law. Sciences: 12.00.01 / Nosir Jobirovich Nazarov. – M.: Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2007. – 582 p.
14. Ovchinnikov, V.V. Trends in the development of internal threats in modern Russian society / V.V. Ovchinnikov // Proceedings of the Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2012. – No. 1 (21). – Pp. 129-132.
15. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Leader of the Nation Emomali Rahman to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan dated 23.01.2015 p. // [Electronic resource] – Access mode: 0-http://presi-dent.tj/ru/node/8137 (date of application: 10.09.2021).
16. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, Emomali Rahman «On the main directions of the internal and foreign policy of the republic» dated December 21. 2021 // [Electronic source] – Access mode: https://mfa.tj/ru/main/view/9389 (access date: 12/22/2021).
17. Law enforcement system in the Russian Federation: textbook / ed. B.Ya. Gavrilova. – M.: Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2015. – 224 p.
18. Radzhabov, D.Kh. National security of the Republic of Tajikistan: research methodology in the border area: monograph / D.Kh. Radjabov. – Dushanbe, 2015. – 188 p.
19. Radzhabov, R.M. Problems of formation of the legal system of the Republic of Tajikistan: theoretical and methodological aspect: dis. ...cand. legal Sciences: 12.00.01 / Ravshan Mukhitdinovich Radzhabov. – Dushanbe, 2000. – 184 p.
20. Rakhimov, R.Kh. Organization and tactics of operational-search activities of BEP units to combat crime in the credit and financial system (based on materials from the Republic of Tajikistan): dis. ...cand. legal: 12.00.09 / Ramazon Khamroevich Rakhimov. Sci. – M., 1999. – 287 p.
21. Safarov, Kh.S. Terrorism and crimes of a terrorist nature: problems of qualification (based on materials from the Republic of Tajikistan and the CIS countries): dis. ...cand. legal Sciences: 12.00.08 / Khayot Saidamirovich Safarov. – M., 2003. – 157 p.
22. Takhirov, F.T. Problems of formation of the legal system of the Republic of Tajikistan / F.T. Takhirov // State and law (Dushanbe). – 1997. – No. 4. – Pp. 41-45.
23. Tonkonogov, A.V. Conceptual basis for ensuring the national security of the Russian Federation in the law enforcement sphere / A.V. Tonkonogov // Law and law. – 2012. – No. 1. – Pp. 5-7.
24. Toshev, A.M. Evolution of the legal status of an individual in the Republic of Tajikistan: historical and legal research: dis. ...cand. legal Sciences: 12.00.01 / Amirshoh Mansurovich Toshev. – M.: Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2014. – 276 p.
25. Khabibulin, A.G., Selivanov, A.I. Strategic security of the Russian state: political and legal research: monograph / A.G. Khabibulin, A.I. Selivanov. - 2nd ed., add. – M.: Formula of Law, 2011. – 359 p.
26. Kholov, Kh.K. Features of national security of the Republic of Tajikistan in the context of challenges and threats of our time: dis… cand. of political sciences: 23.00.02 / Khurshed Kodirkulovich Kholov. – Dushanbe, 2011. – 220 p.

**УДК 340.116**

# ЮРИДИЧЕСКАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ В ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ РОССИИ

# ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ РОССИЯ

# LEGAL RESPONSIBILITY IN THE RUSSIAN LEGAL SYSTEM

ЯЛОВЕНКО Т.В.
YALOVENKO T.V.
*Заместитель начальника кафедры теории и истории права и государства Волгоградской академии МВД России, кандидат юридических наук, доцент*
*Муовини сардори кафедраи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлати Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
*Deputy head of the Department theory and history of law and state of the Volgograd Academy of the Ministry of Interior of Russia, candidate of juridical sciences, assistant professor*



e-mail: hodareva.1986@mail.ru

ПОЛЯКОВ В.А.
POLYAKOV V.A.
*Профессор кафедры теории и истории права и государства Волгоградской академии МВД России, доктор исторических наук, доцент*
*Профессори кафедраи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлати Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград, доктори илмҳои таърих, дотсент*
*Professor of the department of theory and history of law and state of the Volgograd Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia, doctor of historical sciences, associate professor*



e-mail: hodareva.1986@mail.ru

*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки).
*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).
*Scientific specialtie:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Рецензент*: КАЛЬЧЕНКО Н.В. - доцент кафедры теории и истории права и государства Волгоградской академии МВД России, кандидат юридических наук, доцент.
*Тақриздиҳанда:* КАЛЧЕНКО Н.В. - дотсенти кафедраи назариява таърихи ҳуқуқ ва двлати Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
*Reviwer*: KALCHENKO N.V.- Associate Professor of the Department theory and history of law and state of the Volgograd Academy of the Ministry of Interior of Russia, candidate of juridical sciences, assistant professor.

*Аннотация:* В статье рассматривается юридическая ответственность в правовой системе России. Авторами приведены основные признаки и виды юридической ответственности. Утверждается, что юридическая ответственность является сложным и многогранным явлением, которое до сих пор полностью не исследовано в правовой науке. Авторами исследованы основные виды юридической ответственности, выделены некоторые проблемы при назначении наказания,

применения смертной казни, а также затронуты вопросы уголовной ответственности несовершеннолетних; сделан вывод о необходимости усиления профилактики преступлений, создания системы ювенальной юстиции, предполагающий комплекс мероприятий и специальных программ.

*Ключевые слова:* ответственность, принуждение, правонарушение, преступление, наказание, смертная казнь.

**На основе анализа современных теоретических представлений и правоприменительных проблем автором диссертации выполнено монографическое исследование, позволившее разработать** и представить комплексное уголовно-процессуальное учение о функции уголовного преследования в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан. В результате решена имеющая важное теоретическое и практическое значение научная проблема, связанная с конструированием теоретической модели отечественного уголовного судопроизводства в контексте ее модернизации.

**В диссертации разработаны доктринальные основополагающие положения, совокупность которых направлена на решение комплекса задач, связанных с оптимизацией и модернизацией** как уголовно-процессуального законодательства, так и правоприменительной практики и может быть использована в качестве теоретической базы для последующих научных исследований различных проблем уголовного судопроизводства. Элементами научной новизны обладают сформулированные докторантом положения, выносимые на защиту, которые свидетельствуют также о теоретической и практической значимости проделанной им работы.

**Выбранная докторантом структура диссертации позволила ему впервые комплексно исследовать последовательное развитие представлений о функции уголовного преследования** в доктрине уголовного судопроизводства, в исторической и современной составляющей теории и истории таджикской государственности. Так, в первом разделе в комплексном варианте рассмотрены теоретические, правовые и исторические основы формирование учения об уголовном преследовании, включающее в себя две самостоятельные главы и семь параграфов. Второй раздел посвящен рассмотрению концептуальных проблем уголовного преследования в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан, которое содержит четыре главы и пятнадцать параграфов.

Структура и объем диссертационного исследования предопределены целями и задачами исследования (Том 1), включают 16 соответствующих приложений (Том 2), статистические данные о состоянии преступно-

сти за 1980-2020 гг., результаты деятельности органов предварительного расследования и судов за 1991-2020 гг., разработанные авторские проекты Стратегии совершенствования деятельности органов расследования в Республике Таджикистан и Концепции совершенствования уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан, проекты законов о внесении соответствующих изменений и дополнений в уголовно-процессуальное законодательство, общие количественные данные трудов по профилю диссертационного исследования, сравнительные данные по внесению изменений и дополнений в уголовно-процессуальный кодекс, результаты анкетирования судей, прокуроров, следователей, дознавателей, адвокатов и аналитические справки по результатам изучения архивных уголовных дел и материалов об отказе в возбуждении уголовных дел, а также результаты исследования проблем реализации функции уголовного преследования в уголовном судопроизводстве.

Отдельно хотелось бы отметить положения, выносимые на защиту, которые разработаны диссертантом. В комплексном варианте они распределены по блокам:

I. Комплекс научных положений по совершенствованию теоретико-методологических основ учения об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан *(всего 9 положений)*;

II. Комплекс научных положений, касающихся основ и перспектив развития науки и практики уголовного судопроизводства Республики Таджикистан *(всего 7 положений)*;

III. Комплекс научных положений по совершенствованию теоретико-практических основ учения об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан *(всего 10 положений)*.

Такой подход диссертанта позволил ему в комплексном варианте раскрыть актуальность, значимость и своевременность проводимого диссертационного исследования в контексте становления и дальнейшего развития уголовно-процессуальной науки Таджикистана.

**Диссертация является результатом самостоятельной, серьезной научно-исследовательской работы автора, осуществлявшейся более десяти лет. За эти годы основные положения** диссертации многократно докладывались и обсуждались на международных, республиканских, всероссийских и других научных конференциях, автором были подготовлены 120 различных опубликованных работ по теме диссертации общим объемом 492,9 п.л., (авторский вклад – 204,25 п.л.), в их числе: 16 монографических исследований, 12 учебных, научных и научно-практических изданий, из которых 4 учебника по профилю диссертации рекомендованы министерством образования и науки Республики Таджикистан в качестве учебника для высших учебных заведений, 24 статьи, опубликованные в ведущих рецензируемых научных журналах и изданиях, рекомендованных ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства науки и высшего образования Российской Федерации для публикации результатов диссертационных исследований, 4 статьи, опубликованные в журналах, входящих в международные реферативные базы данных и системы цитирования Web of Science и 64 статьи, опубликованные в различных **сборниках конференций и изданиях.**

**За время подготовки диссертационного исследования докторант проявил себя самостоятельным**, добросовестным и зрелым исследователем, способным четко определять и формулировать цели и задачи работы, поступательно достигать и решать их в процессе исследования, критически анализировать юридические источники и научную литературу, творчески мыслить, четко формулировать и обосновывать полученные результаты.

Таким образом, диссертация Рифата Рахмаджона Рахмаджонзода «**Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан»**, представленная на соискание ученой степени доктора юридических наук по специальности 12.00.09 – уголовно-процессуальное право, является законченной научно-

квалификационной работой, в которой на основании проведенных диссертантом исследований разработаны теоретические положения, а их совокупность можно квалифицировать как решение научной проблемы, имеющей социально-экономическое и политическое значение. Внедрение их вносит значительный вклад в развитие науки уголовного процесса.

**Диссертация обладает внутренним единством, содержит новые научные положения** и результаты, выдвигаемые для публичной защиты, что, в свою очередь, свидетельствует о значительном личном вкладе автора в юридическую науку, вследствие чего может быть рекомендована к защите.

По актуальности, научной новизне, теоретической и практической значимости диссертация полностью соответствует требованиям, предъявляемым ВАК при Президенте Республики Таджикистан к работам, предъявляемым на соискание ученой степени доктора юридических наук, а ее автор Р. Р. Рахмаджонзода заслуживает присуждения ученой степени доктора юридических наук по специальности 12.00.09 – Уголовно-процессуальное право.

**ТДУ 343.125.1**




РАХМАДҶОНЗОДА Р.Р.
RAHMADJONZODA R.R.
*Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия*
*Заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по науке, доктор юридических наук, доцент, подполковник милиции*
*Deputy Head of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for Science, Doctor of Law, associate professor, lieutenant colonel of militia*
E-mail: reefat@yandex.ru


## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

## ОТЗЫВ

**официального оппонента на диссертацию Абдуллоевой Мадины Камоловны “Задержание лица по подозрению в совершении преступления”, представленную на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.09 – Уголовно-процессуальное право**

## REVIEW

**of the official opponent of the dissertation of Abdulloeva Madina Kamolovna “Detention of a person on suspicion of committing a crime”, submitted for the degree of candidate of legal sciences in the specialty 12.00.09 – Criminal procedural law**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят”, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҷиҳати ичрои қисми нақшаи дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 дар самти «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2021)» ва дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ барои солҳои 2021-2025 дар самти «Рушди асосҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028)» омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар фазои илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ яке аз мавзуъҳои мубрам дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят мебошад. Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ дониста, эълон менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд, чунин нишондоди конститутсионӣ талаб мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсад ва мазмуни фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд бошад ва ба таври дахлдор таъмин ва ҳифз карда шаванд. Яке аз ифодаи ҳимояи давлатии ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ин таъмини амнияти шаҳрванд дар пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, зеро дар тамоми ҷаҳон афзоиш ёфтани сатҳи ҷинояткорӣ ва зиёд гардидани ҷинояткории муташаккил ба назар мерасад. Дар баробари афзоиши ҷинояткорӣ олами ҷиноят шаклҳои ҳар чи навтару мукаммалтари муқовимат намудан бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқро пайдо менамояд.

Дастгир кардан яке аз намуди чораи маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ мебошад, ки бевосита дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби алоҳида дарҷ гардидааст. Дастгир кардани шахс чораи маҷбуркунии мурофиавие мебошад, ки дар рафти он шахс ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ оварда шуда, ба муҳлати кӯтоҳ дар ҷойҳои махсус бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нигоҳ дошта мешавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 19 кафолат додааст, ки ҳеҷ касро бе асосҳои қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Дастгир кардани шахс танҳо бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ мумкин аст.

Мубрамияти мавзуи мазкурро ҳамчунин муаллиф дуруст арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки барои таъмини тартиби ягонаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, яъне ба амал баровардани адолати судӣ, қонунгузор мақомоти амаликунандаи мурофиаи судии ҷиноятиро (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд) дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқи татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда додааст. Татбиқи ғайриқонунии ин салоҳиятҳо дар навбати худ ба маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо оварда мерасонад. Дар амалия ин салоҳиятҳо бештар дар татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ифода меёбанд. Яке аз онҳо дастгир кардани гумонбаршудагон дар содир кардани ҷиноят мебошад. Он бо вуҷуди сабабҳои гуногун ва масоили ҳуқуқӣ, бо як қатор мушкилиҳо алоқаманд аст, ки иҷрои чораи номбурда асоснокии дақиқро талаб мекунад.

Мубрамияти мавзуи мазкур ҳамчунин бо он асоснок карда мешавад, ки дар доктринаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар самти дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят фикру ақидаҳои ягона оид ба мазмун ва моҳияти мафҳум ва моҳияти «дастгир кардан», «гумонбарӣ», «гумонбаршуда», «дастгиршуда» дар мурофиаи ҷиноятӣ; маҷбуран овардани шахси гумонбар; ошкор кардани асосҳои дастгир кардан; тартиби табдили дастгиркунии воқеӣ ба дастгиркунии мурофиаи ҷиноятӣ ва монанди ҷой надорад. Ҳалли масъалаҳои мазкур рӯзмарра буда, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ доранд. Маҳз ҳалли ин масоил интихоби мавзуи таҳқиқоти илмии муаллифро боз ҳам мубрам мегардонад.

Ҳарчанд дар рисолаҳои илмӣ, асарҳову мақолаҳои олимони ватанӣ А.Л. Арипов, М.С. Ғозиев, З.Ҳ. Искандаров, Н.А. Қудратов, И.Т. Маҳмудов, Х.М. Мирзамонзода, И.С. Муҳаммадиев, А.А. Муҳитдинов, И.А. Одинаев, Р.Ҳ. Раҳимзода, А.Э. Раҳматуллоев, Р.Р. Раҳмадҷонзода, Л.В. Франк ва дигарон баъзе масъалаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ дар доираи маҳдуд мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ, яъне дар сатҳи диссертатсионӣ вобаста ба масъалаи мазкур ҷой надоранд, ва ин ҳолат тақозо менамояд, ки ҳалли масоили

ҷойдошта маҳз тавассути таҳқиқоти маҷмуии мушаххас ҳал карда мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои зикргардида таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, амалияи татбиқи он, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд. Муаллиф ба пуррагӣ тавонистааст, ки дар доираи муқаддима, се боб, нуҳ зербоб ва хулоса моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро баррасӣ кунад.

Дар боби якум, ки "**Мафҳум, моҳият ва аҳаммияти дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят**" ном гирифтааст, фарогири масъалаҳои мафҳуми гумонбарӣ ва намудҳои он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти мурофиавӣ доштани дастгир кардани гумонбаршуда бо гумони содир кардани ҷиноят, ҳолати мурофиавии шахсе, ки ҳамчун гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, мебошад. Дар боби мазкур чунин хулосабарориҳои муаллиф аҳаммияти муҳим доранд: 1) муаллифи дисстертатсия пешниҳод мекунад, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ истилоҳи нав – «гумонбарӣ» истифода бурда шавад, ки он маҷмуъан дар худ тахмин, ақида, хулосаи асосноки мантиқию зеҳнии муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурорро оид ба эҳтимолияти иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят, инъикос мекунад; 2) дар асоси таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки асосҳои дастгир кардани шахс маълумоте мебошанд, ки бо тартиби мурофиавӣ гирифта шудаанд ва барои гумонбар донистани шахс дар содир кардани ҷиноят ба пуррагӣ кифоя мекунанд. Ин чораҳо шартҳои худро доранд, аввалан, ин кӯшиши аз ҷойи ҳодиса ё мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шудан, дуюм агар шахс ҷойи зисти доимӣ надорад ё дар маҳалли дигар истиқомат мекунад ва сеюм – шахсияти дастгиршуда муайян карда нашудааст.

Боби дувуми рисола ба масъалаи "**Асос ва шартҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят**" бахшида шуда, дар он масъалаҳои асосҳои дастгир кардани гумонбаршуда: мафҳум, намуд, тавсифи назариявӣ, амалияи татбиқи он, таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят ва мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Дар боби мазкур чунин хулосабарориҳои муаллиф аҳаммияти муҳим доранд: 1) муаллиф исбот намудааст, ки қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ бояд дар таҳрири зерин ифода шавад: «Мақомоти ваколатдор ҳуқуқ доранд ҳангоми ба вуҷуд омадани гумонбарӣ оид ба дахлдории шахс ба содир кардани ҷиноят ё бевосита боздошт шудани ӯ баъди содир кардани ҷиноят ва дар сурати ҷой доштани яке аз асосҳои зерин қарор дар бораи дастгир кардани гумонбаршударо қабул менамоянд»; 2) муаллиф асоснок менамояд, ки ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ барои эълон кардани айб басанда нест, лекин барои гумонбарӣ басанда аст. Бинобар ин, шахси бо иқрори гуноҳ ҳозиршуда дастгир ва мавқеи ҳуқуқии гумонбаршударо мегирад; 3) муаллиф пешниҳоди асоснок мекунад, ки ба мазмуни мафҳуми «гумонбаршуда» ҳолатҳои зер бояд инъикос карда шаванд: - ба вуҷуд омадани гумонбарӣ танҳо нисбати шахсе, ки ҷиноят содир кардааст; - ошкор кардани асосҳо ба мақсади дастгир кардан, мутобиқи талаботи пешбининамудаи м. 92 КМҶ ҶТ; - қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс, дар ҳолате, ки парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҳолати содир шудани ҷиноят оғоз шуда бошад; - мазмуни пурсиши гумонбаршуда бояд танҳо шарҳи ҳолатҳои содир кардани ҷиноятро аз ҷониби ин шахс дар бар гирад; ба анҷом расидани гумонбарӣ (айбдоршаванда эътироф кардани шахс ё ин ки озод кардани ӯ аз гумонбарӣ бо қарори алоҳида). Чораҳои пешгирӣ танҳо баъд аз шинос кардани гумонбаршуда бо сабабҳои дастгир кардан ва пурсиши ӯ татбиқ карда мешаванд (м.101 КМҶ ҶТ).

Дар боби сеюм, ки "**Тартиби мурофиавии дастгир кардани гумонбаршуда бо гумони содир кардани ҷиноят**", ном гирифтааст, диққати асосӣ

ба ҳалли масъалаҳои тартиби мурофиавии расмиёти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, таъмини ҳуқуқҳои шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир карда шудааст ва озод кардани шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, дода шудааст. Дар боби мазкур чунин хулосабарориҳои муаллиф аҳаммияти муҳим доранд: 1) муаллиф тартиби татбиқи ин чораи маҷбуркуниро омӯхта таклиф дорад, ки дар протоколи дастгир кардани гумонбаршуда ҳолатҳои зерин инъикос карда шавад: ҳолатҳои дастгир кардан, маҳал, вақт ва тарзи содир кардани ҷиноят; арзи шифоҳии шахси гумонбаршуда; фаҳмонидани ҳуқуқу ухдориҳои ӯ; инчунин, фаҳмонида додани талаботи асосии Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда»; - 2) дар натиҷаи таҳлили илмӣ муаллиф ба хулоса омада қайд мекунад, ки дар м.124 КМҶ ҶТ меъёр оид ба тартиби баррасии судии шикояти гумонбаршуда пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар м.124 КМҶ муқаррароти зерин илова карда шавад: «Агар шикояти гумонбаршуда аз ҷониби прокурор, қонеъ нашуда бошад ва ё дар муҳлати муайянкардаи Кодекси мазкур ҳал нашуда бошад, ӯ ҳуқуқ дорад рад намудани қонеъ гардониданро ба суд шикоят кунад»; - 3) муаллиф муқарраротеро асоснок мекунад, ки тибқи он одилона мебуд, ки ҳуқуқ ба барқарор кардани зарари расонидашуда на танҳо барои иштибоҳан гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда эътирофшудагон кафолат дода шавад, балки ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиави судии ҷиноятӣ ва дигар шахсоне, ки иштирокчии бевоситаи мурофиаи ҷиноятӣ набуданд, лекин дар натиҷаи татбиқ шудани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ба онҳо зарар расонида шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна аввалин таҳқиқоти маҷмуӣ бо забони давлатӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Дар он мафҳуми гумонбарӣ ва намудҳои он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти мурофиавӣ доштани дастгир кардани гумонбаршуда бо гумони содир кардани ҷиноят, ҳолати мурофиавии шахсе, ки ҳамчун гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, асосҳои дастгир кардани гумонбаршуда: мафҳум, намуд, тавсифи назариявӣ, амалияи татбиқи он, таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, тартиби мурофиавии расмиёти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, таъмини ҳуқуқҳои шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир карда шудааст ва озод кардани шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, аз нигоҳи илмӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд, ки навгонии таҳқиқоти мазкурро дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бозгуӣ менамоянд. Чунин пешниҳодҳои муаллиф хусусияти навгониро доранд:

**1.** Муаллиф моҳияти гумонбариро бо назардошти меъёрҳои ҷорӣ муайян кардааст. Мутобиқи хулосаҳои ӯ гумонбарӣ моҳияти расмӣ, мурофиавии ҷиноятӣ дорад: а) гумонбарӣ – унсури асосии таъқиби ҷиноятӣ – функсияе мебошад, ки аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ мешавад; б) гумонбарӣ – хулосаи ибтидоӣ ва зеҳнии шахсони мансабдори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи оне, ки шахс метавонад ба ҷинояти содиршуда дахл дошта бошад; в) гумонбарӣ асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва татбиқи чораи дастгиркунӣ мебошад.

**2.** Дастгир кардан – маҳдудкунии муваққатии ҳуқуқҳо ва озодии шахс дар содир кардани ҷинояти дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин буда, қарор дар хусуси он танҳо дар асоси қонунгузории

мурофиавии ҷиноятӣ қабул карда мешавад. Мазмуни дастгир кардан бо пайдарҳамии якчанд амалҳои мурофиавӣ ифода меёбад: боздошт намудан, иҷборан ба мақомот овардан, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳо, кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ ва нигоҳ доштан дар тафқифгоҳи муваққатӣ.

**3.** Дастгир кардани гумонбаршуда, интиқол додани ӯ ба мақомоти тафтишоти пешакӣ, барасмиятдарории протокол қисми таркибии дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Аз лаҳзаи барасмият даровардани қарор дар бораи гумонбаршуда донистани шахс дар содир кардани ҷиноят ё аз лаҳзаи дастгир кардани воқеӣ, шахс дастгиршуда ба ҳисоб рафта, то қабули қарор дар бораи ба ҷавобгари ҷиноятӣ ба сифати айбдоршаванда кашидан ё то озод кардан дар чунин мавқеъ боқӣ мемонад.

**4.** Муаллиф пешниҳод мекунад, ки мазмуни мафҳуми “гумонбаршуда” бояд унсурҳои таркибии зеринро дар бар гирад:

– ба вуҷуд омадани гумонбарӣ;

– муайян кардани асосҳои дар м. 92 КМҶ ҶТ пешбинишуда;

– қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс, агар парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳодисаи ҷиноят оғоз шуда бошад;

– пурсиши гумонбаршудаи воқеӣ;

– ба итмом расидани гумонбарӣ (ин эътироф кардани шахс ба сифати айбдоршаванда ё ин ки озод кардани шахс аз гумонбарӣ).

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур шудаанд, шаҳодат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ бахри рушди илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, таҷдиди қонунгузории соҳа ва бартараф намудани мушкилиҳои амалияи тафтишотӣ ва судӣ равона гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, масоили қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводди илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи рисолаи илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст миқдори зиёди маводди илмиро дар мавзуъ таҳлил кунад, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба Конститутсияи ҶТ, қонунгузории байналмилалӣ, КМҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар ҶТ (2018-2028), КҶ ҶТ, қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «Дар бораи милитсия», Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ (2007-2021) асос ёфтааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия, бешубҳа, арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ оид ба дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд барои такмили китобҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ”, “Расмиёти мурофиаи ҷиноятӣ” ва ғайра истифода шаванд. Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи судӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар КМҶ ҷой додани меъёр дар шакли зайл: 1) моддаи 92 КМҶ ҶТ бояд «Асосҳои дастгир карданани шахси гумонбар» номида шавад; 2) дар м. 53 КМҶ ҶТ лозим аст, ки илова оид ба иштироки ҳатмии ҳимоятгар ҳангоми ҷалб кардани шахс ба сифати гумонбаршуда ворид карда шавад; 3) пешбинӣ намудани ҳуқуқи гумонбаршуда дар сатҳи қонунгузорӣ оид ба изҳори раддия ба шоҳид, ки он бояд асоснок карда шавад; 4) дар м. 120 КМҶ ҶТ муқаррароти зерин бояд ворид карда

шавад: муҳлати баррасии шикояти дастгиршуда 24 соат мебошад ва дигар таклифу пешниҳоди муаллиф аз аҳаммияти амалӣ холӣ набуда, боиси дастгирӣ мебошад.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мавҷудбударо як нав ислоҳ менамоянд.

**Эродҳо ба диссертатсия ва авторефати он**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Абдуллоева Мадина Камоловна дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотиояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

1. Вобаста ба яке аз вазифаҳои таҳқиқот – ин муайян намудани ҳолати ҳуқуқии дастгиршуда (саҳ. 10 диссертатсия), қисман дар мавзуи (предмети) таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷудо истифода гардидани истилоҳи “дастгиршуда” ва “гумонбаршуда” (саҳ. 11 диссертатсия), ҳамзамон, дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона истифода шудани истилоҳи “дастгиршуда” (дар мм. 6, 11, 22, 49-51, 91, 92, 94, 95, 99, 100, 119, 176, 461) ва дар матни диссертатсияи таҳқиқшаванда (саҳ. 9-11, 15, 19, 20, 23, 26, 42-45 ва ғ.) шаҳодати онро дорад, ки истилоҳоти мазкур зарурат доранд барои тафовут намудани онҳо дар матни қонунгузории соҳавӣ, бахусус дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муаллиф зарурати ҷудо намудан ва ба сифати иштирокчии (субъекти) алоҳидаи муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ эътироф намудани дастгиршударо ҳамчун чораи зарурӣ ҷиҳати мукаммал намудани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ эътироф менамояд ё не?!

2. Тибқи м. 93 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсеро, ки ҷиноят содир кардааст ё баъди содир кардани ҷиноят кӯшиши пинҳон шуданро дорад, дастгир карда, маҷбуран ба мақомоти ҳокимият супорад. Муқаррароти ин модда яке аз дастовардҳои илм ва амалияи мурофиаи судии ҷиноятии ватанӣ мебошад, ки аз демократӣ будани ин соҳаи мустақили ҳуқуқ шаҳодат медиҳад. Қаблан бояд тазаккур дод, ки амалишавии ин ҳуқуқи шаҳрвандон дар ҷумҳурӣ дар маълумоти омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷой дода намешавад. Ҳамзамон, ба муаллиф чунин савол-тавсия пешниҳод мешавад: оё муаллиф ин ҳуқуқи шаҳрвандонро ҳамчун яке аз навоварӣ дар институти дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят эътироф ё рад менамояд.

3. Дар матни таҳқиқоти диссертатсионӣ (саҳ. 89 диссертатсия) тавассути як сархат муҳтавои як масоили фармоиши якҷояи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводди нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»»» таҳти № 5-60: № 46: № 98-«а»: № 40: № 463/1 аз 24.10.2012 с. ва № 73 аз 17.11.2012 с. таҳлил гашта, он дар дигар қисматҳои диссертатсия аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Дар ин радиф тавсия карда мешавад, ки дар таҳқиқоти оянда ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода карда шавад.

4. Дар заминаҳои эмпирикии таҳқиқот муаллиф нишон додааст, ки маводди амалияи прокуратураи вилояти Суғд, РВКД-и ҶТ дар вилояти Суғд, шуъбаи тафтишотии ШВКД дар шаҳри Хуҷанд, инчунин, 104 парвандаҳои ҷиноятии давраи солҳои 2016-2022, аз ҷониби муаллиф мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Вале таҳқиқи рисола нишон медиҳад, ки дар он маводди камтар таҳлил карда шудааст. Шарҳи муаллифро вобаста ба сабаби кам истифода гардидани маводди амалӣ, дарҷ нагардидани масоили таҳлилшуда дар замимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дар миқёси як вилоят

гузаронида шудани таҳқиқот дар рафти ҳимоя зарур мешуморем.

Албатта, камбудиҳо ва тавсияҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ инъикос шудаанд. Аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр шудаанд. Мазмун ва муқаррароти асосии диссертатсия дар интишороти илмӣ ва маърузаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ оид ба масъалаҳои амалишавии КМҶ ҶТ, дар Конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои актуалии илмии ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли он: назария ва амалия» (29-30 ноябри соли 2018, ки дар ш. Хуҷанд), дар Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ», ки аз ҷониби Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст (7 декабри соли 2018, ш. Душанбе), инъикос гардидаанд. Маводди таҳқиқот аз тарафи муаллиф ба Вазорати адлияи ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ фиристода шуда, тавсияҳои амалии он ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «Барасмиятдарории санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ» дар факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия**

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят" ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, сифати мусбати диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд, дар таҳқиқоти илмии дигар дар мавзуи-дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят мавриди корбарӣ қарор гирифта метавонанд.

**Қисмати хотимавии тақриз**

Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат гувоҳӣ он аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдуллоева Мадина Камоловна "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят" комилан ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Бояд қайд намуд, ки хулоса ва пешниҳодҳои он метавонанд дар такмили КМҶ ҶТ истифода бурда шуда, ба таҳкими қонунӣ ва асоснок будани дастгир кардан, пурзӯр кардани кафолати ҳуқуқҳои гумонбаршуда мусоидат намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳангоми коркарди маводди таълимӣ ва методӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурда шаванд.

Дар умум, Абдуллоева Мадина Камоловна, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

# МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН

## ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ
## TRIBUNE OF YOUNG SCIENTISTS

ТДУ 340.115:343.01

# ҶАРИМА ҲАМЧУН НАМУДИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР НИЗОМҲОИ ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚИ ТОҶИКИСТОН

# ШТРАФ КАК ВИД ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ В ИСТОРИЧЕСКИХ ПРАВОВЫХ СИСТЕМАХ ТАДЖИКИСТАНА

# FINE AS A TYPE OF LEGAL LIABILITY IN THE HISTORICAL LEGAL SYSTEMS OF TAJIKISTAN

АХАДЗОДА А.А.
AHADZODA A.A.
*Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета*
*Applicant of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University*



E-mail: ubaydullo_azizov @mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (5.1.4. Илмҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ).
*Научная специальность:* 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право (5.1.4. Уголовно-правовые науки).
*Scientific specialty:* 12.00.08 - Criminal law and criminology; penal law (5.1.4. Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда*: АЗИЗЗОДА У.А. - мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (роҳбари илмӣ).
*Рецензент*: АЗИЗЗОДА У.А. - заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор (научный руководитель).
*Reviewer:* AZIZZODA U.A. - Head of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University, Doctor of Law, Professor (scientific supervisor).

*Аннотатсия*: Дар мақола масъалаи инкишофи ҷарима ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зимни таҳқиқи масъалаи мазкур муаллиф андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва муқаррароти қонунгузории давраи амали низоми ҳуқуқии Тоҷикистони тоинқилобиро ба инобат гирифта, ташаккул ва инкишофи ҷаримаро муайян кардааст ва ба хулосае омадааст, ки дар давраи баррасишаванда ҳуқуқи империявӣ дар сарзамини Тоҷикистон амал мекард, вале меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ҳанӯз аз байн нарафта буданд, баръакс, дар омехтагӣ бо ҳуқуқи империявӣ амал намуда, муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҷаримаро танзим менамуданд.
*Вожаҳои калидӣ:* ҷарима, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, инкишоф, низоми ҳуқуқӣ, ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ, Тоҷикистони тоинқилобӣ.

*Аннотация*: В статье рассматривается вопрос развития штрафа как вида юридической ответственности в правовых системах Таджикистана. В ходе исследования автор учел мнения отечественных и зарубежных ученых и законодательные положения периода функционирования правовой системы дореволюционного Таджикистана, определил формирование и развитие штрафа и пришел к выводу, что в рассматриваемый период на территории Таджикистана действовало имперское право, но нормы мусульманского права еще не исчезли, напротив, они действовали в сочетании с имперским правом и регулировали правоотношения, в том числе и штрафы.
*Ключевые слова:* штраф, юридическая ответственность, развитие, правовая система, зороастрийское право, мусульманское право, дореволюционный Таджикистан.

Annotation: The article examines the development of fines as a type of legal liability in the legal systems of Tajikistan. During the study, the author took into account the opinions of domestic and foreign scientists and legislative provisions of the period of functioning of the legal system of pre-revolutionary Tajikistan, determined the formation and development of fines and came to the conclusion that during the period under review, imperial law was in effect on the territory of Tajikistan, but the norms of Muslim law had not yet disappeared, on the contrary, they operated in combination with imperial law and regulated legal relations, including fines.
*Key words:* fine, legal liability, development, legal system, Zoroastrian law, Muslim law, pre-revolutionary Tajikistan.

Ҷарима ҳамчун навъи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, марҳилаҳои гуногуни инкишофро тай намуда, то ба замони мо омада расидааст. Барои пурра мавриди омӯзиш қарор додани таҳаввули ҷарима дар Тоҷикистони таърихӣ лозим меояд, ки даврабандии он муайян карда шавад. Ба андешаи мо, инкишофи ҷарима ҳамчун навъи ҷавобгарии ҳуқуқӣ давраи амали низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравиро аз сар гузаронидааст. Бинобар ин, даврабандии инкишофи ҷаримаро метавон вобаста ба давраи амали низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ҷудо намуд. Аммо, дар таърихи ҳуқуқ даврабандӣ вобаста ҳаводиси муҳимми таърихӣ кам нестанд.

Баъзе муҳаққиқон ҷаримаро вобаста ба ташаккули қонунгузории соҳаи ҷиноятӣ пешниҳод намудааст. Ба андешаи номбурда, ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла, низоми ҷазоҳоеро, ки дар қаламрави Тоҷикистон вуҷуд дошт, метавон ба се давра тақсим кардан мумкин аст:

1) қонунгузории ҷиноятӣ, ки аз соли 1747 то соли 1928 дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон амал мекард;

2) қонунгузории ҷиноятӣ, ки аз соли 1928 то соли 1998 амал мекард;

3) қонунгузории муосири ҷиноятии Тоҷикистон, аз соли 1998 то имрӯз [17, с. 41].

Даврабандии дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла, институти ҷарима, дар Тоҷикистон роҳи дуру дароз ва хеле печидаи таҳаввулотро тай кардааст. Ҳар як давраи таърихии Тоҷикистон низоми муҷозоти худро дошт, ки баъзан навъҳои хеле мухталифи ҷазоро дар бар мегирифт, аз ҷумла навъи ҷаримаро. Ҳарчанд

ҷарима дар марҳилаҳои таърихӣ бо номҳои гуногун ифода карда мешуд, вале моҳиятон он ба маънои имрӯза ҳамчун ҷазои молумулкӣ фаҳмида мешуд.

Дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷарима бисёр маъмул буд. Вай тақрибан барои ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла, ҷиноятҳо истифода мешуд. Ҳатто дар яке аз меъёрҳои Авасто дар баробари ҷазои ҷисмонӣ ё дигар намуди ҷазо, ҷарима ҳамчун ҷазои асосӣ ё иловагӣ пешбинӣ шудааст.

Масалан, дар қисми 3-и фаргарди 4, сатрҳои 17-21-и Вандидод барои содир намудани ҷиноятҳои зидди саломатии инсон дар категорияи огерепта ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Дар сатрҳои 20 ва 21 дар бораи додани ҷарима барои ин категорияи ҷиноятҳо шарҳу эзоҳоти мушаххас оварда шудааст. Масалан, агар касе ҷинояти огерепта содир карда, аз додани ҷарима саркашӣ кунад, дар ин маврид вай ҷинояткори категорияи пешутану шуда, ӯ бо 200 зарбаи тозиёнаи асп ва асо ҷазо дода мешавад [1, с. 486-487].

Дар меъёри мазкур сухан дар хусуси оқибатҳои напардохтани ҷарима меравад, ки тибқи меъёрҳои Авесто насупоридани ҷарима боиси ба вуҷуд омадани навъи ҷиноят ва ҷазои дигар мегардид. Чунин меъёр гувоҳи он аст, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷарима яке аз навъҳои ҷазои ҳуқуқии маъмул ба ҳисоб мерафт.

Бо рушди муносибатҳои пулӣ дар давраҳои минбаъда ҷарима ба намуди махсусан татбиқшавандаи ҷазо табдил меёбад. Он тақрибан барои ҳама гуна ҷиноятҳо истифода мешуд. Ба андешаи У.А. Азиззода, ҷазо барои содир кардани ҷинояти зидди саломатии инсон хусусиятҳои худро дошт. Барои лату кӯб маблағи ҷарима аз шумораи зарбаҳо ва оқибатҳои он вобаста буд [2, с. 103].

Дар ин хусус А.Г. Периханян қайд мекунад, ки андозаи ҷарима аз вазнинии ҷинояти содиршуда ва аҳаммияти объекти ҳифзшаванда вобаста буд. Масалан, барои таҷовуз ба номуси ноболиғ 600 драхма, барои зино бо зани дигар 300 сатер ва ғайра муқаррар шудааст [12, с. 256].

Аз меъёри мазкур бармеояд, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷарима барои зинои оддӣ 300 сетер ва барои зинои вазнин (яъне, бо ноболиғон) 600 драхма пешбинӣ шуда буд. Аз ин меъёр ду ҳолатро ҷудо кардан мумкин аст: якум, дар он ҷазо барои зино дар шакли ҷарима ва дар меъёри хеле кам муқаррар шудааст, ҳол он ки зино ҷазои дорои хусусияти молумулкӣ намебошад; дуюм, аз меъёр маълум мегардад, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷиноят нисбати ноболиғон, махсусан ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбати дигар категорияҳо ҷавобгарии вазнин доштааст. Маврид ба зикр аст, ки чунин тафовут дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии кишвар низ муқаррар шудааст. Эҳтимол заминаи нахустини ҳуқуқии худро аз меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ гирифтааст.

Дар дигар сарчашмаҳо таносуби хосси ҷаримаҳо дар ҳолати бо ҷаримаи пулӣ иваз намудани муҷозот дар шакли зарба ва асо оварда шудааст. Масалан, А.Ғ. Холиқзода қайд мекунад, ки барои гуноҳи танофуҳр ё маргарзан 300 сатер ҷарима ситонида мешуд, ки ба 1200 дирҳам баробар буд. Агар танофуҳр ё маргарзан ҳамчун ҷинояти гурӯҳи пешутану ҷинояте шумурда шавад, ки бо 200 зарбаи аспаҳеаштра ва 200 зарбаи сраушчарна ҷазо дода мешуд, пас як зарбаи аспаҳеаштра ё сраушчарна баробари 3 дирҳам аст [19, с. 367].

Дар Қонуномаи Сосониён маблағи ҷарима дар мавриди содир кардани ҷиноят аз рӯи ду ва зиёда факт муқаррар карда шудаанд. Масалан, барои дуздидани зани дигар ин тавр ҷарима пардохт мешуд: 500 драхма «барои гирифтан» + 700 драхма барои зино. Муқаррароти дигар ин буд, ки маблағи ҷарима барои як ҷазо набояд аз 300 сатер зиёд бошад, яъне, 1200 драхма. Ҷаримаи умумӣ барои содир кардани якчанд кирдор низ наметавонад аз меъёри ҳадди аксар - 300 сатер зиёд бошад [12, с. 256].

Аз ин меъёрҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ ҳадди ниҳоии маблағи ҷарима қаблан муқаррар шуда буд ва аз он зиёда татбиқ кардан иҷозат дода намешуд. Лозим ба ёдоварист, ки чунин ҳолат, яъне ҳадди ниҳоии ҷаримаи татбиқшаванда дар

қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии кишвар низ мавҷуд мебошад.

Дар ин давра ҷазоҳои ҷисмонӣ ва ҷаримавӣ ҷудо карда мешуданд ва ба ҳамин тариқ ҷазоҳо хусусияти молумулкӣ пайдо кардаанд. Барои содир кардани баъзе ҷиноятҳо ҷавобгарии коллективӣ (ҷавобгарии муштараки оила барои содир намудани ҷиноят аз ҷониби яке аз аъзои он) пешбинӣ шудааст, ки аз ҷазои ҷаримавӣ иборат буд [2, с. 24].

Аломатҳои бандубасти ҷиноят дар ин ҳолат такрор ва саркашӣ аз пардохти ҷарима ба ҳисоб мерафтанд, ки тибқи он шахс ҷинояткори пешутану эътироф шудааст. Мутобиқи баъзе андешаҳо шахсе, ки гуноҳи пешутану содир мекард бо додани ҷарима гуноҳаш бахшида намешуд [21, с. 50]. Бархе аз олимон бар ин назаранд, ки фарди гунаҳкор ба ин ҷиноят ҳар дафъа пас аз анҷоми ин амал бояд ҷарима пардозад ва агар аз пардохти ҷарима сарпечӣ кунад, гуноҳаш пешутану мешавад [2, с. 78].

А.Г. Периханян қайд мекунад, ки барои содир кардани ҷиноятҳои категорияҳои огерепта 12-16 сатер, барои арэдуш 30 сатер, барои хвар 60 сатер, базӣ 90 сатер, барои ёт 180 сатер ва барои танафухр 300 сатер ҷарима муқаррар карда шудааст [12, с. 256]. Бояд гуфт, ки баъзе аз ҷазоҳое, ки дар он давра татбиқ мешуданд, хусусияти ислоҳнамоии шахси ҷиноятсодиркардаро доштанд.

Масалан, чунин намудҳо метавонанд асосан ҷазоҳои нангинро дар бар гиранд, аз қабили хориҷ кардани номи шахс аз рӯйхати шахсони наздик ба шоҳ, дур шудан аз ҷойи иқомат, ҷарима ва баъзе ҷазоҳои ҷисмонӣ ва ғайра. Яъне, татбиқи ҷарима дар ҳуқуқи зардуштӣ хусусияти ислоҳнамоиро доштааст. Баъзе чизҳо наметавонистанд предмети ҷарима шаванд. Масалан, чизе, ки маҳкумшуда то содир кардани ҷиноят мувофиқи созиш ба шахси дигар дода буд, гирифтан мумкин нест. Вайро аз соҳиби нави ин амвол гирифтан мумкин набуд ва ҳатто чизҳое, ки пеш аз ҷиноят ба рӯйхати васиятнома дохил шуда буданд, ҳамчун ҷарима гирифтан мумкин набуд.

Мушкилоти дигари ин навъи муҷозот ин буд, ки ҷарима ба кӣ пардохт карда мешавад. Бархе аз донишмандон қайд мекунанд, ки ҷарима ба ҷабрдида пардохт шуда, амволи мусодирашуда ба хазинаи давлат гузаронида мешуд. Ё ин ки маблағи ҷарима ду баробар зиёд шуда, нисфи он ба ҷабрдида ва нисфи он ба хазинаи давлат гузаронида мешуд [19, с. 256-267]. Вобаста ба намуди ҷиноятҳои содиршуда ҷаримаҳо ба фоидаи маъбадҳо, давлат ё зарардидагон ситонида мешуданд. Масалан, барои ҷиноятҳои алоҳида дар замони зардуштии классикӣ ҷарима ба фоидаи маъбадҳо ва мазорҳои мубадон ситонида мешуд. Баъдтар, вақте ки давлат мустаҳкам шуд, қисми зиёди ҷарима ба хазинаи давлат ворид шудан гирифт.

Ҷарима ҳамчун навъи ҷазо дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ низ амал мекард, вале нисбатан маҳдуд, зеро дар ҳуқуқи мусулмонӣ ҷазоҳои ҷисмонӣ бештар маъмул буданд. Новобаста аз ин, ҷарима ҳамчун ҷазо вуҷуд дошт. Масалан, ба андешаи У.А. Азиззода, барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ дар ҳуқуқи мусулмонӣ дар баробари дигар ҷазоҳо ҷазои ҷарима татбиқ карда мешуд [2, с. 199]. Дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ бисёре аз ҷазоҳо хусусияти моддӣ доштанд, аз ҷумла ҷарима [2, с. 204].

Дигар муҳаққиқон дар ин хусус қайд менамоянд, ки ҷазои мазкур барои ҷиноятҳое татбиқ мешуд, ки хусусияти моддӣ доштанд, аз ҷумла, иҷро накардани ягон ӯҳдадории дорои хусусияти моддӣ, насупоридани закот, савдо кардани молҳои манъшуда ва ғайра [20, с. 105-107]. Б

Ба андешаи Э.Б. Буризода, дар ҳуқуқи мусулмонӣ ба қарори худи ҷабрдида вобаста буд, ки ҷаримаро қабул кунад, аз даъво ё ҷазо додани ҷинояткор даст кашад [6, с. 152-153]. Маврид ба зикр аст, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ ҷарима тибқи меъёрҳои он татбиқ карда мешуд, вале дар шакл ва номи дигар амал мекард. Аз ҷумла, бо номи “дия”, “хунбаҳо” дар шакли пардохти арзиши хуни резонидашуда.

Дар ҳуқуқи мусулмонӣ ҷазои навъи “дия” маъмул буд, ки арзиши хуни рехташударо ифода карда, моҳиятан ҳамчун ҷарима баромад мекард. Ин навъи ҷазо дар марҳалаи аввали ислом он танҳо барои куштор пардохта мешуд, вале баъдан барои зарар ба қисмҳои алоҳидаи бадан низ пардохт мегардид. Ҷазои «дия»-ро дар Аморати Бухоро «хунбаҳо» (айнан - нархи хун) меномиданд. Андозаи «хунбаҳо» аз ҷинс ва мақоми иҷтимоии ҷабрдида, инчунин, аз намуди куштор вобаста буд. «Дия»-и комил тибқи шариат 100 шутур ё муодили он 1000 динори тилло ё 10000 дирҳами нуқра буд. Агар ба зани ҳомила зарари ҷисмонӣ расонида шуда, дар натиҷа таваллуди пеш аз муҳлат ва тифли мурда таваллуд шавад, гунаҳкор бояд ба андозаи 500 дирҳам «дия» медод. Нисфи «дия» барои зарари як чашм, як даст ё гуш дода мешуд [15, с. 155-156].

Ин намуди ҷазо дар давраи тобеъи Россияи подшоҳӣ будани Осиёи Миёна бо ҳуқуқи империявӣ амал мекард. Дар ин хусус И.Р. Тулиев қайд мекунад, ки ин навъи ҷазо дар аморати Бухоро хеле паҳн шуда буд. Дар ин бора ҳуҷҷате шаҳодат медиҳад, ки ба давраи ҳукмронии Абдулмуъминхон писари амир Музаффар дар бекигарии Ҳисор, тааллуќ дорад. Солҳои 1880-1881 амири Бухоро ҳамчун фармон ба писараш бо мазмуни зайл мактуб мефиристонад: «Муҳтарам Сайидамир Абдулмуъмин! Бидонед, ки Мулло Алибой, мулло Тағоймурод аз Регар шикоят карданд, ки Эшмуҳаммадбой аз ин ҷойҳо аз даъвои худ даст кашида, бо дигар сарватмандони муътабар бо роҳи осоишта розӣ мешавад. Онҳо пардохти хунро дар шакли андоз аз мардуми оддӣ гузошта, ваъда доданд, ки онҳоро бармегардонанд. Ин одамон омада, аз ман хоҳиш карданд, ки адолатро барқарор кунам. Агар ҳамон тавре ки мегӯянд, воқеа чунин бошад, пас онҳоро боздоред, агар чизи дигар бошад, қарор қабул кунед. Соли 1298 (соли ҳиҷрӣ)» [17, с. 48]. Дар ин мактуб сухан дар хусуси он меравад, ки барои хуни рехташуда метавонанд тарафҳо бо роҳи осоишта ба созиш омада, бо муқаррар ва пардохт кардани арзиши он масъаларо ҳал кунанд.

Баъди ба империяи Россияи подшоҳӣ ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дар вилоятҳои Тоҷикистони Шимолӣ, ки ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил мешуданд, қонуни ҷиноятӣ ва мақомоти судии Россияи подшоҳӣ амал мекарданд. Қисми дигари тоҷикон дар аморати Бухоро баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна сохти пештараи давлатӣ, маъмурияти худро ба таври расмӣ нигоҳ дошт, вале дар айни замон тобеи Россияи подшоҳӣ буд. Дар давраи баррасишаванда ҳуқуқи империявӣ дар сарзамини Тоҷикистон амал мекард, вале меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ҳануз аз байн нарафта буданд, баръакс дар омехтагӣ бо ҳуқуқи империявӣ амал намуда, муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҷаримаро танзим менамуданд. Бинобар ин, дар ин давра аксари санадҳои нави қабулнамудаи Россияи подшоҳӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар ҳудуди Тоҷикистон низ амал менамуданд.

Дар ин давра яке аз санадҳои ҳуқуқие, ки ҷаримаро ҳамчун ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар сарзамини Тоҷикистон ба танзим медаровард ин Кодекси ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ буд, ки санаи 15-уми августи соли 1845 (минбаъд – Кодекси соли 1845) қабул гардидааст. Доир ба қабули ин санад муҳаққиқон қайд мекунанд, ки бо ташаббуси М.Н. Сперанский, кори тартиб додани лоиҳаи кодекси нави ҷиноятӣ оғоз ёфта, дар ниҳоят соли 1845 Кодекси ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ тасдиқ карда шуда, соли 1846 эътибор пайдо кард. Дар қисми умумии санади мазкур Кодекси ҷиноятии Фаронса аз соли 1810 («Кодекси Наполеон»), инчунин дигар кодексҳои Аврупо инъикос шудааст [18, с. 19]. Қабули санади мазкур дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳам Россияи подшоҳӣ ва ҳам Тоҷикистони таърихӣ як қадами нав ва муҳим ба ҳисоб мерафт.

Оид ба танзими ҳуқуқии ҷарима дар ин санади ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, дар Кодеки мазкур номгӯи ҷазоҳо мавҷуд буд, ки бо ҷазоҳои пулӣ вобаста буданд. Дар зери мафҳуми “ҷаримаҳои пулӣ” дар

Кодекси ҷазои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ дар соли 1845 ҷарима ба маънои муосираш фаҳмида мешуд [4, с. 19]. Дар санади мазкур ситонидани пулӣ ҳамчун пеня ва ҷарима муайян карда шудааст. Тибқи муқаррароти қонун ҷарима ба андозаи муайяне, ки дар моддаи мушаххаси Қисми махсуси ин санад нишон дода шудааст, ситонида мешавад ва андозаи он ба вазнинии ҷинояти содиршуда ва гуноҳи гунаҳкор вобаста мебошад.

Дар аксари меъёрҳо қонунгузор танҳо ҳадди болоии ҷазоҳоро нишон дода, бо ҳамин ба суд имконият медиҳад, ки андозаи ҷазоро дар ҳар як ҳолати мушаххас инфиродӣ намояд [8, с. 29]. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки андозаи ҷарима ва татбиқи он дар меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси мазкур муқаррар шуда буданд ва татбиқ намудани он барои ҳар як шахси ҷиноят содирнамуда ба салоҳиди суд вогузор гардида буд.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз вазифаҳои қонунгузор дар ин марҳилаи таърихӣ ба тартиб даровардани низоми ҷазо, яъне, муқаррар намудани таносуби ҷазоҳо ба вазнинии кирдорҳои ҷиноятӣ ва ба таври асоснок маҳдуд кардани худсарии судӣ дар таъини ҳукм ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин, таҳлили меъёрҳои санади мазкур нишон медиҳад, ки он ҷазоҳоро ба як низом, зинапояи қатъии баёншудаи ҷазоҳо ворид намудааст. Аз нуқтаи назари техникӣ, иеархияи ҷазоҳо ҳамчун низоме фаҳмида мешуд, ки дар он ҳама намуди ҷазоҳо, ки аз рӯи вазнинии муқоисавӣ ба намудҳо ва дараҷаҳо тақсим мешаванд, бо тартиби муайяни пайдарпай ҷойгир карда мешаванд, то муносибати байни ду дараҷаи баҳамистода ҳамеша ягона ба назар мерасад, новобаста аз он ки онҳо ба ин дараҷаҳо ба як намуди ҷазо тааллуқ доранд ё ба ду навъҳои гуногун.

Ислоҳоти давлатии солҳои 1860-1870 боиси тағйирот дар қонуни ҷиноятии Россияи подшоҳӣ гардида, дар натиҷа ба инкишофи ҷарима дар Тоҷикистон низ таъсир расонид. Дар солҳои 1866-1885 таҳрирҳои нави Кодекси ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ қабул карда шуданд. Бояд гуфт, ки чунин тағйирот ба низоми ҷазоҳо низ таъсир расонид. Пеш аз ҳама, ҷазоҳои ҷисмонӣ бекор карда шуданд. Ҳама ҷазоҳо ба асосӣ, иловагӣ ва ивазкунанда тақсим карда шуданд. Аммо қонунгузор ҷаримаро ҳамчун ҷазои асосӣ муайян кард. Баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки тағйирот дар танзими ҳуқуқии ҷарима чандон назаррас набуд. Масалан, мувофиқи моддаи 85 суд вазифадор буд, ки дар ҳукм андозаи ҷазои ивазкунандаро дар ҳолати муфлисшавии маҳкумшуда ба ҷарима муайян кунад. Ҷарима вобаста ба андозаи он метавонад бо ҳабс (маблағи ҷарима аз сесад рубл зиёд набуд), аз озодӣ маҳрум кардан (маблағи ҷарима зиёда аз сесад рубл буд) ё кори ҷамъиятӣ (даромад) иваз карда шавад [8, с. 30].

Моддаи 30-и Кодекси мазкур номгӯи ҷазоҳоро дар бар мегирифт, ки дар байни онҳо ситонидани пулӣ дар ҷои охирин қарор дошт. Моддаи 1-и Оинномаи сулҳ дар шумораи ҷазоҳое, ки адлияи сулҳ таъин мекунад, инчунин пардохтҳои пулӣ (на бештар аз сесад рубл) дохил карда шудааст. Дар моддаи 41 омадааст, ки ҳангоми таъини ҷазои пулӣ, ки бо қонун танҳо як миқдори зиёдтар муайян шудааст, он метавонад бо салоҳдиди суд сабук карда шавад [18, с. 20]. Аз ин андеша бармеояд, ки сухан дар бораи сабук кардани ҷазо ба он маъно меравад, ки мо айни замон онро дарк мекунем, яъне, тибқи қонунгузории ҷиноятии муосир. Аммо дар асл ин муқаррарот тартиби ситонидани ҷаримаро бо муҷозоти нисбатан муайяни меъёри Қисми махсус танзим мекард.

Масалан, моддаи 1276 муқаррар мекард, ки барои ҳар гуна рафтори қабеҳ, ки меҳмонони биржаро таҳқир мекунад, ҷавобгариро дар шакли ҷаримаи пулӣ на бештар аз ҳафт рублу панҷоҳ копек муқаррар кардааст. Ба андешаи И.А. Подройкина, дар Оиннома соли 1863 «Дар бораи ҷазоҳое, ки судяҳои сулҳ татбиқ мекарданд» намудҳои ҷазо дар моддаи 1 ва қайди он муайян карда шудаанд. Онҳо чор намуданд:

а) аз озодӣ ба муҳлати на бештар аз як солу шаш моҳ маҳрум кардан;

б) ба ҳабс гирифтан ба муҳлати на бештар аз се моҳ;

в) ҷаримаҳои пулӣ ба андозаи на бештар аз 300 рубл; г) танбеҳ, эрод ва сарзаниш [13, с. 43].

Т.В. Васильева андозаи ҷаримаро тибқи Кодекси соли 1845 аз 5 тин (копейки) то 3000 рубл нишон додааст [8, с. 29]. Аммо бисёре аз андешаҳои боло андозаи ниҳоиро на 3000, балки 300 рубл нишон медиҳанд. Ҳамин тавр, аз андешаҳои мазкур маълум мегардад, ки андозаи ҷарима мутобиқи Кодекси соли 1845 гуногун буда, аз панҷ копек то се ҳазор рублро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки аз меъёри муқарраркардаи санад зиёд таъин намудани ҷаримаҳои пулӣ иҷозат набуд.

Мувофиқи Кодекси соли 1845, ҷарима ба низоми ҷазоҳои ислоҳкунанда тааллуқ дошта, яке аз намудҳои асосии ҷазо ҳисоб мешуд. Ҷаримаи пулӣ бо се роҳ таъин карда мешуд. Дар аввал ҷарима бо воҳиди муомилоти пулӣ, бо тартиби муҷозот нисбат ба андозаи муайян таъин карда мешуд, ки ин ба судя имкон медиҳад то маблағи ҷаримаро бо молу мулки гунаҳгор муқоиса намояд. Аз рӯйи усули дуюм ҷарима аз рӯйи тартиби ҷазои нисбатан алтернативӣ муайян карда мешуд, ки ба судя имкон медиҳад то ҷарима ё ҷазои дигарро таъин намояд. Сеюм, маблағи ҷарима танҳо аз рӯи меъёри муайян кардани он муқаррар карда мешуд, масалан, се баробар муқобил аз нархи дуздидашуда ва ғайра [10, с. 19].

Ҳангоми таҳлили низоми ҷазоҳои қонунгузории нимаи дуюми асри 19 ва ибтидои асри 20 маълум мешавад, ки чун дар қонунгузории пештара дар ҳамаи манбаъҳои ин давра чунин намуди ҷазо, ба монанди ҷарима (ҷаримаи пулӣ) мавҷуд мебошад. Ҷарима ба ҷазоҳои молумулкӣ мансуб аст, ки онҳо аз маҳрум кардани ҷинояткор аз молу мулки ӯ пурра ё қисман ё маҷбур кардани ӯ ба пардохти маблағи муайян ҳамчун ҷаримаи ҷамъиятӣ фаҳмида мешуданд. Чораҳои навъи якум мусодираи молу мулк (ҳам пурра ва ҳам қисман); чораҳои навъи дуюм ҷарима, ҷаримаи пулӣ (пеня) ва ситонидани пулӣ маҳсуб мешуданд. Ҳамзамон, таҳлили меъёрҳои Кодекси соли 1845 нишон медиҳад, ки бисёре аз меъёрҳои он ба муқаррароти ҳуқуқи зардуштӣ мувофиқ мебошанд. Аз ҷумла, масъалаҳои ҳадди поёнӣ ва ниҳоии ҷарима, аз ҳадди ниҳоӣ зиёд татбиқ накардан, хусусияти ислоҳнамоӣ доштани ҷарима ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки сарфи назар аз муваффақиятҳои Кодекси соли 1845, он дорои як қатор камбудиҳо буд. Масалан, калону вазнин буд, матни он баъзан бо сабаби душворхонӣ фарқ мекард. Аз ин рӯ, дар соли 1881 кор дар таҳияи қонуни нави ҷиноятии Россияи подшоҳӣ оғоз ёфт. Танҳо дар соли 1903 лоиҳаи нави Кодекси ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ (минбаъд - Кодекси соли 1903) иҷозати подшоҳро гирифт. Дар хусуси қабули кодекси нав муҳаққиқон андешаҳои гуногун қайд кардаанд. Масалан, ба андешаи Т.В. Василева, Кодекси соли 1846 дар қаламрави Россияи подшоҳӣ то соли 1903, то қабули Кодекси соли 1903 амал мекард [8, с. 31]. С.С. Уткина чунин қайд мекунад, ки Кодекси соли 1903 тамоми таҷрибаи пешқадами кодексҳои ҷиноятии Аврупоро дар бар гирифта, аз ҷиҳати техникӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба Кодекси соли 1845 мукаммал ба назар мерасид [18, с. 25].

Дар Кодекси соли 1903 мафҳуми "ҷазо" вуҷуд надошт, гарчанде ки 57 (моддаҳои 15-72) модда ба масъалаҳои дигари ҷазо бахшида шуда буд. Дар санади мазкур шабоҳати ҷазо бекор карда шуда, номгӯи мукаммали ҳашт намуди ҷазо муқаррар гардида, тартиби таъйини ҷазо ва ғайра муайян карда шуд. Аммо аз сабаби пурра кодификатсия нашудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ҷазоҳо дар дигар санадҳо пешбинӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, ҷазоҳо дар қонунгузории калисо, оинномаҳои ҳарбӣ дар бораи муҷозот ҷой гирифта шуда, тибқи урфу одатҳои қабилаҳои хориҷӣ муҷозоти махсус истифода мешуданд.

Мувофиқи моддаи 2-и ин санад яке аз навъҳои ҷазо ҷаримаи пулӣ (пеня) ба ҳисоб мерафт [17, с. 48-49]. Дар ин хусус дигар андешаҳо низ ҷой доранд. Масалан, ба андешаи А.В. Куртс, комиссияи таҳририя ҳангоми тартиб додани Кодекси соли 1903 асосан низоми ҷазоҳои Кодекси қаблӣ - соли 1845-ро нигоҳ доштааст.

Намуди охирини ҷазоҳои асосӣ дар моддаи 2-и Кодекси нав ҷаримаи пулӣ (пеня) ба ҳисоб меравад [9, с. 65].

Дигар муҳаққиқон, аз ҷумла, О.Н. Баженов қайд мекунад, ки Кодекси соли 1903 дар моддаи 2 номгӯйи ҷазоҳоро муқаррар карда буд, ки дар байни онҳо ҷойи ҳаштум (охирин)-ро «ҷарима» ишғол менамуд [4, с. 19].

Дар таҳқиқотҳои И.Н. Лемперт низ чунин андеша ба назар мерасад [10, с. 19-20]. Аз ин андешаҳо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки Кодекси соли 1903 дар заминаи кодекси қабулӣ - соли 1845 қабул шуда, низоми ҷазоҳои пештараро нигоҳ доштааст. Аммо, тафовут дар он зоҳир мегардид, ки дар кодекси қаблӣ ҷарима бо номи "ситонидани пулӣ" истифода мешуд, вале дар кодекси нав ҷарима номи "ҷаримаи пулӣ" ва "пеня)-ро гирифт.

Масъалаи ба куҷо ва ё кӣ супоридани ҷарима дар таҳқиқоти А.В. Куртс хуб ба назар мерасад. Ба андешаи номбурда, байни ҷаримаҳои ба хазина воридшуда ва ҷаримаҳое, ки барои беҳтар намудани ҷойҳои баҳабсгирӣ ситонида мешаванд, фарқ карда мешуд. Маблағҳое, ки таъйиноти махсус надоранд, яъне дар кодекс ё санади махсус ба кадом ҷой ё идора супоридани онҳо махсус нишон дода нашудааст, ба даромади хазинаи давлат пардохт мегардиданд. Мақсади махсуси ҷаримаҳо барои вайронкунии инфиродӣ ба назар хеле гуногун буд: дар баъзе мавридҳо як қисми ҷарима ба дасти мухбирону кашфкунандагон мерасид [9, с. 65].

Дар ин хусус С.С. Уткина қайд намудааст, ки дар моддаи 24, қисми 3 масъалаи ба куҷо равона кардани маблағҳои аз пардохти ҷаримаҳои пулӣ гирифташуда танзим карда шудааст. Чун қоидаи умумӣ ҷаримаҳо «барои ташкили ҷойҳои ҳабс истифода мешуданд», вале тахмин мерафт, ки қонун метавонад «гирандаи» дигарро барои ҷарима муқаррар намояд [18, с. 26].

Дар ҳуқуқи империявӣ бошад, ҷарима барои ташкилу нигоҳдории маҳбусон ва дигар чораҳо пардохт мегардид. Ба андешаи мо, дар ин хусус бартарият ба меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ хос мебошад, ки як қисми ҷаримаро ба зарардидагони ҷиноят ҷудо кардааст. Зеро ки дар бисёре аз ҷиноятҳо ҷабрдида дучори зарари модию маънавӣ мегардад ва ҷарима низ бояд қисман ба манфиати ӯ ситонида шавад. Ҳуқуқи империявӣ чунин ҳолатро муқаррар намекард. Бояд гуфт, ки чунин ҳолат дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии кишвар низ ба назар намерасад. Бо дар назардошти ин, мо ба он андешаем, ки муқаррарот оид ба пардохти як қисми ҷарима ба ҷабрдидаи ҷиноят бояд дар қонунгузории ҷиноятии мо ворид карда шавад.

И.А. Подройкина таснифоти ҷазоҳоро вобаста ба асосию иловагӣ иборат аз чунин навъҳои ҷазо қайд кардааст:

1) ҷазоҳои асосӣ (моддаи 2):
2) ҷазои қатл,
3) корҳои вазнин бидуни муҳлат ва аз 4 то 15 сол,
4) бадарға кардан ба шаҳрак,
5) маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаи ислоҳӣ аз 1 солу 6 моҳ то 6 сол,
6) маҳрум кардан дар маҳбас аз 2 ҳафта то 6 сол ва ғайра, ки 8-уми онҳо яъне, охиронашон ҷаримаи пулӣ (пеня) ба ҳисоб мерафт.

Мутобиқи қонунгузорӣ ҷазоҳои иловагӣ инҳо буданд:

1) намудҳои гуногуни ҷазоҳои қонунӣ (моддаҳои 25-30 ва 33);
2) маҳдудиятҳои ҳуқуқи интихоб ва тағйир додани ҷои истиқомат (моддаҳои 34-35);
3) гирифтани молу мулк (моддаи 36);
4) ситонидани пули (моддаи 33, банди 2);
5) интишори ҳукм (моддаи 33, банди 3);
6) аз вазифа озод кардан (моддаи 33, банди 4);
7) аз озодӣ маҳрум кардан дар корхона (моддаи 32) [13, с. 44].

Номбурда дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки ин низоми ҷазоҳо амалан пурра татбиқ намегардид, вале низоми тағйирёфтаи Кодекси соли 1845 ба кор бурда мешуд [13, с. 44]. Аз ин андешаҳо бармеояд, ки дар Кодекси соли 1903

низоми ҷазоҳо ба се гурӯҳ: асосӣ, иловагӣ ва ивазкунанда ҷудо мешуданд. Ҷарима бошад, ҳамчун яке аз навъҳои маъмули ҷазо ба сифати ҳам ҷазои асосӣ, ҳам ҷазои иловагӣ ва ҳам ивазкунанда татбиқ мегардид.

Бояд гуфт, ки дар Қисми умумии санади мазкур тартиби ягонаи ҳисоб кардани ҷарима муайян карда нашудааст. Дар меъёрҳои Қисми махсус андозаи ҷазои пулӣ барои намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо нишон дода шудаанд. Суд дар асоси андозаи ҷаримаи дар меъёрҳои Қисми махсус пешбинишуда ва бо назардошти ҳолатҳои ҷинояти содиршуда, гуноҳи ҷинояткор андозаи ҷаримаи пулиро ба судшавандаи мушаххас муайян мекунад.

Масъалаи дигари баҳснок оид ба ҷарима ин андозаи он маҳсуб меёфт. Ҷаримаи пулӣ, дар ҳолатҳое, ки андозаи он дар қонун дақиқ муқаррар карда шуда буд, ҳамеша танҳо бо андозаи баландтарини он муайян карда мешуд, вале ҳадди пасттарини он низ муайян карда мешуд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи инкишофи ҷарима ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст, ки ҷазоҳои дорои хусусияти молумулкӣ, аз ҷумла, ҷарима дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ амал намуда, мавқеи намоёнро ишғол намудааст. Зеро ҳокимияти давлатӣ дар ҳама давру замон аз ҷиҳати иқтисодӣ танқисӣ кашида, ба пул эҳтиёҷ дошт. Эҳтимол ҳамин масъалаҳо заминаи ҳуқуқӣ гардидаанд, ки дар қонунгузории имрӯзаи ҷиноятӣ ва маъмурӣ ҷарима мавқеи аввалиндараҷаро ишғол намудааст.

Дар давраи баррасишаванда ҷарима аз чорае, ки барои озод кардан аз амали ҷазо истифода мешуд, ба намуди мустақили ҷазо табдил ёфта, дорои мавқеи мустақили худ гардид. Чунин муқарраротро, ба монанди батаъхиргузорӣ ва қисман пардохти ҷарима, имконияти иваз кардани он, дар сурати имконнопазирии пардохти он, бо ҷазоҳои вобаста ба ҷудо кардани маҳкумшуда аз ҷомеа маҳз дар ин давра таҳкими қонунӣ касб намуданд. Қонунгузории ҷиноятии муосир инчунин имконияти қисман пардохти ҷаримаро муқаррар мекунад ва дар сурати бадқасд иҷро накардани он бо маҳрум сохтан аз озодӣ иваз кардани он иҷозат медиҳад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятӣ дар давраи пешазинқилобӣ мувофиқи принсипи синфӣ ташаккул ёфта буд ва ҳамчун ҷазо нигоҳ доштани ҷарима ба шахсони табақаҳои имтиёзнок имконият дод, ки аз ҷазоҳои вазнин канорагирӣ кунанд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Авесто. Китоби 1. – Душанбе, 2014. – 839 с.
2. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Убайдулло Абдуллоевич Азизов. – Душанбе, 2015. – 414 с.
3. Азиззода, У.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 1. – С. 21-37.
4. Баженов, О.Н. Наказание в виде штрафа: проблемы законодательного закрепления, назначения и исполнения: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Олег Николаевич Баженов. – М., 2013. – 200 с.
5. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқии мусулмонӣ / Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 1 (25). – С. 95-108.
6. Буриев, И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII – начало XXвв.): монография / И.Б. Буриев. – Душанбе, 1999. – 199 с.
7. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века) / И.Б. Буриев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.
8. Васильева, Т.В. Назначение и исполнение уголовного наказания в виде штрафа (социально-правовые проблемы): дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Татьяна Валентиновна Васильева. – Рязань 2004. – 211 с.

9. Курц, А.В. Штраф как вид уголовного наказания по законодательству России и зарубежных стран: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Алексей Викторович Курц. – Йошкар-Ола, 2001. – 207 с.
10. Лемперт, И.Н. Правовая характеристика штрафа как вида уголовного наказания: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ирина Николаевна Лемперт. – Красноярск, 2004. – 213 с.
11. Одинаев, Б.А. Особенности мусульманского и советского права о защите прав женщин от морального вреда / Б.А. Одинаев // Вестник науки и образования. – 2022. – № 2 (122). – Ч. 2. – С. 21-25.
12. Периханян, А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды / А.Г. Периханян. – М., 1983. – 382 с.
13. Подройкина, И.А. Штраф как вид наказания в современном уголовном праве: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Анна Андреевна Подтройкина. – Ростов н/Д, 2004. – 225 с.
14. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография, нашри аввал / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с.
15. Саидов, З.А. Исторические особенности действия норм шариата в Бухарском эмирате (1868-1920 гг.): дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Зикрулло Алиевич Саидов. –М., 2006. – 187 с.
16. Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: монография / У.А. Азизода и др. – Петрозаводск, 2022. – 494 с.
17. Тулиев, И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана: система, виды наказаний и их назначение: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Игорь Рустамович Тулиев. – М., 2010. – 217 с.
18. Уткина, С.С. Уголовное наказание в виде штрафа: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Светлана Сергеевна Уткина. – Томск, 2004. – 201 с.
19. Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право) / А.Г. Халиков. – Душанбе, 2005. – 482 с.
20. Халил, Х.Х. Система наказаний по мусульманскому уголовному праву: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Хикмат Хусейн Халил. – Махачкала, 2008. – 174 с.
21. Шокиров, Т.С. Истилоҳоти ҳууқуқшиносии тоисломӣ дар забони тоҷикӣ / Т.С. Шокиров. – Хуҷанд: Хуросон, 2008. – 118 с.

**References**

1. Avesta. Book 1. - Dushanbe, 2014. - 839 p.
2. Azizov, U.A. Evolution of the institutions of crime and punishment on the territory of historical and modern Tajikistan: historical and legal research: dis. ... Doctor of Law: 12.00.01 / Ubaidullo Abdulloevich Azizov. - Dushanbe, 2015. - 414 p.
3. Azizzoda, U.A. Protection of human rights from moral harm in the Zoroastrian legal system / U.A. Azizzoda, F.A. Bobohonov // State studies and human rights. – 2021. – No. 1. – Pp. 21-37.
4. Bazhenov, O.N. Punishment in the form of a fine: problems of legislative consolidation, appointment and execution: dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.08 / Oleg Nikolaevich Bazhenov. - M., 2013. - 200 p.
5. Bobokhonov, F.A. Protection of human rights from moral harm in the Muslim legal system / F.A. Bobohonov // State studies and human rights. - 2022. - No. 1 (25). - Pp. 95-108.
6. Buriev, I.B. The Effect of Muslim Law in Prerevolutionary Tajikistan (VIII – Early XX Centuries): Monograph / I.B. Buriev. – Dushanbe, 1999. – 199 p.
7. Buriev, I.B. History of the State and Law of Tajikistan. Vol. 1, Part 1-2 (from Ancient Times to the Early XX Century) / I.B. Buriev. – Dushanbe: Irfon, 2007. – 244 p.
8. Vasilyeva, T.V. Appointment and Execution of Criminal Punishment in the Form of a Fine (Social and Legal Problems): Dis. ... Cand. of Law: 12.00.08 / Tatyana Valentinovna Vasilyeva. – Ryazan 2004. – 211 p.
9. Kurtz, A.V. Fine as a type of criminal punishment under the legislation of Russia and foreign countries: dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.08 / Alexey Viktorovich Kurts. - Yoshkar-Ola, 2001. - 207 p.
10. Lempert, I.N. Legal characteristics of a fine as a type of criminal punishment: dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.08 / Irina Nikolaevna Lempert. - Krasnoyarsk, 2004. - 213 p.
11. Odinaev, B.A. Features of Muslim and Soviet law on the protection of women's rights from moral harm / B.A. Odinaev // Bulletin of Science and Education. - 2022. - No. 2 (122). - Part 2. - Pp. 21-25.
12. Perikhanyan, A.G. Society and Law of Iran in the Parthian and Sassanid Periods / A.G. Perikhanyan. - M., 1983. - 382 p.

13. Podroikina, I.A. Fine as a Type of Punishment in Modern Criminal Law: dis. ... Cand. of Law: 12.00.08 / Anna Andreevna Podtroikina. - Rostov n / D, 2004. - 225 p.
14. Critical problems of the criminal law of the Republic of Tajikistan: monograph, first edition / Z.Kh. Zakirzoda, F.A. Bobohonov. - Dushanbe, 2022. - 185 p.
15. Saidov, Z.A. Historical features of the action of Sharia norms in the Bukhara Emirate (1868-1920): dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.01 / Zikrullo Alievich Saidov. -M., 2006. - 187 p.
16. Theoretical and applied problems of the science of man and society: monograph / U.A. Azizoda et al. - Petrozavodsk, 2022. - 494 p.
17. Tuliev, I.R. Punishment under the criminal law of Tajikistan: system, types of punishments and their purpose: dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.08 / Igor Rustamovich Tuliev. - M., 2010. - 217 p.
18. Utkina, S.S. Criminal punishment in the form of a fine: dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.08 / Svetlana Sergeevna Utkina. - Tomsk, 2004. - 201 p.
19. Khalikov, A.G. Legal system of Zoroastrianism (ancient law) / A.G. Khalikov. - Dushanbe, 2005. - 482 p.
20. Khalil, HH The system of punishments under Muslim criminal law: dis. … candidate of legal sciences: 12.00.08 / Hikmat Hussein Khalil. – Makhachkala, 2008. – 174 p.
21. Shakirov, T.S. Terms of pre-Islamic jurisprudence in the Tajik language / T.S. Shakirov. - Khujand: Khorasan, 2008. - 118 p.

ТДУ 343.342.3

# ТАҲЛИЛИ АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВИИ ДАЪВАТИ ОММАВӢ БАРОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ ВА САФЕДКУНИИ ОММАВИИ ЭКСТРЕМИЗМ

# АНАЛИЗ СУБЪЕКТИВНЫХ ПРИЗНАКОВ ПУБЛИЧНОГО ПРИЗЫВА К ОСУЩЕСТВЛЕНИЮ ЭКСТРЕМИСТСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ПУБЛИЧНОГО ОПРАВДАНИЯ ЭКСТРЕМИЗМА

# ANALYSIS OF SUBJECTIVE SIGNS OF A PUBLIC CALL TO CARRY OUT EXTREMIST ACTIVITIES AND PUBLIC JUSTIFICATION OF AN EXTREMIST

КАРИМОВА М.М.
KARIMOVA M.M.
*Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*Старший преподаватель кафедры уголовного права, криминалистики и предупреждения коррупции юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики*
*Senior Lecturer at the Department of Criminal Law, Criminology and Prevention of Corruption, Faculty of Law, Tajik State University of Law, Business and Politics*



e-mail: muazzam.karimova.1978 @mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (5.1.4. Илмҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ).

*Научная специальность:* 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право (5.1.4. Уголовно-правовые науки).

*Scientific specialty:* 12.00.08 - Criminal law and criminology; penal law (5.1.4. Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда*: АҲМЕДОВ Н.И. - дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (роҳбари илмӣ).

*Рецензент*: АХМЕДОВ Н.И. - доцент кафедры уголовного права, криминалистики и предупреждения коррупции юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент (научный руководитель).

*Reviewer:* AKHMEDOV N.I.- Associate Professor of the Department of Criminal Law, Forensics and Prevention of Corruption, Faculty of Law, Tajik State University of Law, Business and Politics, PhD in Law, Associate Professor (scientific supervisor).

*Аннотатсия:* Мақола ба яке аз масъалаи мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба таҳлили аломатҳои субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм бахшида шудааст. Муаллиф аломатҳои субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизмро таҳлили ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ намуда, хулосаҳои худро иброз намудааст.

*Вожаҳои калидӣ:* даъвати оммавӣ, фаъолияти экстремистӣ, сафедкунии оммаві, субъект, тарафи субъективӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, таркиби ҷиноят, шахси воқеӣ, мукаллафӣ, синну сол, гуноҳ, қасди бевосита, ангеза, мақсади ҷиноят.

*Аннотация:* Статья посвящена одному из актуальных вопросов уголовного права, связанному с анализом субъективных признаков публичного призыва к осуществлению экстремистской деятельности и публичного оправдания экстремизма. Автор проанализировал субъективные признаки публичного призыва к экстремистской деятельности и публичного оправдания экстремизма в уголовном праве и представил свои выводы.
*Ключевые слова:* публичный призыв, экстремистская деятельность, публичное оправдание, субъект, субъективная сторона, уголовная ответственность, состав преступления, физическое лицо, вменяемость, возраст, вина, прямой умысел, мотив, цель преступления.

*Annotation:* The article is devoted to one of the topical issues of criminal law related to the analysis of subjective features of a public call to carry out extremist activity and public justification of extremism. The author analyzed the subjective features of a public call to extremist activity and public justification of extremism in criminal law and presented his conclusions.
*Key words:* Public appeal, extremist activity, public justification, subject, subjective side, criminal liability, elements of a crime, individual, sanity, age, guilt, direct intent, motive, purpose of a crime.

Барои пурратар таҳлил намудани даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм муайян кардани субъект ва тарафи субъективии он низ зарур аст.

Ба унсури ҳатмии ҷиноят субъекти он, яъне, шахсе, ки ҷиноят содир кардааст ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, дохил мешавад. Субъекти ҷиноят яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят буда, бе мавҷудияти он асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно мегардад [7, с. 151; 10, с. 159]. Субъект, пеш аз ҳама, шахси мушаххаси ҷисмоние, ки дар вақт ва макон мавҷуд буда, дар баргирандаи фарҳанги муайян, дорандаи тарҷумаи ҳол буда, дар ҷамъият бо дигарон дар алоқамандӣ қарор дорад [5, с. 191-195; 10, с. 75].

Аломатҳои асосии субъекти ҷиноят дар моддаҳои 22-26 боби 4 -и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) «Шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» муқаррар карда шудаанд. Мутобиқи м. 22, танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст [1].

Дар қонунгузории ҷиноятӣ истилоҳи субъекти ҷиноят истифода нашудааст. Барои ифода кардани субъекти ҷиноят дар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ калимаҳои «гунаҳкор», ё ки «шахсе, ки ҷиноят содир кардааст», ё ки «шахси гунаҳкор дар содир кардани ҷиноят» ва «маҳкумшуда» истифода мешавад. Аз рӯйи қоидаҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти ҷиноят ин шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят ҷавобгар аст. Аз бисёр хусусиятҳои хосси шахсияти ҷинояткор ҳуқуқи ҷиноятӣ он хусусиятҳоеро ҷудо кардааст, ки барои ҳал кардани масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ бештар аҳамиятнок мебошанд. Ба ин хусусиятҳо синну сол ва мукаллафӣ дохил мешаванд. Синну сол ва мукаллафӣ аломатҳои асосии субъекти ҷиноят мебошанд, чунки онҳо дар ҳамаи таркиби ҷиноятҳо дида мешаванд [12, с. 131].

Андешаҳои олимон дар бораи субъекти ҷиноят вобаста ба самти таҳқиқот ва нуқтаи назар метавонанд гуногун бошад. Дар криминология, ҳуқуқшиносӣ ва ҷомеашиносии ҷинояткорӣ якчанд назария ва равишҳо барои фаҳмидани субъекти ҷиноят мавҷуданд. Ба монанди [2, с. 39]:

1) Назарияи классикӣ, ки намояндагонашон Чезаре Беккария, Клод Э. Шамплен, Жан-Жак Руссо мебошанд ва дар асоси ин назария, субъекти ҷиноят ҳамчун шахси оқил (боақл) ба назар мерасад, ки озодона содир кардани ҷиноятро интихоб мекунад, ки фоидаҳо ва хатарҳои эҳтимолиро пешбинӣ мекунад.

2) Назарияи позитивистӣ, ки намояндагони он Чезаре Ломброзо, Эмил Дюркгейм, Жюл Гюйен мебошанд бар он ақидаанд, ки субъекти ҷиноят бо назардошти омилҳои дохилӣ ва беруна, аз қабили биология, муҳити иҷтимоӣ ва психология бояд баррасӣ карда мешавад.

3) Назарияи иҷтимоӣ, ки Роберт К. Мертон, Трэвис Хирш намондагони он мебошанд, чунин мешуморанд, ки ҷомеа ва сохторҳои он дар ташаккули субъекти ҷиноят нақши муайян доранд. Омилҳо, аз қабили нобаробарӣ, парокандагии иҷтимоӣ ва фишори меъёрҳои ҷамъиятӣ метавонанд ба содир кардани ҷиноятҳо таъсир расонанд.

4) Назарияи низоъ, ки Карл Маркс, Ричард Клевеленд, Уилям Б. Ҷамберс намояндагони он мебошанд, ба нақши нобаробарии иҷтимоӣ, муборизаҳои синфӣ ва низоъҳои иҷтимоиро дар ташаккули субъекти ҷиноят таъкид мекунад.

Бояд қайд кард, ки ин назарияҳо якдигарро истисно намекунанд ва дар асл ҷинояткорӣ аксар вақт бо омезиши омилҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Андешаҳои олимон метавонанд вобаста ба омилҳое, ки онҳо ҳангоми таҳлили ҷинояткорӣ ва субъекти он мегузоранд, фарқ кунанд.

Субъекти ҷиноят шахс ё гурӯҳи шахсоне мебошанд, ки ҷиноят содир кардаанд. Дар заминаи қонуни ҷиноятӣ, субъекти ҷиноятро ба ду категорияи асосӣ тақсим кардан мумкин аст: субъекти мустақим (фаъол) ва субъекти ғайримустақим (ҷабрдида). Субъекти мустақими (фаъол) ҷиноят ин шахсест, ки бевосита ҷиноятро содир мекунад. Масалан, агар касе молумулки каси дигарро дуздида бошад, дузд субъекти мустақими ин ҷиноят эътироф мегардад. Субъекти ғайримустақими (ҷабрдида) ҷиноят: ин шахсест, ки нисбати ӯ ҷиноят содир карда мешавад. Масалан, агар касе қурбонии дуздӣ шавад, вай субъекти ғайримустақими ҷиноят аст.

Истилоҳи “субъекти ҷиноят” инчунин метавонад ба маънои васеътар истифода шавад, ки ҳамаи тарафҳои (шарикони) дар ҷиноят иштирокдоштаро, аз ҷумла, ташкилкунандагон, ёрдамчиён, таҳриккунандагонро дар бар мегирад. Ҷанбаҳои мушаххаси муайян кардани субъекти ҷиноят вобаста ба салоҳият ва хусусияти ҷиноят метавонанд фарқ кунанд. Барои фаҳмиши муфассали субъекти ҷиноят, ҷанбаҳои зеринро ба назар гирифтан муҳим аст:

1) қасд (гуноҳ): Субъекти ҷиноят ҳангоми содир кардани амали ғайриқонунӣ бояд хусусият ва оқибатҳои ба ҷомеа хатарноки ҳаракати худро дарк кунад. Масъалаи мазкур пурратар дар поён баррасӣ карда мешавад.

Синну соли субъект: мувофиқи м.23 КҶ ҶТ синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад қайд шудааст, ки «Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст». Одатан синну сол дар асоси ҳуҷҷатҳои маълум (шиноснома, шаҳодатнома дар бораи таваллуд ва ғайра) муқаррар карда мешавад. Агар дар сурате шахс ҳуҷҷат надошта бошад, барои муайян намудани синну сол дигар далелҳо истифода бурда мешаванд, ҳатто то гузаронидани экспертизаи судӣ- тиббӣ. Дар вақти муқаррар намудани синну сол экспертизаи судӣ - тиббӣ рӯзи таваллуди шахси гунаҳкорро охирин рӯзи ҳамон соле ҳисоб мекунад, ки экспертҳо муайян кардаанд. Ҳангоми муайян кардани шумораи синну сол бо адади камтарин ва баландтарин ба суд лозим аст, ки синни камтарини пешниҳодкардаи экспертҳоро ба инобат гирад [12 с. 131].

2) Ҳолати руҳӣ: агар субъект аз ихтилоли равонӣ азоб кашад ё дар ҳолати ҷунунӣ қарор дошта бошад, ин метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятии онҳо таъсир расонад. Субъекти ҷиноят танҳо шахси мукаллаф шуда метавонад. Шахси номукаллаф субъекти ҷиноят шуда наметавонад. Ҳар як шахси руҳан солим, яъне ҳар як шахсе, ки қобилияти фикрӣ ва иродавӣ дошта бошад, бошуурона рафтор намуда, кирдори худро идора мекунад. Аз мебошад. Акнун аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки барои шахсро субъекти ҷиноят ин рӯ, вай барои ҳаракати кирдорҳои худ, аз он ҷумла барои кирдорҳои ба ҷамъият содиркардааш

ҷавобгар ҳисоб кардан мукаллафӣ наќши муҳимро мебозад. Мукаллафӣ ин ҳолати ҳуқуқии субъект, хусусияти ҷудонашавандаи он мебошад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми "мукаллафӣ" ба таври алоҳида шарҳ дода нашудааст, барои ҳамин, аз рӯйи мафҳуми номукаллафӣ, ки дар м. 24 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, маънои онро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст. Шахсе, ки дар вақти содир кардани ҷиноят қобилияти фаҳмидан ва саришта кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои онро дарк намуда, идора карда метавонад, мукаллафӣ номида мешавад.

Мукаллафӣ низ ба мисли номукаллафӣ аз рӯйи критерияи тиббӣ тавсиф дода мешавад. Фарқи онҳо танҳо дар он аст, ки ҳангоми муайян кардани номукаллафӣ критерияҳои тиббӣ бевосита дар қонун пешбинӣ шудаанд, критерияҳои тиббӣ мукаллафӣ бошад, ҳама вақт дар назар гирифта мешавад. Мукаллафӣ ин заминаи зарурӣ барои муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии шахс ва гуноҳи ӯ мебошад. Танҳо баъди муқаррар кардани мукаллафӣ масъалаи ҷавобгарӣ ба миён меояд. Яъне агар шахси солим кирдори худро фаҳмида, ба онҳо роҳбарӣ кунад, шахси мукаллаф эътироф карда мешавад. Агар шахс кирдорҳои худро нафаҳмад ва онҳоро дар вақти содир кардани ҷиноят саришта карда натавонад, номукаллаф эътироф карда мешавад.

Мутобиқи муқаррароти м. 24 КҶ ҶТ шахсе, ки ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буд, яъне дар асари бемории руҳии доимӣ, парешонҳолии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории рӯҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Ба шахсе, ки дар ҳолати номукаллафӣ кирдори барои ҷамъият хавфнок содир намудааст чораҳои дорои хусусияти маҷбурии тиббии пешбинигардидаро таъин кардан мумкин аст. Мувофиқи м. 24, мафҳуми "номукаллафӣ" аз рӯйи ду аломат муайян карда мешавад: якум аломатҳои тиббӣ (биологӣ); дуюм аломати руҳӣ (ҳуқуқӣ). Мавҷуд будани парешонҳолии бемории рӯҳӣ дар шахс аломати тиббӣ (биологӣ) эътироф карда мешавад. Дар вақти содир кардани ҷиноят агар шахс ҳаракатҳои худро нафаҳмад ва он кирдорҳоро саришта карда натавонад, аломати руҳӣ (ҳуқуқӣ) номида мешавад.

Барои донистани шахс ҳамчун номукаллаф ҳар ду ин аломатҳоро бояд муқаррар кард. На ҳар бемории рӯҳӣ номукаллаф шуда метавонад. Фаъолияти бемории руҳӣ аз рӯи дараҷаи вазниниаш ҳар хел мешавад. Дар зери мафҳуми "аломати тиббии номукаллафӣ" ҳуқуқи ҷиноятӣ намудҳои гуногуни бемориҳои рӯҳиро дар назар дорад. Дар ҳамаи ҳолатҳое, ки барои муфаттиш, суд нисбати мукаллафии шахс шубҳа ба миён ояд, ҳатман экспертизаи судӣ - психологӣ гузаронидан лозим меояд. Дар асоси хулосаи экспертизаи психологӣ шахс пурра ҳамчун мукаллаф ё номукаллаф дониста мешавад [8, с. 535; 12, с. 112].

3) Мусоидат ва шарикӣ дар ҷиноят. Ғайр аз иҷрокунандагони бевосита, субъекти ҷиноят инчунин метавонад онҳое бошанд, ки содир кардани ҷиноятро ташкил, таҳрик, ёрдам кардаанд ва ё дар содир намудани ҷиноят дар ягон шакли дигар иштирок кардаанд. Ин шахсон (ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ) инчунин метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

4) Ҷавобгарии гурӯҳӣ - дар баъзе ҳолатҳо, субъекти ҷиноят метавонад як қисми гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ бошад. Дар м. 39 КҶ ҶТ чунин омадааст, ки

"а) Ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд;

б) ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад;

в) иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) муттаҳидшавии ду ё якчанд гурӯҳи мутташаккил эътироф мешавад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин ба ташкилоти устувор таъсис ёфта, фаъолияти он ба тақсимоти вазифаи идоракунӣ, таъмин ва иҷрои мақсадҳои ҷинояткоронаи иттиҳод дар байни аъзои иттиҳод ва сохторҳои он асос меёбад".

Қонуни ҷиноятӣ кӯшиш мекунад, ки гуноҳи онҳое, ки ҷиноят содир кардаанд, бо дар назардошти ҳолатҳои гуногуне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятии онҳо таъсир мерасонанд, муайян ва муқаррар карда шавад. Муайян кардани субъекти ҷиноят унсури калидии мурофиаи ҷиноятӣ барои таъмини адолат ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад.

Чи тавре мо медонем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2006 то соли 2023 як қатор ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ дониста шудаанд. Аз ин ҷо саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки оё мо метавонем шахсони ҳуқуқиро ҳамчун субъекти ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм эътироф намоем.

Шахси ҳуқуқӣ, ба монанди ташкилотҳо, мантиқан метавонад субъекти ҷиноят бошанд, агар онҳо амалҳоеро содир кунанд, ки тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят бандубаст карда шаванд. Зеро, дар баъзе давлатҳо, ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ имконпазир аст ва онҳо метавонанд барои вайрон кардани қонунҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Лекин чунин таҷриба дар КҶ ҶТ ба назар намерасад. Якчанд ҷанбаҳои асосии марбут ба ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро қайд кардан муҳим аст [13, с. 312]:

а) ҷиноятҳои тавассути фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ содиршуда: шахси ҳуқуқӣ метавонад барои ҷиноятҳои марбут ба фаъолияти худ ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Ин метавонад ҷиноятҳои молиявӣ, коррупсионӣ, вайрон кардани стандартҳои экологӣ ва ғайраро дар бар гирад;

б) асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ: барои он ки шахси ҳуқуқӣ дар ҷиноят гунаҳкор дониста шавад, аксар вақт нишон додани гуноҳ талаб карда мешавад, тавре ки дар мавриди шахсони воқеӣ. Ин метавонад нишон диҳад, ки ҷиноят вобаста ба ҳолатҳои мушаххас қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир шудааст;

в) санксияҳои ҷиноятӣ: агар шахси ҳуқуқӣ дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор дониста шавад, ба онҳо метавонад ҷазоҳои гуногуни ҷиноятӣ, аз қабили ҷарима, мусодираи молумулк ё дигар чораҳои пешбининамудаи қонун татбиқ карда шаванд. Дар баъзе ҳолатҳо, шахси ҳуқуқиро низ метавон барҳам дод;

г) ҳолатҳои ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ. Намудҳои ҷиноятҳое, ки шахсони ҳуқуқӣ метавонанд барои онҳо ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, ҷиноятҳои молиявӣ, вайрон кардани қоидаҳои рақобат, коррупсия, вайрон кардани стандартҳои экологӣ ва ғайра мебошанд, аммо дар ҳар як юрисдиксия метавонад фарқиятҳо дар тарзи муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошанд. Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пурра ворид кардани институти ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ омода нест. Ва дар оянда наздик масъалаи мазкур бояд дастгирӣ карда шавад.

Субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм шахс ё гурӯҳи шахсоне мебошанд, ки даъватҳои оммавиро амалӣ мекунанд ё иттилоотро барои даъват ба амалҳои экстремистӣ паҳн мекунанд ё экстремизмро сафед мекунанд. Экстремизм метавонад даъватҳоро ба зӯроварӣ, табъиз, вайрон кардани қонунҳо ва тартибот бо мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, динӣ ё дигар мақсадҳои идеологӣ дар бар гирад. Дар кишварҳо ва қаламравҳои гуногун қонунҳо дар бораи экстремизм метавонанд гуногун бошанд ва мафҳуми "даъвати оммавӣ ба экстремизм" метавонад тибқи қонунгузории мушаххас муайян карда шавад. Чунин амалҳо аксар вақт ғайриқонунӣ ҳисобида мешаванд,

зеро онҳо метавонанд ба амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ таҳдид кунанд.

Оқибатҳои ҳуқуқӣ барои субъектҳои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонанд ҷаримаҳои маъмурӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, манъи фаъолият, ҳабс ва дигар чораҳои пешбининамудаи қонунро дар бар гиранд. Ин чораҳо бо мақсади пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва нигоҳ доштани амнияти ҷамъиятиву давлатӣ андешида мешаванд.

Бояд қайд кард, ки қонунҳо ва таърифҳои марбут ба даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонанд дар кишварҳои гуногун ба таври назаррас фарқ кунанд. Баъзе кишварҳо метавонанд дар ин соҳа нисбат ба дигарон меъёрҳои сахттарро ҷорӣ кунанд. Ҳамзамон, риояи принсипҳои озодии сухан ва ҳуқуқи инсон барои пешгирӣ аз маҳдудияти ғайриқонунии ҳуқуқ ва озодиҳои қонунӣ муҳим аст.

Дар баъзе ҳолатҳо мумкин аст, ки субъекти м. 307(1) КҶ ҶТ махсус бошад, ба монанди хатибон ва ноибони хатибон, кормандони ВАО. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст таъкид намуда буданд, ки нақши руҳониён, алалхусус, имомхатибон дар тарбия ва роҳнамоии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон барои анҷом додани амалҳои хайр, бедор намудани ҳисси худшиносӣ ва меҳнатдӯстӣ, хурмату эҳтироми калонсолон ва шинохти исломи воқеӣ калон аст. Вале, мутаассифона, дар байни онҳо шахсоне пайдо шудаанд, ки вазифаи муқаддаси худро иҷро накарда, баръакс, ҳамчун узви равия ва ниҳодҳои террористӣ ба тарғибу ташвиқи ақидаҳои ифротгароӣ машғул гардидаанд. Дар давоми чанд соли охир 23 нафар хатибон ва ноибони хатибон, ки аъзои ниҳодҳои террористиву ифротгароӣ буданд, дастгир карда шудаанд [11].

Ҳамин тавр, субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад шахси воқеии мукаллафи ба синни 16 солагӣ расида бошад. Дар баъзе мавридҳо субъекти ҷинояти мазкур метавонад махсус бошад, ба монанди хатибон ва ноибони хатибон, кормандони ВАО.

Тарафи субъективии ҷиноят ин фаъолияти руҳии (психикӣ) шахс буда, бевосита бо содиршавии ҷиноят алоқаманд мебошад. Тарафи субъективии ҷиноят мазмуни психологии ба ҷамъият хавфнокии кирдорро дорад, аз ин рӯ, он (дар муносибат бо тарафи объективӣ) унсури дохилии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Тарафи объективии ҷиноят, ки мазмуни воқеии ҷиноятро ташкил медиҳад, мумкин аст, ки ҳамеша аз ҷониби ҷабрдида, шоҳид ва дигар ашхос бевосита дарк шавад. Лекин тарафи субъективии ҷиноят, азбаски дар руҳияи (психикаи) гунаҳкор ҷараён меёбад, узвҳои ҳискунандаи одамон бевосита қобилияти дарк намудани онро надоранд. Вай танҳо ба воситаи таҳлилу баҳодиҳии рафтори шахси ҳуқуқвайронкунанда ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноят дарк карда мешавад. Мазмуни тарафи субъективии ҷиноят бо ёрии чунин аломатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳаяҷон (эмотсия) ошкор мегардад. Аломатҳои ҳуқуқии мазкур аз ҷиҳати органикӣ байни худ дар алоқамандӣ қарор доранд [12, с. 122].

Вобаста ба ин аҳаммияти ҳуқуқии тарафи субъективӣ аз инҳо иборат мебошанд [6, с. 42]:

– ҳамчун муайянкунандаи асосӣ ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс хизмат менамояд;

– аниқ муайян намудани ҷиноятро таъмин менамояд;

– имкониятҳои аз ҳам ҷудо намудани таркибҳои омехтаи ҷиноятҳоеро, ки бо объект ва тарафи объективӣ бо ҳам монананд пайдо мекунад.

– дар муқарар кардани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва фардикунии ҷазои ҷиноятӣ таъсир мерасонад [3, с.55-69].

Дар диспозитсияи м. 307(1) КҶ ҶТ қонунгузор ба сифати аломати ҳатмии ҷиноят оқибати даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ

ва сафедкунии оммавии экстремизмро нишон намедиҳад. Ҳангоми содир намудани ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ, мундариҷаи қасд ҳамеша дар дарки ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат (беҳаракатӣ) ва хоҳони содир намудани ҷиноят ифода меёбад. «Чунин қасд» ба ақидаи П.С. Дагел ва Р.И. Михеев, – қасди бевосита буда, танҳо ба ҷиноятҳое тааллуқ дорад, ки таркибашон расмӣ аст». Чунин ҷиноятҳо бо қасди бавосита содир карда намешаванд, зеро мазмуни иродавии онҳо дар шакли дидаву дониста иҷозат додани қонун, ки ба оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок алоқаманд аст ва танҳо ба тарафи объективии таркибҳои моддӣ дохил карда мешаванд, ифода меёбад [4, с. 39].

Тарафи субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм танҳо дар қасди бевосита ифода мегардад. Яъне, шахс дарк менамояд, ки ба таври оммавӣ шахсонро барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва (ё) сафедкунии оммавии экстремизм даъват намуда истодааст ва хоҳони содир шудани чунин кирдор мебошад.

Ангезаи ҷиноят барои бандубаст кардани он аҳаммият надорад. Мақсади ҷиноят - ҷалб намудани шаҳрвандон дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии он мебошад.

Мақсади даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад гуногун бошад ва аз ангезаҳои субъекти чунин даъват вобаста бошад. Дар ҳеҷ сурат, даъватҳои экстремистиро ҳамчун як категорияи ягона ва ҷудогона баррасӣ кардан мумкин нест, зеро онҳо метавонанд бо ангезаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ, таблиғи идеология, ташаккули муқовимати идеологӣ, террористӣ, бегонапарастӣ ва нажодпарастӣ, эҷоди фишори ҷамъиятӣ, барангехтани низоъ, истисмори ноуставории ҷамъиятӣ, таъсири психологӣ, иғвоангезии вокуниши мақомот, ҷалби ҷонибдорони нав, вайрон кардани институтҳои муқарраршуда, идоранамудани афкори ҷамъиятӣ, ташкили тартиботи ҷамъиятии худ амалӣ карда мешаванд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 бо тағйироту иловаҳо дар ҳолати 13-уми ноябри соли 2023 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http: mmk.tj. (санаи мурочиат: 20.01.2024).
2. Герцензон, А.А. Уголовное право и социология (Проблемы социологии, уголовного права и уголовной политики / А.А. Герцензон. – М.: Юридическая литература, 1970. – 288 с.
3. Ғоибов, Р. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): дастури таълимӣ / Р. Ғоибов. – Хуҷанд: Ношир, 2001. – 106 с.
4. Дагель, П.С., Михеев, Р.И. Теоретические основы установления вины: учебное пособие. – Владивосток: Дальневосточный государственный университет, 1975. – 168 с.
5. Кудратов, Н.А. Квалификация «посягательство на жизнь государственного или общественного деятеля» Республики Таджикистан по субъективным признакам / Н.А. Кудратов // Вестник Национального университета Таджикистана: Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 3. Часть I. – С. 191-195.
6. Кудратов, Н.А., Имомов, А.Х. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2012. – 342 с.
7. Курбонзода, Б.Ш. Уголовная ответственность за организацию экстремистского сообщества в Республике Таджикистан: дис. канд. юрид. наук: 12.00.08 / Бехруз Шариф Курбонзода. – Душанбе, 2017. – 212 с.
8. Наумов, А.В. Российское уголовное право: курс лекций. В 2 Т. - Т. 1: общая часть. - 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юридическая литература, 2004. – 495 с.

9. Сафаров, А.И. Некоторые проблемы определения субъекта легализации преступных доходов по законодательству Республики Таджикистан / А.И. Сафаров // Вестник Таджикского национального Университета. – 2010. – № 4. – С.74–79.

10. Сафаров, А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем: монография / А.И. Сафаров. – Душанбе: Душанбинский полиграфкомбинат, 2012. – 289 с.

11. Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09-уми марти с. 2024 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.president.tj/event/speeches/37084 (санаи муроҷиат 24.01.2024).

12. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): китоби дарсӣ / Ҳ.С. Салимов ва Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2010. – 205 с.

13. Уголовная ответственность юридических лиц в международном и национальном праве (сравнительно-правовое исследование) / Голованова Н.А., Лафитский В.И., Цирина М.А.; Отв. ред.: Лафитский В.И. – М.: Статут. 2013. – 312 с.

**References**

1. Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998, No. 574 with amendments and additions as of November 13, 2023 // [Electronic resource] – Access mode: http: mmk.tj. (date of provision: 20.01.2024).

2. Gertsenzon, A.A. Criminal law and sociology (Problems of sociology, criminal law and criminal policy / A.A. Gertsenzon. - M.: Legal Literature, 1970. - 288 p.

3. Goibov, R. Criminal law (General part): educational guide / R. Goibov. – Khujand: Publisher, 2001. – 106 p.

4. Dagel, P.S., Mikheev, R.I. Theoretical foundations of establishing guilt: a textbook. – Vladivostok: Far Eastern State University, 1975. – 168 p.

5. Kudratov, N.A. Qualification of “encroachment on the life of a statesman or public figure” of the Republic of Tajikistan based on subjective features / N.A. Kudratov // Bulletin of the National University of Tajikistan: Series of socio-economic and social sciences. – 2019. – No. 3. Part I. – Pp.191-195.

6. Kudratov, N.A., Imomov, A.Kh. Criminal law of the Republic of Tajikistan. General part: educational and methodological complex. – Dushanbe, 2012. – 342 p.

7. Kurbonzoda, B.Sh. Criminal liability for organizing an extremist community in the Republic of Tajikistan: dis. cand. jurid. sciences: 12.00.08 / Behruz Sharif Kurbonzoda. –- Dushanbe, 2017. – 212 p.

8. Naumov, A.V. Russian criminal law: a course of lectures. In 2 Volumes. - Volume 1: general part. - 3rd ed., revised and enlarged. – M .: Legal Literature, 2004. -- 495 p.

9. Safarov, A.I. Some problems of determining the subject of legalization of criminal proceeds under the legislation of the Republic of Tajikistan / A.I. Safarov // Bulletin of the Tajik National University. – 2010. – No. 4. – Pp.74-79.

10. Safarov, A.I. Criminal liability for the legalization (laundering) of funds or other property obtained illegally: monograph / A.I. Safarov. – Dushanbe: Dushanbe Printing Plant, 2012. – 289 p.

11. Speech at a meeting with activists, community representatives and religious officials of the country, March 9. 2024 // [Electronic source] – Access mode: https://www.president.tj/event/speeches/37084 (access date 24.01.2024).

12. Criminal law (General part): textbook / H.S. Salimov and N.A. Gaffarova. – Dushanbe, 2010. – 205 p.

13. Criminal liability of legal entities in international and national law (comparative legal study) / Golovanova N.A., Lafitsky V.I., Tsirina M.A.; Resp. editors: Lafitsky V.I. – M.: Statut. 2013. – 312 p.

**УДК 343.575**

# К ВОПРОСУ О ФОРМИРОВАНИИ ОРГАНИЗАЦИОННО-ПРАВОВОГО МЕХАНИЗМА ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ НЕЗАКОННОМУ ОБОРОТУ НАРКОТИКОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

# ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДДИ НАШЪАДОР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ON THE QUESTION OF FORMING AN ORGANIZATIONAL AND LEGAL MECHANISM TO COUNTER ILLEGAL DRUG TRAFFICKING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Мирзозода Ш.Б.
Mirzozoda Sh.B.
*Адъюнкт кафедры организации деятельности органов внутренних дел центра командно-штабных учений Академии управления МВД России, майор милиции*
*Адъюнкти кафедраи ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Маркази таълимӣ-фармондеҳии ситодии Академияи идоракунии ВКД Россия, майори милитсия*
*Adjunct of the Department of Organization of Activities of Internal Affairs Bodies of the Center for Command and Staff Exercises of the Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia, Major of militia*



e-mail: mirzorustamov@mail.ru

*Научная специальность:* 12.00.11 – Судебная деятельность; прокурорская деятельность; правоохранительная деятельность и правозащитная деятельность (5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки).

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ)).

*Scientific specialty:* 12.00.11 – Judicial activity; prosecutorial activity; law enforcement activity and human rights activities (5.1.2. Public law (state-legal) sciences).

*Рецензент*: Рустамзода А.К. – начальник кафедры теории управления правоохранительной деятельности факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции.

*Тақриздиҳанда:* Рустамзода А.Қ. – сардори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия.

*Reviewer*: Rustamzoda A.K. – Head of the Department of Theory of Law Enforcement Management, Faculty No. 1 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Major of militia.

*Аннотация*: В статье освещаются предпринимаемые в Республике Таджикистан усилия, направленные на противодействие незаконному обороту наркотиков. Исследование включает в себя анализ действующего законодательства, иных мер правового и организационного характера, в реализации которых принимают участие правоохранительные органы и специализированные структуры государства; дается оценка степени эффективности их деятельности; представлены авторские выводы о необходимости развития системы противодействия незаконному обороту наркотических средств в Республике Таджикистан.

*Ключевые слова*: незаконный оборот наркотических средств, правоохранительные органы, противодействие, организационно-правовой механизм.

*Аннотатсия*: Дар мақола саъю кӯшишҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводди нашъадор андешида мешаванд, таъкид шудааст. Таҳқиқот таҳлили қонунгузории амалкунанда, дигар тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар бар мегирад, ки дар татбиқи онҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои махсуси давлатӣ иштирок мекунанд; ба дараҷаи самаранокии фаъолияти онҳо баҳо дода шудааст; хулосаҳои муаллиф оид ба зарурати таҳияи низоми муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводди нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

*Вожаҳои калидӣ*: муомилоти ғайриқонунии маводди нашъадор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муқовимат, механизми ташкилӣ-ҳуқуқӣ.

*Annotation*: The article highlights the efforts undertaken in the Republic of Tajikistan to combat drug trafficking. The study includes an analysis of current legislation, other legal and organizational measures, in the implementation of which law enforcement agencies and specialized state structures participate; an assessment of the degree of effectiveness of their activities is given; the author's conclusions are presented on the need to develop a system to combat drug trafficking in the Republic of Tajikistan.

*Key words:* illegal drug trafficking, law enforcement agencies, counteraction, organizational and legal mechanism.

Республика Таджикистан, как и многие другие страны, сталкивается с серьезными вызовами и угрозами, связанными с незаконным оборотом наркотиков, контрабандой и распространением наркотических веществ. Проблема в том, что Республика Таджикистан является одним из главных маршрутов наркотрафика, проходящего через Центральную Азию в страны Европы и другие регионы. Это связано с тем, что Таджикистан имеет общую протяжённую границу с Афганистаном, который до сих пор является крупнейшим производителем опиатов и иных наркотиков растительного происхождения. В данном контексте, изучение и анализ правовых аспектов, а также организационного механизма противодействия этому негативному социальному явлению является крайне важной задачей.

Наркотизация – крайне негативное социальное явление, суть которого заключается в неконтролируемом, злонамеренном противоправном распространении наркотиков, создающим угрозу жизни и здоровью граждан, наносящем ущерб экономике, политической стабильности, которое обычно возникает вследствие ослабления внимания государства к этой проблеме [8, с. 5].

Республика Таджикистан, являясь стратегическим узлом в транзитном пути наркотиков, постоянно сталкивается с острой необходимостью разработки и внедрения эффективных организационно-правовых мер противодействия незаконному обороту наркотиков.

В их числе – создание в 1999 г. Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан, которое на законодательном уровне признано одним из главных субъектов противодействия незаконному обороту наркотиков. Закон Республики Таджикистан «О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах» определена роль в этой области иных правоохранительных органов, таможенной службы, других госструктур и заинтересованных организаций, например подведомственных Министерству здравоохранения и социальной защиты населения [1].

Упомянутый закон устанавливает правовую основу противодействия незаконному обороту наркотиков, включая контроль и регулирование их производства, сбыта и использования. Другими важными государственными актами стали поэтапно утвержденные Главой государства Национальная стратегия борьбы с незаконным оборотом наркотиков в Республике Таджикистан на 2013-2020 годы и Национальная стратегия по

контролю за наркотиками в Республике Таджикистан на 2021-2030 годы [2].

Был предпринят и ряд мер организационного характера, направленных на совершенствование системы контроля над производством и потреблением наркотиков, развитие сотрудничества в этой сфере правоохранительных органов, специализированных структур и учреждений, а также на повышение осведомленности населения о последствиях потребления наркотиков.

Реализация национальных стратегий способствовала ряду достижений в противодействии незаконному обороту наркотиков, снижению уровня наркомании и предотвращению её роста, а также формированию позитивного имиджа Таджикистана на международной арене.

Так, в отчете Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан отмечено снижение на 90% объема трафика наркотиков афганского производства по Северному маршруту [6], что свидетельствует о многократном усилении контроля в этой области.

Большая часть наркотиков, которые пытаются ввезти в Таджикистан контрабандой, изымается на границе или в приграничных районах. В 2023 году в Таджикистане была изъято 5 282 кг наркотиков [3], большая часть из которых были изъяты в приграничных районах, что говорит о выстраивании надёжного заслона ввозу наркотиков в Таджикистан и далее в другие страны.

В последние годы в зарубежных странах было зафиксировано ряд случаев незаконного перевоза наркотиков автомобильным транспортом из Таджикистана, было выявлено более 5 фактов перевозки более 395 кг героина, в то время, как 5-6 лет назад, ежегодно выявлялось 10-15 таких фактов, причем в крупных размерах (100 кг и более), зарегистрированных на территории Российской Федерации, Республике Казахстан и других стран.

Только за первые три месяца 2023 года за совершение наркопреступлений за границей арестовано 308 граждан Таджикистана, сообщил директор агентства по контролю за наркотиками Хабибулло Вохидзода. Несмотря на это благодаря проводимой в Республике Таджикистан антинаркотической политике и активизации профилактической работы сохраняется тенденция уменьшения числа фактов задержания за рубежом граждан Таджикистана за незаконный оборот наркотиков [4].

Ежегодно компетентные органы Республики Таджикистан выявляют от 500 до 1000 фактов незаконного оборота наркотиков. Так, в 2023 г. было зарегистрировано 699 наркопреступлений (в 2022 – 688). За 2022 – 2023 гг. было изъято около 10 тонн наркотиков (2022г.- 4 т. 991 кг. 176 гр. – 2023г. – 5 т. 282 кг. 814 гр. ). Наблюдается повышение объема изъятия наркотиков (в 2023 г. на 5,8%). В основном это наркотики афганского происхождения, изъятие которых в Таджикистане по своему объему превышает общее их количество, изъятое во всех соседних странах Центральной Азии и в Российской Федерации [5].

В последние годы в Таджикистане наблюдается снижение уровня наркомании среди населения. Число наркоманов сократилось с 8645 в 2008 г. до 4160 в 2024 г.

Только в 2023 году правоохранительные органы Таджикистана выявили и ликвидировали 41 организованных преступных групп, а также арестовали 77 главарей и активных членов. Это позволило усилить борьбу с наркотрафиком в странах, расположенных на «Северном маршруте», в том числе в Таджикистане. В последние годы количество фактов изъятие наркотиков афганского производства в Центральной Азии и Российской Федерации сократилось почти в 6 раз.

Деятельность Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан и других правоохранительных органов страны была направлена также на предотвращение производства наркотиков в самом Таджикистане. Ежегодно в республике изымается 5-7 тысяч таблеток новых синтетических психотропных препаратов которое изъятие которых

выросло на 3,8% в 2023 г. [6]. В основном это МДМА, алпразолам, фенобарбитал, амфетамин и другие виды. К слову, в 2006 г. в Таджикистане была впервые изъята всего одна таблетка синтетического психотропного препарата, затем это были единичные случаи, но за последние пять лет изъятие синтетических психотропных веществ и наркотиков приобрело систематический характер, что вызывает тревогу.

Так что, несмотря на принятые в Республике Таджикистан меры правового и организационного характера, проблема противодействия незаконному обороту наркотиков остается актуальной. Это связано с различными факторами, включая транзитный характер страны, сложность организации пограничного контроля, особенно в горной местности, сопряженные с наркоторговлей коррупцию и организованную преступность, высокий спрос на наркотики во всем мире и другие факторы.

Повышению эффективности противодействия незаконному обороту наркотиков препятствует недостаточный уровень взаимодействия между различными государственными органами и иными структурами.

Таким образом, можно считать, что организационно-правовой механизм противодействия незаконному обороту наркотиков в Республике Таджикистан еще находится в стадии формирования. Необходимо как постоянное совершенствование законодательных основ этой деятельности, так и модернизация всей системы противодействия незаконному обороту наркотиков, с учетом современных вызовов и требований. Важно обеспечить более эффективное взаимодействие между правоохранительными органами и иными госучреждениями, а также усилить превентивные меры с целью предотвращения незаконного оборота и потребления наркотиков. Подобные организационные меры, основанные на правовой основе, могут существенно снизить уровень незаконного оборота наркотиков и способствовать обеспечению безопасности и повышению уровня благополучия общества. Также необходимо улучшение международного сотрудничества в этой сфере, укрепление контроля за легальным оборотом наркотиков, повышение уровня квалификации сотрудников правоохранительных органов, развитие системы информатизации правоохранительной деятельности, дальнейшее совершение образовательных программ.

**Использованная литература**

1. Закон Республики Таджикистан «О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах» от 10.12.1999 № 873 (в редакции Закона РТ от 10.05.2002 г. № 37, от 29.04.2006 г.№ 179 от 30.07.2007 г. № 297, от 22.07.2013 г.№ 988, от 20.06.2019 г. № 1617, от 20.04.2021 г.№ 1778.
2. Об утверждении Национальной стратегии по контролю за наркотиками в Республике Таджикистан на 2021-2030 годы: Указ Президента Республики Таджикистан от 20.03.2021 № 145 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/ (дата образения: 12.02.2024).
3. В Агентстве прошла пресс-конференция (на тадж. яз.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://akn.tj/2024/02/05/a-press-conference-was-held-in-the-agency (дата обращения: 12.02.2024).
4. В Таджикистане назвали количество изъятых наркотиков // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://tj.sputniknews.ru/20230203/narkotiki-tajikistan-borba-1054662118.html (дата обращения: 01.03.2024).
5. Опиум для народа: как Таджикистан борется с распространением наркотиков из Афганистана // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://pressa.tj/opium-dlya-naroda-kak-tadzhikistan-boretsya-s-rasprostraneniem-narkotikov-iz-afganistana (дата обращения: 04.03.2024).
6. Отчёт Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан о реализации Национальной стратегии борьбы с незаконным оборотом наркотиков в Республике Таджикистан на 2013-2020 годы // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://akn.tj/ru/ (дата обращения: 12.02.2024).

7. Пресс-конференция в Министерстве внутренних дел (на тадж. яз.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.vkd.tj/index.php/tj/2020-01-18-07-50-18/khabar-o-bojgon/37574-nishasti-matbuot-dar-vazorati-kor-oi-dokhil (дата обращения: 07.03.2024).
8. Хайров, Ф.М. Уголовная ответственность за незаконный оборот прекурсоров и наркотических средств или психотропных веществ, а также растений, содержащих прекурсоры наркотических средств или психотропных веществ, по законодательству Российской Федерации и Республики Таджикистан: дисс. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Фирдавс Мадуллоевич Хайров. – М.: Академия управления МВД России, 2017. – 168 с.

## References

1. Law of the Republic of Tajikistan «On Narcotic Drugs, Psychotropic Substances and Precursors» dated 10.12.1999 No. 873 (as amended by the Law of the Republic of Tajikistan dated 10.05.2002 No. 37, dated 29.04.2006 No. 179, dated 30.07.2007 No. 297, dated 22.07.2013 No. 988, dated 20.06.2019 No. 1617, dated 20.04.2021 No. 1778.
2. On approval of the National Drug Control Strategy in the Republic of Tajikistan for 2021-2030: Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated 20.03.2021 № 145 // [Electronic resource] – Access mode: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/ (date of creation: 12.02.2024).
3. The Agency held a press conference (in Tajik) // [Electronic resource] - Access mode: https://akn.tj/2024/02/05/a-press-conference-was-held-in-the-agency (date of access: 12.02.2024).
4. Tajikistan named the number of seized drugs // [Electronic resource] - Access mode: https://tj.sputniknews.ru/20230203/narkotiki-tajikistan-borba-1054662118.html (date of access: 01.03.2024).
5. Opium for the people: how Tajikistan fights the spread of drugs from Afghanistan // [Electronic resource] - Access mode: https://pressa.tj/opium-dlya-naroda-kak-tadzhikistan-boretsya-s-rasprostraneniem-narkotikov-iz-afganistana (date of access: 03/04/2024).
6. Report of the Drug Control Agency under the President of the Republic of Tajikistan on the implementation of the National Strategy for Combating Illicit Drug Trafficking in the Republic of Tajikistan for 2013-2020 // [Electronic resource] - Access mode: https://akn.tj/ru/ (date of access: 02/12/2024).
7. Press conference at the Ministry of Internal Affairs (in Tajik) // [Electronic resource] - Access mode: https://www.vkd.tj/index.php/tj/2020-01-18-07-50-18/khabar-o-bojgon/37574-nishasti-matbuot-dar-vazorati-kor-oi-dokhil (date of access: 03/07/2024).
8. Khairov, F.M. Criminal liability for illegal trafficking of precursors and narcotic drugs or psychotropic substances, as well as plants containing precursors of narcotic drugs or psychotropic substances, under the legislation of the Russian Federation and the Republic of Tajikistan: diss. ... Cand. of Law: 12.00.08 / Firdavs Madulloevich Khairov. – M.: Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2017. – 168 p.

ТДУ 343.326:336.025

# ТАШАККУЛЁБИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФОРМИРОВАНИЕ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ФИНАНСИРОВАНИЕ ТЕРРОРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

# FORMATION OF CRIMINAL LIABILITY FOR FINANCING TERRORISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

САВЗААЛИЗОД Ф.С.
SAVZAALIZOD F.S.
*Муҳандиси Қисми мустақили 5-уми Ҳарбикунонидашудаи Хадамоти давлатии оташнишонӣ оид ба муҳофизати ноҳияи Сино-1-и шаҳри Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори хизмати дохилӣ*
*Инженер 5-ой Отдельной военнизированной части Государственной противопожарной службы по охране района Сино-1 города Душанбе Республики Таджикистан, соискатель Академии МВД Республики Таджикистан, майор внутренней службы*
*Engineer of the 5th Separate Paramilitary Unit of the State Fire Service for the Protection of the Sino-1 District of Dushanbe, Republic of Tajikistan, applicant for the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Major of the Internal Service*



E-mail: h.safarov@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (5.1.4. Илмҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ).

*Научная специальность:* 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право (5.1.4. Уголовно-правовые науки).

*Scientific specialty:* 12.00.08 - Criminal law and criminology; penal law (5.1.4. Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда*: САФАРЗОДА Ҳ.С. – профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия (роҳбари илмӣ).

*Рецензент*: САФАРЗОДА Х.С. – профессор кафедры предупреждения террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции (научный руководитель).

*Reviewer*: SAFARZODA H.S. – Professor of the Department of Prevention of Terrorist Crimes and Public Safety of Faculty No. 6 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor, Colonel of militia (scientific adviser).

*Аннотатсия:* Дар мақола заминаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва аломатҳои хосси таркиби ҷиноятҳои хусусияти террористидошта дар меҳвари рушд ёфтани қонунгузории миллӣ дар ин самт ва мустақар гардидани аломатҳои таркиби ҷинояти маблағгузории терроризм дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин асосҳои умумиҳуқуқии муқовимат ба он ҳадафмандона баррасӣ гардидаанд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки заминаи пайдоиши ҷинояти маблағгузории терроризмро талаботи калидии назариявӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба ташакку-

лёбии ҷинояти терроризм ва дигар ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ташкил дода, барои дар зинаи барвақтар пешгирӣ намудани амалҳои террористӣ барои маблағгузории терроризм пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ тақозои замон ва имконияти пурсамаре хоҳад буд.

*Вожаҳои калидӣ:* терроризм, ҷиноятҳои хусусияти террористидошта, маблағгузорӣ, муқовимат, қонунгузории ҷиноятӣ, аломатҳои таркибӣ, пешгирӣ.

*Аннотация:* В статье рассмотрены теоретико-правовые основы и признаки состава преступлений террористического характера в русле развития национального законодательства в этом направлении, закрепления признаков преступления финансирования терроризма в Уголовном кодексе Республики Таджикистан, а также общие правовые основы противодействия ему. Автор приходит к выводу, что основу финансирования признаков финансирования терроризма составляют теоретические и правовые требования, связанные с формированием самого преступления терроризма и других преступлений террористического характера, утверждая, что в целях предотвращения террористических актов на ранней стадии и привлечения к уголовной ответственности за финансирование терроризма, требуются время и эффективные возможности.

*Ключевые слова:* терроризм, преступления террористического характера, финансирование, противодействие, уголовное законодательство, признаки преступления, профилактика.

*Annotation*: The article examines the theoretical and legal foundations and features of the composition of terrorist crimes in line with the development of national legislation in this direction, the consolidation of the elements of the crime of financing terrorism in the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, as well as the general legal basis for countering it. The author concludes that the basis for financing the signs of financing terrorism is the theoretical and legal requirements associated with the formation of the crime of terrorism itself and other terrorist crimes, arguing that in order to prevent terrorist acts at an early stage and bring to criminal liability for financing terrorism, time and effective opportunities are required.

*Key words:* terrorism, terrorist crimes, financing, counteraction, criminal legislation, elements of a crime, prevention.

Терроризм - ҳамчун падидаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, маҷмуи ҷиноятҳоеро фаро мегирад, ки бо роҳи талқини мафкура ва амалҳои зӯроварӣ аз ҷониби ташкилоти экстремистӣ-террористӣ содир карда мешаванд. Имрӯз ҳамаи ин падидаҳои мураккаби иҷтимоию сиёсӣ дар шароити вокеияти нави байналмилалӣ - ба ҳам бархӯрдани манфиатҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ, ба вуҷуд омадани таҳдидҳои бевоситаи истифода гардидани силоҳи қатли ом ва аз нав тақсим кардани ҷаҳон ба амал меоянд.

Зӯроварӣ барои террористон воситаи муассиртарин барои расидан ба ҳадафҳои ҷиноятиашон аст. Онҳо аз истифодаи усулҳои бераҳмтаринашон дар шакли таркиш, сӯхтор, тирпаронӣ ва ба қатл расонидани мардуми бегуноҳ мефахранд ва амалҳои ҷинояткоронаи худро ҳамчун «қаҳрамонони роҳи ҳақ» сафед кардани мешаванд. Объекти асосии таъсиррасонии онҳо мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, сохторҳои қудратӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ маҳсуб меёбанд.

Дар «Луғати забони русӣ»-и А.П. Евгенева «террор» ҳамчун сиёсати даҳшатафканӣ бо истифода аз чораҳои зӯроварӣ (куштор, таъқибнамоӣ ва ғ.) барои пахш кардани рақибҳои сиёсӣ, арзёбӣ мегардад [14, с. 359].

Мафҳуми ҳуқуқӣ-ҷиноятии терроризм дар диспозитсияи моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) дорои ҳудудҳои мушаххастар мебошад, ки чунин дарҷ гардидааст: "Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани

зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо” [1].

Дар банди 8 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба терроризм” мафҳуми умумиҳуқуқии терроризм чунин ифода ёфтааст: “мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад” [2].

Дар б. 12 м. 1 қонуни мазкур бошад, мафҳуми “фаъолияти террористӣ”, ки бо тарзи умумӣ аломатҳои бархе аз ҷиноятҳои хусусияти террористидоштаро дар бар мегирад, чунин ифода ёфтааст: “Фаъолияте, ки ба содир намудани як ва ё якчанд ҷинояти дорои хусусияти террористӣ равона шудааст ва кирдорҳои ташкил, банақшагирӣ, тайёрӣ ва содир намудани амалҳои террористиро дар бар гирифтааст, моил кардан ба содиркунии амалҳои террористӣ, даъвати зӯроварӣ бо ҳадафҳои террористӣ, ташкили гурӯҳҳои ҳарбикардашудаи ғайриқонунӣ ё ташкилоти ҷиноятӣ бо мақсади содир намудани амалҳои террористӣ, инчунин, иштирок намудан дар онҳо, ҷалб кардан, мусаллаҳ намудан ё истифодаи террористон, инчунин, ба онҳо омӯзонидани малакаи террористӣ, маблағгузории ташкилоти террористӣ ё террористон, дар ҳама шакл кумак расондан ба ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон террористӣ эътироф шудааст, таблиғоти ғояҳои терроризм, паҳн кардани мавод ё иттилооте, ки ба амалигардонии фаъолияти террористӣ даъват менамояд ё зарурати амалигардонии чунин фаъолиятро асоснок ё сафед мекунанд, аз ҷумла, бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионии истифодаи умум ва Интернет, мусоидат кардан ба тайёр ва содир намудани амалҳои террористиро дар бар гирифтааст” [2].

Аз мазмуни мафҳуми зикршуда бармеояд, ки муҳтавои табиати умумиҳуқуқии терроризмро дар маҷмуъ кирдорҳои ҷиноятӣ вобаста ба ташкил, банақшагирӣ, тайёрӣ ва содир намудани амалҳои террористии дар моддаҳои 179 (Терроризм), 179(1) (Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо), 179(2) (Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта), 179(3) (Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ), 181 (Ғасби гаравгон), 182 (Ғасби бино, иншоот, воситаҳои иттилоот ва алоқа), 184 (Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатори роҳи оҳан), 184(1) (Ғасб, вайрон кардан, содир намудани амалҳои зӯроварӣ дар платформаи стасионарии воқеи шелфи континенталӣ), 184(2) (Кирдорҳои қасдона ба муқобили бехатарии ҳавопаймо ё киштӣ), 184(3) (Ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии фурӯдгоҳҳое, ки ба авиатсияи гражданӣ хизмат мерасонанд), 184(4) (Интиқоли ғайриқонунии шахси содирнамудаи ҷинояти хусусияти террористидошта дар нақлиёт), 185 (Ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ), 193 (Муносибати ғайриқонунӣ бо маводди радиоактивӣ), 194 (Тасарруфи маводди радиоактивӣ), 194(1) (Истифодабарии ғайриқонунии мавод, воситаи радиоактивӣ ё объекти ядроӣ), 194(2) (Ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии дастгоҳи ядроӣ), 194(3) (Ғайриқонунӣ тайёр кардани воситаи таркандаи ядроӣ ё воситаи афканандаи радиатсия), 194(4) (Ҳамлу нақли ғайриқонунии моддаҳои тарканда, маводди радиоактивӣ, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ дар ҳавопаймо, киштӣ ё

нақлиёти хушкигард), 194(5) (Ғайриқонунӣ истифода бурдан ва ё партофтани моддаҳои тарканда, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ, моддаҳои хатарнок ва зараррасон аз киштӣ ё платформаи стасионарии воқеи шелфи континенталӣ), 310 (Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), 402 (Ҳамла ба шахсон ва муассисаҳои таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта), ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, ташкил медиҳанд.

Зикр кардан зарур аст, ки маҷмуи ҷиноятҳои хусусияти террористидошта, дар назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои аломатҳои махсуси муттаҳидкунандаи ингуна ҷиноятҳо мебошанд. Бо назардошти афкори муқтадири олимони варзида аз қабили Ю.М. Антонян, В.С. Верещетин, А.Э. Жалинский, М.П. Киреев, С.Г. Келина, В.С. Комиссаров, В.В. Лунеев, К.Ф. Шеремет [12, с. 20-43] ва омӯзиши як қатор монографияҳои илмӣ [8; 10; 11] аломатҳои муосири терроризм дар доираи мафҳуми зерин ҷойгузин мебошанд: «терроризм – ин ба амал овардани таркиш, сӯхтор, тирпаронӣ ва ё дигар кирдорҳои бо хавфи умум содиршаванда ва ё таҳдиди содир намудани чунин кирдорҳо мебошад, ки онҳо метавонанд боиси марги одамон ва ё дигар оқибатҳои вазнин гарданд ва бо мақсади ба вуҷуд овардани тарсу ҳарос дар байни омма ва маҷбур сохтани давлат, ташкилоти байналмилалӣ, ашхосси ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои қабул кардани қарор ба манфиати террористон равона мебошад» [13, с. 69].

Мафҳуми мазкур дорои аломатҳои махсусе мебошад, ки тамоми ҷиноятҳои хусусияти террористидошта аз онҳо сарчашма мегиранд. Аз ҷумла:

1. Амали террористӣ кирдори якдаъфаина аст, ки қувваҳои мухолиф дар асоси идеологияи ғалат, таҳрифшуда ва ҷангҷӯӣ бо мақсади нишон додани қувваи зӯроварӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (куча, бозор, вокзал, фурудгоҳ, мактаб, масҷид ва ғ.) ба муқобили мардуми осоишта, чеҳраҳои шинохта (ходимони давлатӣ, арбобони сиёсӣ, мардуми осоишта) ва ё ташкилоти байналмилалӣ содир менамоянд.

2. Дидаву дониста дар байни мардум тарсу ҳарос, ноумедӣ ва ноoромиро ба вуҷуд оварда, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро халалдор менамояд.

3. Бо хавфи умум нисбати теъдоди номуайяни шаҳрвандон зуҳур ёфта, таҳдиди бевоситаи марги одамон, расонидани зарари назарраси амволӣ ва ё дигар оқибатҳои хавфноки ҷамъиятиро ба вуҷуд меорад.

4. Бо роҳи ба вуҷуд овардани фазои пуртарсу ҳарос ва вайрон намудани амнияти ҷамъиятӣ мақомти давлатӣ, ташкилоти байналмилалӣ, ашхосси ҳуқуқӣ ва воқеро барои қабули қарор ба манфиати террористон маҷбур месозад.

Муҳимтарин сарчашмаи байналмиллалӣ дар муқовимат ба маблағгузории терроризм бошад, Оинномаи СММ, Конвенсияи СММ алайҳи гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ мебошад, зеро ба андешаи муҳаққиқон, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризм маҳсуб меёбад.

Конвенсияи байналмилалии соли 1999 оид ба мубориза бо маблағгузории терроризм аз кишварҳо талаб мекунад, ки барои маблағгузорони терроризм вобаста ба дараҷаи хавфнокии кирдор ва оқибатҳои он ҷавобгарии ҷиноятӣ, гражданӣ ва маъмурӣ муқаррар намоянд. Ҳамчун механизми иловагии муќовимат тавсия дода мешавад, ки маблағҳои барои содир намудани амалҳои террористӣ пешбинишуда, муайян, ҳабс ва мусодира карда шаванд. Дар чунин ҳолат сирри бонкӣ бо далелҳои кофии даст доштан дар маблағгузории терроризм наметавонад монеаи ҳамкориҳо ва рафъи ин ҷиноятҳо бошад [3, с. 10].

Дар ҳамин радиф мавқеи С.Ю. Богомолов оид ба пурзур намудани масъулият барои маблағгузории амалҳои террористии хусусияти байналмилалидошта, боиси пазироист [9, с. 52]. Зеро сари вақт пешгирӣ намудани

маблағгузории ташкилотҳои террористии байналмилалӣ асосҳои иқтисодӣ ва аслиҳотии онҳоро заиф месозад ва барои пешгирӣ намудани амалҳои террористӣ шароит фароҳам меорад.

Аз ҷумла, муаллифи мазкур пешниҳод менамояд, ба ҳайси ҳолати вазнинкунанда дар қонунгузории ҷиноятӣ талаботи зерин ворид карда шавад: «агар чунин кирдор бо мақсади маблағгузорӣ намудани ташкилоти террористии байналмилалӣ содир шуда бошад» [9, с. 53].

Дар маҷмуъ масъалаҳои мубориза бо пулшӯӣ дар доираи Конвенсияи Венагии СММ [4] Конвенсияи Иттиҳоди Аврупо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия [7], Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ [5] ва Конвенсияи СММ зидди коррупсия [6] муайян гардидаанд, ки ба андешаи муҳаққиқон барои муқовимат ба маблағгузории терроризм низ мусоидат менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳсоси таҳдидҳои афзояндаи терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди сулҳу босубот дар ҷаҳон ба пайгирӣ аз Қатъномаҳои Шурои амнияти СММ дар самти МКД/МТ 1267 (с. 1999) аз 15 октябри 1999 с, 1333 (с. 2000) аз 19 декабри 2000 с., 1363 (с. 2001) аз 30 июли 2001 с., 1373 (с. 2001) аз 28 сентябри 2001 с., 1390 (с. 2002) аз 16 январи 2002 с., 1452 (с. 2002) аз 20 декабри 2002 с., 1455 (2003) аз 17 январи 2003 с., 1526 (с. 2004) аз 30 января 2004 с., 1566 (с. 2004) аз 8 октябри 2004 с. ва №1617 аз 29 июли 2005., №1988 (с. 2011) аз 17 июни 2011 с., № 1989 (с. 2011) аз 17 июни соли 2011с., № 2161 (с. 2014), № 2170 (с. 2014), № 2178 (с. 2014), № 2199 (с. 2015) муборизаро дар ин самт пурзӯр намуда, зина ба зина қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» (қаблан - «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»), «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15-уми марти соли 2023, № 1950 (Минбаъд – МКД/МТ /МПСҚО) ва даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигарро қабул намуда, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои дахлдор ворид намудааст

Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадориҳои байналмилалии худро дар самти МКД/МТ зина ба зина иҷро намуда, бо мақсади дар амал татбиқ намудани онҳо дар КҶ ҶТ м. 57 (Мусодираи молу мулк - Тавсияи 4 ФАТФ), м. 262 (Қонунигардонии (расмикунонии) даромадњои бо роҳи ҷиноят бадастоварда - Тавсияи 3 ФАТФ), м. 179(2) (Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта - Тавсияи 5 ФАТФ) ва дигар моддаҳои дахлдорро ворид намуда, асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ашхоси гунаҳгор, мусодира намудани амволи онҳо ва андозаву намудҳои ҷазои ҷиноятро барои кирдорҳои хавфноки гунаҳгорон муқаррар кардааст.

Аз ҷумла, дар қ. 1 м. 179(2) КҶ ҶТ мафҳуми ҳуқуқӣ-ҷиноятии маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта чунин мустақар гардидааст, ки “Бевосита ё бавосита пешниҳод намудан ё ҷамъ овардани воситаҳо бо мақсади пурра ё қисман истифодаи онҳо ё бо дарки он аз ҷониби террористи алоҳида ё гурӯҳи (ташкилоти) террористӣ ё бо мақсади таъминоти молиявии террористи алоҳида ё гурӯҳи (ташкилоти) террористӣ ё, ки ин воситаҳо барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 179, 179(1), 179(3), 181, 182, 184, 184(1), 184(2), 184(3), 184(4), 185, 193, 194, 194(1), 194(2), 194(3), 194(4), 194(5), 310, 401(1) ва 402 пешбининамудаи ҳамин Кодекс истифода мегарданд, ҳамчунин агар воситаҳои мазкур воқеан дар ҷиноятҳои зикршуда истифода нагарданд, инчунин маблағгузории террористи алоҳида ё гурӯҳи (ташкилоти) террористӣ, ҳатто агар он бо акти (актҳои) террористии мушаххас алоқаманд набошад ё барои маблағгузории сафари шахсони воқеӣ ба давлате, ки дар он ҷо истиқомат намекунанд ва ё шаҳрванди он нестанд, бо мақсади содир кардан, банақшагирӣ, тайёр кардан ё иштирок дар содир намудани акти (актҳои) террористӣ ва ё

барои тайёр намудани террористон ё гузаштан аз чунин тайёрӣ" [1].

Зери мафҳуми "воситаҳо" дар эзоҳи моддаи мазкур "активҳои ҳама навъ, ламсшаванда ё ламснашаванда, манқул ё ғайриманқул, новобаста ба тарзи ба даст овардани онҳо, ҳамчунин, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва ё санадҳо дар ҳама гуна шакл, аз он ҷумл,а электронӣ ва рақамӣ, ки ҳуқуқро ба чунин активҳо ва ё иштирок дар онҳоро тасдиқ менамоянд, инчунин, кредитҳои бонкӣ, чекҳои сафарӣ, чекҳои бонкӣ, интиқолоти почтавӣ, саҳмияҳо, коғазҳои қиматнок, облигатсияҳо, векселҳо, аккредитивҳо ва ғайраҳо фаҳмида мешаванд" [1].

Инчунин, дар асоси Қатномаҳои дахлдор ниҳоди институтсионалӣ ба монанди Департаменти мониторинги молиявӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон ташкил карда шуд.

Зикр кардан зарур аст, ки Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – ША СММ) дар асоси қатъномаҳои зикр кардида механизми байналмилалии муқовимат ба Қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм роҳандозӣ намуда, аз ҷумла, Кумитаҳои зеринро таъсис додааст:

– Кумита оид ба Қатъномаи № 1267 - Кумитаи ША СММ, ки дар асоси банди 6 Қатъномаи ША СММ № 1267 (1999) аз 15-уми октябри соли 1999 оид ба гурӯҳи террористии Ал-Қоида таъсис ёфтааст;

– Кумита оид ба Қатъномаи №1988 - Кумитаи ША СММ, ки дар асоси банди 30 Қатъномаи ША СММ № 1988 (2011) аз 17-уми июни соли 2011 оид ба гурӯҳи террористии Толибон таъсис ёфтааст.

Дар асоси қатъномаҳои мазкур Рӯйхати муттаҳид - рӯйхати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки бо Усомма Бинни Лодан алоқаманд буданд, аз ҷумла онҳое, ки ба ташкилоти «Ал-Қоида» ва ҷунбиши «Толибон» шомиланд, одамон, гурӯҳҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита бо ташкилоти «Ал-Қоида», ҷунбиши «Толибон», ДИИШ (Давлати Исломии Ироқ ва Шом) ва ШДН (Ҷабҳат «АнНусра») алоқамандӣ доранд, инчунин дигар нафароне, ки бевосита ё бавосита мутобиқи Қатъномаҳои № 1267 (с 1999), № 1333 (с 2000), № 1373 (с 2001), № 1988 (с 2011), № 1989 (с 2011) № 2161 (с 2014), № 2170 (с 2014), № 2178 (с 2014), № 2199 (с 2015) ба фаъолияти террористӣ алоқаманд ҳастанд, мураттаб гардидааст [15].

Дар асоси қатъномаҳои мазкур рӯйхати байналмиллаии террористон ва рӯйхати миллии давлатҳо дар ин самт тартиб дода шуда, механизми ба онҳо ворид кардани шахсони гумонбаршуда ва аз ин рӯйхатҳо баровардани ашхоси бегуноҳ ва ё фавтида мушаххасан коркард шудаанд ва инчунин, фаъолияти муштараки давлатҳои ҷаҳон дар зери сарпарастии ША СММ дар самти МКД/МТ /МПСҚО хеле хуб роҳандозӣ гардидааст.

Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба маблағгузории терроризмро дар баробари санадҳои меъёрии байналмиалӣ, қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҷумҳуриявӣ ва дохилиидоравӣ ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин, қайд кардан мумкин аст, ки Тоҷикистон бо назардошти уҳдадориҳои байналмилалии худ асосҳои ташкили ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои молиявиро вобаста ба МКД/МТ /МПСҚО муҳайё сохтааст.

Тамоми мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба фаъолияти молиявӣ сару кор доранд дар назди Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти ҳисоботдиҳанда оид ба масъалаҳои муқовимат ба маблағгузории терроризм масъулият доранд. Онҳо бояд воҳиди корӣ ва корманди махсус ба корҳои назорат дар самти муқовимат ба маблағгузории терроризм машғулшаванда (ҳисоботдиҳанда) ташкил намоянд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба маблағгузории терроризм барои хулосабандиҳои зерин мусоидат намуданд:

1. Маблағгузории терроризм як шакли фаъолияти байналмилалии террористӣ буда, бо мақсади дар оянда ноором кардани амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ,

тасарруф намудани ҳокимияти давлатӣ ва тақсимоти захираҳои иқтисодӣ амалӣ сохта шуда, дар содир кардани як ва ё якчанд ҷиноятҳои хусусияти террористидошта зуҳур меёбад.

2. Терроризм дорои мафҳуми умумиҳукуқӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ буда, дар зери мафҳуми умумиҳуқуқии он маҷмуи ҷиноятҳои ҳусусияти террористидошта фаҳмида мешавад, ки дорои аломатҳои зерини таҷассумкунандаи кирдори террористӣ мебошанд:

а) бо хавфи умумиҷамъиятӣ дар шакли таркиш, сухтор, тирпароннӣ, заҳролудкунӣ ва ғ. содир карда мешаванд;

б) бо мақсади тарсондани аҳолӣ бо таври ошкоро содир карда мешаванд;

в) талабот ошкоро пешниҳод мегарданд ва ё рақибон қаблан талаботи онҳоро медонанд;

г) зӯроварӣ нисбати табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ (шаҳрвандони оддӣ, ходимони сиёсии ҷамъиятӣ ва давлатӣ, намояндагони ташкилоти хориҷӣ) содир гардида, талабот ба шахсони алоҳидаи бонуфуз, намояндагони мақомоти давлатӣ ва ташкилоти байналмилаллӣ пешниҳод мегарданд.

3. Зери мафҳуми ҳуқуқӣ-ҷиноятии терроризм ба амал овардани таркиш, сӯхтор, тирпаронӣ ва ё дигар кирдорҳои бо хавфи умум содиршаванда ва ё таҳдиди содир намудани чунин кирдорҳо фаҳмида мешавад, ки онҳо метавонанд боиси марги одамон ва ё дигар оқибатҳои вазнин гарданд ва бо мақсади ба вуҷуд овардани тарсу ҳарос дар байни омма ва маҷбур сохтани давлат, ташкилоти байналмилалӣ, ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои қабул кардани қарор ба манфиати террористон равона мебошад.

4. Маблағгузории терроризм новобаста ба он, ки бевосита аломатҳои таҷассумкунандаи кирдорҳои хусусияти террористидоштаро дар бар намегирад, бо мақсади фароҳам овардани шароит (додани манзил, таъминот бо воситаҳои техникӣ, хурду хӯрок, нақлиёт, либоса, доруворӣ, харидорӣ намудани силоҳу аслиҳа, маблағҳои пулӣ ва ғ.) барои содир намудани як ва ё якчанд ҷиноятҳои хусусияти террористидошта, содир карда мешавад.

5. Қонунгузории байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат ба маблағгузории терроризм дар сатҳҳои гуногуни ҳамкории байналмилалӣ ягона буда, он аз Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди маблағгузории терроризм (с. 1999) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба раванди қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят ба дастоварда, маблағҳои аз гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, силоҳи оташфишон бадастомада монеа эҷод менамоянд, маншаъ мегирад.

6. Тибки талаботи Қатъномаҳои Шурои амнияти СММ ва сохторҳои минтақавии он (ФАТФ) бо мақсади пешгирӣ кардани маблағгузории терроризм ба КҶ ҶТ моддаҳои дахлдор ворид карда шуда, вазифа ва функсияҳои ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври мушаххас муайян карда шуданд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1998, № 9, м. 68, м. 69, № 22, м. 306 (Қонуни ҶТ аз 20.04.2021 с., № 1776).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба терроризм” аз 23-юми декабри соли 2021, №1808 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://mmk.tj/content/.

3. Международная конвенция о борьбе с финансированием терроризма, принята резолюцией 54/109 Генеральной Ассамблеи ООН от 9 декабря 1999 г. // Бюллетень международных договоров. – 2003. – № 5. – С. 10–23.

4. Конвенция ООН о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ (заключена в Вене 20 декабря 1988 г.) // Сборник международных договоров СССР и РФ. – Вып. XLVII. – М., 1994.

5. Конвенция ООН против транснациональной организованной преступности (принята в г. Нью-Йорке 15 ноября 2000 г. Резолюцией 55/25 на 62-м пленарном заседании 55-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН) // СЗ РФ. – 2004. – № 40. – Ст. 3882.
6. Конвенция ООН против коррупции (принята в г. Нью-Йорке 31 октября 2003 г. Резолюцией 58/4 на 51-м пленарном заседании 58-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН) // СЗ РФ. – 2006. – № 26. – Ст. 2780.
7. Конвенция Совета Европы об отмывании, выявлении, изъятии и конфискации доходов от преступной деятельности: заключена в г. Страсбурге 8 ноября 1990 г. // Сборник Законодательства РФ. – 2003. – № 3. – 427 с.
8. Антипенко, В.Ф Современный терроризм (Состояние и пути его предупреждения в Украине): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.10 / Владимир Федорович Антипенко. – Киев, 1999.– 178 с.
9. Богомолов, С.Ю. Ответственность за финансирование терроризма: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дис… канд. юрид. наук: 12.00.08 / Станислав Юрьевич Богомолов. – Нижний Новгород, 2017. – 285 с.
10. Емельянов, В.П. Терроризм и преступления с признаками терроризирования: уголовно-правовое исследование В.П. Емельянов. – СПб.: Издательство «Юридический цент Пресс». 2002. – 289 с.
11. Имомов, А.Х. Терроризм и религиозный экстремизм - формы организованной преступности в Таджикистане / А.Х. Имомов // Прокурорская и следственная практика. – 2003. – № 1-2. – С. 48-54.
12. Материалы круглого стола «Терроризм: психологические корни и правовые оценки» // Государство и право. – 1995. – № 4. – 357 с.
13. Сафаров, Х.С. Терроризм: проблемы законодательного закрепления и квалификации (на материалах Республики Таджикистан и стран СНГ): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Хаёт Саидамирович Сафаров Х.С. – М., 2005. – 157 с.
14. Словарь русского языка: в 4 т. Т. 4: С - Я / [гл. ред. А.П. Евгеньева; - Изд. 3-е. – М.: Русский язык, 1988. – 795 с.
15. Ҳайдарзода, М.П. Маҷмуаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ оиди муқовимат ба экстремизм ва терроризм. Қисми 3. – Душанбе: Контраст, 2021. – 137 с.

**References**

1. The Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, p. 1998, No. 574 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan p. 1998, No. 9, p. 68, m. 69, No. 22, Art. 306 (Law of the Republic of Tajikistan dated 20.04.2021, No. 1776).
2. Law of the Republic of Tajikistan “On Combating Terrorism” dated December 23, 2021, No. 1808 // [Electronic source] - Access mode: http://mmk.tj/content/.
3. International Convention for the Suppression of the Financing of Terrorism of December 9, 1999 // Bulletin of International Treaties. – 2003. – No. 5. – Pp. 10-23.
4. UN Convention against Illicit Traffic in Narcotic Drugs and Psychotropic Substances (concluded in Vienna on December 20, 1988) // Collection of International Treaties of the USSR and the Russian Federation. Issue XLVII. – Moscow, 1994.
5. UN Convention against Transnational Organized Crime (adopted in New York on November 15, 2000 by Resolution 55/25 at the 62nd plenary meeting of the 55th session of the UN General Assembly) // Collected Legislation of the Russian Federation. – 2004. – No. 40. – Art. 3882.
6. UN Convention against Corruption (adopted in New York on October 31, 2003 by Resolution 58/4 at the 51st plenary meeting of the 58th session of the UN General Assembly) // Collected Legislation of the Russian Federation. – 2006. – No. 26. – Art. 2780.
7. Council of Europe Convention on Laundering, Search, Seizure and Confiscation of the Proceeds from Crime: concluded in Strasbourg on November 8, 1990 // Collection of Legislation of the Russian Federation. – 2003. – No. 3. – 427 p.
8. Antipenko, V.F. Modern terrorism (State and ways of its prevention in Ukraine): dis. ... Cand. of Law: 12.00.10 / Vladimir Fedorovich Antipenko. – Kyiv, 1999. – 178 p.
